ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

# МАСЪАЛАҲОИ МУОСИРИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ВА ГУМАНИТАРӢ




ДУШАНБЕ - 2025

**Ҳайати таҳририя:**
Қодиров Ф.А., Фарайдунов О.Қ.,
Ҳамроев М.И., Худойбердиев Ҷ.М.

**Редакционная коллегия:**
Кодиров Ф.А., Фарайдунов О.К.,
Хамроев М.И., Худойбердиев Дж.М.

Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон, магистрантону докторантон ва донишҷӯён бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон гардидани солҳои 2025-2030, «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон шудани соли 2025 ва 34-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21-26 апрели соли 2025) – Душанбе, 2025.- 112 саҳ.

Дар маҷмӯа маърӯзаҳои илмии профессорон, омӯзгорон, докторантон, унвонҷӯён ва магистрантону донишҷӯён гирд оварда шудааст. Мақолаҳо палӯҳои гуногуни масоили илми иқтисодӣ аз қабили самтҳои молия, андоз, бонк, суғурта, фаъолияти биржавӣ ва саноатро дар бар мегирад.

Масъулияти муҳтавои илмӣ, далелҳо ва иқтибосҳо ба зиммаи худи муаллифони мақолаҳо вогузор мегардад.

Сборник материалов общеуниверситетской научно-теоретической конференции преподавателей, сотрудников, магистрантов, докторантов и студентов, посвященной объявление 2025-2030 годов «Годами развития цифровой экономики и инноваций», «Международным годом сохранения ледников» объявление года 2025 и 34-я годовщина государственной независимости Республики Таджикистан (21-26 апреля 2025 г.) –Душанбе, 2025. -112 стр.

В сборнике собраны научные доклады профессоров, преподавателей, докторантов, соискателей, магистрантов и студентов. Статьи охватывают широкие аспекты экономической науки, такие как финансы, налогообложение, банковское дело, страхование, деятельность фондового рынка и промышленность.

Ответственность за научное содержание, точность факторов и цитаты несут авторы опубликованных материалов.

**©ДДМИТ, 2025**
**©ТГФЭУ, 2025**

# ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ А. М. МУХТАРОВА ПО СБОРУ И РАСШИФРОВКЕ ЭПИГРАФИЧЕСКИХ МАТЕРИАЛОВ

**Насриддинов Хуршед Назарович** – к.и.н., доцент кафедры гуманитарных наук Таджикского государственного финансово-экономического университета, г. Душанбе. р. Сино Нахимова 64/14, телефон 93.804.88.11. Khurshed.nasriddinov@mail.ru

В статье рассматривается вклад академика А. Мухтарова как основоположника одного из сложнейших направлений исторической науки-эпиграфики. В статье также освещаются многочисленные проблемы политической, социальной, экономической, этнической, культурной и административной истории средневекового таджикского народа, которые обсуждались академиком А. Мухторовым, изучается использование эпиграфических приемов и подвергаются всестороннему анализу.

**Ключевые слова:** надписей на скалах, кайраках, кухистан, дихкан, эпиграфических материалов.

# THE ACTIVITIES OF A. M. MUKHTAROV IN COLLECTING AND DECODING EPIGRAPHICAL MATERIALS

**Nasriddinov Khurshed Nazarovich** - Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of Humanities, Tajik State University of Finance and Economics, Dushanbe, Sino Nakhimova 64/14, phone 93.804.88.11. Khurshed.nasriddinov@mail.ru

The article examines the contribution of academician A. Mukhtarov as the founder of one of the most complex areas of historical science - epigraphy. The article also highlights numerous problems of political, social, economic, ethnic, cultural and administrative history of the medieval Tajik people, which were discussed by academician A. Mukhtarov, the use of epigraphic techniques is studied and subjected to comprehensive analysis.

**Keywords:** inscriptions on rocks, kayraks, kuhistans, dihkans, epigraphic materials.

# ФАЪОЛИЯТИ А.М МУХТАРОВ ОИДИ ҶАМЪОВАРӢ ВА КОРКАРДИ МАВОДҲОИ МАТЕРИАЛХОИ ЭПИГРАФӢ

**Насриддинов Хуршед Назарович**-н.и.т., дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикитсон ш.Душанбе н. Сино Нахимова 64/14, телефон 93.804.88.11. Khurshed.nasriddinov@mail.ru

Дар мақолаи мазкур сахми академик А.Мухтаров ҳамчун асосгузори яке аз соҳаҳои мураккабтарини илми таърих-эпиграфия мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Инчунин мақолаи мазкур фарогирӣ проблемаҳои сершумори таърихи сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодӣ, этникӣ, фарҳангӣ ва маъмурии таърихи асримиёнагии халқи тоҷикро, ки академик А. Мухторов истифода аз мафодҳои эпиграфӣ омухтааст, мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

**Калидвожаҳо:** навиштаҷоти руи сангҳо, қайроқсангҳо, куҳистон, деҳқон, маводҳои эпиграфӣ.

Среди исторических источников немаловажное значение имеют надписи на камнях, керамических изделиях, тканях и бытовых предметах из металла и дерева. Они воскрешают не только язык и мысли прошлых поколений, но часто и факты политической, экономической, бытовой или идеологической истории. Многие из старинных сочинений дошли до нас только в копиях, сделанных в более позднее время. Когда историк имеет возможность пользоваться разными списками одного и тоже сочинения, он всегда сталкивается с разночтениями, проистекающими от описок, сокращений или добавлений, которые внесены переписчиками. Надписи на камнях, утвари, тканях, оружий и пр. доходят до нас, как правило, подлинными и поэтому избавляют исследователя от трудной и не всегда успешной работы по восстановлению первоначального текста.

Одним из достоинств эпиграфических памятников является то, что они дошли до нас в подлинном виде. Место составления рукописей, а также надписей на посуде, тканях, металлических и деревянных предметах быта далеко не всегда точно установлено. В то же время трудность транспортировки каменных блоков и плит является причиной того, что место находки их либо совпадает с их первоначальным местонахождением, либо, за редким исключением, находится от него в непосредственной близости. Это также принадлежит к важным достоинствам надписей на камнях как исторического источника.

Большие заслуги А. М. Мухтарова в собирании уникальных эпиграфических памятников (надписей на скалах и на кайраках), отражающих социально – экономическую и культурную жизнь народов Средней Азии, начиная от эпохи средневековья и до начала нынешнего века. А.Мухтаров со своими сотрудниками объездил территории всех среднеазиатских республик, включая самые отдаленные горные районы. Каждая их поездка венчалась уникальными находками.

Накопление эпиграфических материалов привело А. Мухтарова к изданию в Душанбе обобщающего исследования об арабских и персидских надписях. В 1978 году вышла в свет монография А. Мухтарова под названием «Эпиграфические памятники Кухистана», где было опубликовано около 200 надписей на придорожных камнях, скалах и эпитафии. Главная ценность этих источников заключалось в свежести сообщаемых ими фактов и в безусловной их достоверности. Было бы не справедливым оценивать указанный труд Ахрора Мухтарова только как публикацию эпиграфических материалов. Значение его гораздо больше, так как он содержит обстоятельные комментарии эрудированного учёного.

Среди них особенных памятников эпиграфики, следует отметить находку придорожного камня в далекой горной Матче. На камне выбил стихи основатель империи Великих Моголов Захириддин Бабур. Это его единственный автограф, сохранившийся до наших дней. Чрезвычайно интересно, что об этой надписи сообщает сам Бабур. Надпись являлся новым, важным каллиграфическим материалом, уточняет сведения, содержащиеся в его сочинении «Бабур-намэ». Об этой уникальной находке газета «Правда» писала (15 июня 1979г.): «Многие читали книги поэта Бабура. Но почему-тоникто не заинтересовался его сообщением, что где-то в затерявшемся среди гор селении он писал на камне. А молодого исследователя это место заинтересовало. Ахрор Мухтаров начал поиски того придорожного камня – хранителя истории».

Здесь необходимо отметить, что верховья Зеравшана хранят множество тайн. В свое время здесь, на развалинах крепости Муг, случайно были найдены ставшие сенсацией документы на согдийском языке. Их расшифровка помогла восстановить исчезнувшую

письменность. Раскопки Пенджикента — культурного центра Согда, или Согдианы, — утвердили за этим древним городом славу Помпеи Средней Азии. В конце прошлого века много лет подряд в археологических раскопках участвовал Ахрор Мухтаров. Именно он обратил в свое время внимание на строчки в автобиографической книге Бабура, основателя династии и государства Великих Моголов, потомка Тимуров и не менее известного поэта средневековья. В них сообщался адрес источника, где «мы, написавшие, вырезали на одном камне три двустишья...».

Материалы собранные А. Мухтаровым коллекции эпитафий на кайраках (каменных надгробиях) верховье Зеравшана вошли в его монографию, по которой он защитил докторскую диссертацию. На основе эпиграфических материалов, юридических и других письменных и устных сведений он попытался восстановить политическую историю Кухистана – местности в верховьях Зеравшана – на протяжении нескольких столетий. По его мнению, политические порядки, которые сложились здесь на протяжении длительного периода, сохранялись долго, а новые внедрялись позднее, чем в других районах. Однако в политической жизни и в управлении Кухистаном имелись свои специфические особенности.

Обращаясь к книге «Эпиграфические памятники Кухистана», следует подчеркнуть, что данный А. Мухтаровым сжатый обзор всей истории Кухистана от X до XIX вв. не носить лишь описательный характер. Внимательный читатель этого труда обнаружит в нём немалое количество ценных наблюдений и выводов социально-экономического аспекта. Таковы, например данные об изменении системы общественных отношений в Кухистане, об особом положении дихкан, процесс вытеснения дихкан, о миграционном процессе в XV-XIX вв. и.т.д. А.Мухтаров в том числе подчеркивает, что «в конце XVI и в XVII вв. многие горцы, особенно матчинцы, уходили в разные места. Движение населения было очень сложным процессом. Кроме политических и географических факторов главной причиной ухода населения из Кухистана был экономический фактор.

Поскольку в эпиграфических памятниках фиксируется реалии из самых разных отраслей исторической действительности (политическая, социальная и экономическая, культурная и этническая, административное деление, строительство и обновление памятников архитектуры, реалии частного характера и т. д.), ему пришлось учесть достижения, источники и методику практически всех исторических дисциплин, оценивал конкретное сообщение исследуемого эпиграфического материала, определил его значимость в системе имеющихся в данном разделе науки сведений.

За заслуги в исследовании эпиграфики А. Мухтаров в 1980 г. был избран членом Международной научной ассоциации Корпуса иранских надписей, созданной в 1952 г. (с центром в Лондоне). Основная ее цель подготовка и публикация иллюстрированных изданий надписей и документов, сохранившихся на различных иранских языках с древних времен до раннесефевидского периода. Все это говорит о том, что А. Мухтаров выбрал верный путь и добился больших результатов, заслужив международное признание. Сейчас в архиве сектора истории средних веков имеется более 1300 эстампажей с эпиграфических памятников, освещающих жизнь наших предков.

Следует отметить, что академик А.Мухтаров является основателеми ряда исторических исследований в области эпиграфики. Именно заслугой А. М. Мухтарова является сбор уникальных эпиграфических памятников (надписей на скалах и на кайраках),

отражающих социально – экономическую и культурную жизнь народов Средней Азии, начиная с эпохи средневековья и до начала нынешнего века, что стал хорошим подспорьем для популяризации научных достижений Таджикистана в мировом масштабе.

Таким образом, академик А. Мухтаров является основателем в изучении одного из самых сложных направлений исторической науки – эпиграфики во всем Центральноазиатском регионе. Многочисленные проблемы политической, социальной, экономической, этнической, культурной и административной истории средневековойистории таджикского народа академиком А.Мухтаровым поставлены и решены только с привлечением сведений эпиграфических материалов. Историографические интересы А. Мухтарова воплощены в более 600 трудах, касающийся различных проблем исторической науки. Оставаясь преимущественно историком Таджикистана, он писал труды, поражающие мастерством критического анализа источников и зачастую превосходящее все, что не было создано его современниками. На основании изучения новых источников академик А. Мухтаров сделал шаг вперед в сравнении с предшественниками в освещении социально-экономической истории, исторической географии и духовной культуры таджикского народа в X-XIX вв.

**Литературы**

1. Мухтаров А. Эпиграфические памятники XI-XIX вв из Кухистана. КН.2. –С. 113-120

2. Мухтаров А. Эпиграфические памятники XI-XIX вв из Кухистана как источник по истории народов Средней Азии. Дисс. доктора ист.наук. Инс-т. Востоковедение АН СССР. –Душанбе, 1971. -685с.

3. Мухтаров А. Эпиграфические памятники Кухистана. Кн.1. –Душанбе, 1978.

4. Муллоҷонов С.К. Омузиши катибаҳо дар Тоҷикистон (Исследование эпиграфических памятников в Таджикистане). (на перс.яз)//Рудаки, 2010. №25. –С. 9-18

5. Правда 1979, 15 июня.

## РУШДИ САНОАТИКУНОНӢ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

**Муллоҷонзода Асадулло Кучак** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ; сардори раёсати таълим. Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Наҳимов, 64/14, тел.: (+992) 939127272. E-mail: asadullo1976@mail.ru

Мақола ба масъалаи татбиқи саноатикунонӣ дар Тоҷикистон дар даврони истиқлол бахшида шудааст. Дар он аҳамияти саноат ҳамчун самти афзалиятноки пешрафти иқтисодӣ, тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт ва дастовардҳои бадастомада дар соҳаи саноат, аз ҷумла афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, рушди соҳаи саноати кӯҳӣ ва энергетика баррасӣ мешаванд. Муаллиф, инчунин, вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи саноатро дар оянда муайян кардааст.

**Калидвожаҳо:** Саноатикунонӣ, истиқлол, иқтисод, рушд, саноат, энергетика, содирот, сармоягузорӣ.

## РАЗВИТИЕ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

**Муллоджонзода Асадулло Кучак** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин; начальник учебного управления. Адрес: 734067, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14, тел.:(+992) 939127272. E-mail: asadullo1976@mail.ru

Статья посвящена вопросу развития индустриализации в Таджикистане в период независимости. В статье рассматривается значение промышленности как приоритетного направления экономического развития, меры, принимаемые Правительством Республики Таджикистан в этой сфере, а также достижения в отрасли, в том числе увеличение объемов промышленного производства, развитие горнодобывающей промышленности и энергетического сектора. Автор также определяет задачи и приоритетные направления развития отрасли на перспективу.

**Ключевые слова:** Индустриализация, независимость, экономика, развитие, промышленность, энергетика, экспорт, инвестиции.

## INDUSTRIAL DEVELOPMENT IN THE PERIOD OF INDEPENDENCE

**Mullojon zoda Asadullo Kuchak** - Tajik state university of finance and economics, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of Humanities; head of the education department. Address: 734067, Dushanbe, Nahimov street 64/14, tel.: (+992) 939127272. E-mail: asadullo1976@mail.ru

The article is devoted to the issue of industrialization development in Tajikistan during the period of independence. It discusses the importance of industry as a priority area of economic progress, the measures of the Government of the Republic of Tajikistan in this area, and the achievements in the industry, including the increase in the volume of industrial production, the development of the mining industry and energy. The author also identifies the tasks and priority areas of industrial development in the future.

**Keywords:** Industrialization, independence, economy, development, industry, energy, export, investment.

Истиқлол дар таърихи давлатдории тоҷикон ва сарнавишти миллати тоҷик оғози марҳилаи сифатан нав гардида, барои шинохт ва дарёфти роҳу равиш ва самтҳои афзалиятноки пешрафти соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, заминаи устувор ва пойдорро фароҳам овард. Дар ин замина, саноатикунонӣ ҳамчун самти афзалиятноки пешрафти иқтисодӣ дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифт.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки аҳамияти саноат барои пешрафти иқтисодӣ як силсила санадҳои стратегӣ, консепсия ва барномаҳои давлатиро қабул намуд. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ва эълон гардидани солҳои 2022-2026 ҳамчун «Солҳои рушди саноат» аз ҷумлаи тадбирҳои муҳимми давлатӣ дар ин самт ба шумор меравaнд. Ин иқдомҳо нишон медиҳанд, ки саноатикунонӣ дар сиёсати иқтисодии Тоҷикистон мақоми калидӣ дорад ва Ҳукумат барои дастгирии рушди ин соҳа омода аст.

Дар даврони истиқлол дар соҳаи саноати Тоҷикистон пешравиҳои назаррас татбиқ карда шуданд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз 7,4 млрд. сомонии соли 1992 ба 12,2 млрд. сомонӣ дар соли 2012 расид. Истеҳсоли тилло, семент ва ангишт ба маротиб афзоиш

ёфта, ба нишондиҳандаҳои баландтарини даврони истиқлолият муваффақ гардид. Ин дастовардҳо натиҷаи заҳмату кӯшишҳои Пешвои миллат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меҳнати созандаю бунёдкоронаи мардуми тоҷик мебошанд.

Яке аз соҳаҳои муҳими саноат соҳаи саноати кӯҳӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва Тоҷикистон дорои захираҳои бойи зеризаминӣ буда, азхуд кардани онҳо барои рушди иқтисоди кишвар мусоидат менамояд. Чунон ки маълум аст, соли 2023 дар Тоҷикистон 2 корхонаи азими саноатӣ — Корхонаи муштараки «Зарафшон» ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТВЕА Душанбе саноати кӯҳӣ» ба фаъолият оғоз намуданд, ки дар рушди соҳа нақши муҳим бозида истодаанд.

Энергетика низ яке аз соҳаҳои муҳимтарини пешрафти иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Бинобар ин дар давраи соҳибистиқлолӣ барои таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар қадамҳои ҷиддӣ гузошта шуданд. Бунёди НБО-и Сангтӯда-1, Сангтӯда -2, Помир-1 ва даҳҳо нерӯгоҳҳои хурди барқӣ ва ба кор даромадани 2 агрегати НБО “Роғун” мисолҳои рушани гуфтаҳои мазкур ба шумор мераванд. Соли 2023 иқтидори энергетикии Тоҷикистон зиёда аз 6 ҳазор мегаватт ва истеҳсоли неруи барқ 22 миллиард киловатт – соатро ташкил дод.

Соли 2021 ҳаҷми содирот ба беш аз 2 миллиард доллар расид. Металҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо ба маъруфтарин маҳсулоти содиротӣ табдил ёфтанд. Соли 2023 ҳаҷми умумии гардиши савдо 56,1 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2022-юм 13,4 фоиз зиёд аст. Ин нишондиҳандаҳо аз рушди содирот ва тавсеаи иқтисодиёти Тоҷикистон шаҳодат медиҳанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба мардум ва парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2024 афзалиятҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии кишварро муайян намуда, ба рушди босуръати саноатӣ ҳамчун ҳадафи стратегии рушди давлат таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуданд ва таъкид карданд, ки дар панҷ соли охир Тоҷикистон дар ин самт комёбиҳои назаррас ба даст овардааст. Ин муваффақият дурустии роҳи интихобшуда ва самараи тадбирҳои андешидашуда шаҳодат медиҳад.

Дар ин муддат ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Тоҷикистон аз 27 миллиард сомонӣ ба 53 миллиард расид, ки он қариб ду баробар зиёд мебошад. Бояд қайд кард, ки чунин афзоиш ба шарофати татбиқи лоиҳаҳои азим ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳаи саноат имконпазир гардид.

Тибқи таҳлили дар Паёми навбатии Пешвои миллат пешниҳодшуда, дар панҷ соли охир зиёда аз 2040 корхонаҳои нави саноатӣ ба вуҷуд оварда шудаанд, ки онҳо барои 74 ҳазор ҷойи корӣ шароит фароҳам оварданд. Танҳо дар соли 2024 740 коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ ба кор даровaрда шуданд, ки барои 20 ҳазор нафар аҳолӣ ҷойи корӣ ташкил намуданд.

Суръати миёнаи солонаи рушди саноат 15 фоизро ташкил дод. Аммо, чуноне ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ қайд карданд, ин дастовард ҳоло барои ноил шудан ба саноатикунонии босуръати кишвар кифоя намебошад. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ зарур аст, ки ҳар сол на камтар аз 20 фоиз афзоиши истеҳсолоти саноатӣ таъмин карда шавад, ки ин амр аз тамоми тарафҳои манфиатдор ҷидду ҷаҳди иловагиро талаб мекунад.

Ба андешаи мо барои таъмини рушди устувори соҳаи саноат дар оянда, зарур аст, ки тадбирҳои зерин амалӣ карда шаванд:

- мусоидат ба рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаи саноат;

- татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва рақамикунонӣ дар истеҳсолот;
- тайёр кардани кадрҳои баландихтисос барои соҳаи саноат;
- беҳтар намудани инфрасохтори энергетикӣ ва нақлиётӣ барои таъмини фаъолияти мунтазам ва муназзами корхонаҳои саноатӣ;
- ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои бунёди корхонаҳои муосири саноатӣ;
- ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ.

Бояд қайд кард, ки саноатикунонии Тоҷикистон дар даврони истиқлол марҳилаи муҳими рушди иқтисодиро тай намуда, барои таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва таъмини зиндагии шоистаи мардум заминаи мусоид фароҳам овард, ва оварда истодааст. Дастовардҳои бадастомада натиҷаи сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва заҳмати созандаи мардуми тоҷик мебошанд. Бо вуҷуди ин, барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ, зарур аст, ки дар самти саноатикунонӣ тадбирҳои иловагӣ андешида шуда, аз имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода бурда шавад.

**Адабиёт**


1. История таджикского народа Т.6 новейшая история(1941-2010 гг.) /Под редакцией академика Академии наук Республики Таджикистан Р.М.Масова Душанбе – 2011.- 688 с.
2. Набиева Р.А., Таърихи халқи тоҷик/ Р.А. Набиева, Зикриёев Ф.Б.. Душанбе, 2006. – 194 с
3. Сомонаи расмии Вазорати саноат ва технологияҳои нави саноати Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ.]. URL: http://sanoat.tj/ (санаи дастрасӣ: 28.03.2023)
4. Раҳмон Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ/ Иборатаз 3 ҷилд. Душанбе: Ирфон, 2001. – 704 с.
5. Сайидзода З., Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон/ З. Сайидзода, П.Давлатзода., А. Даминова– Душанбе: Контраст, 2018. – 422 с.
6. С начала 2024 года в Таджикистане открылись 430 новых промышленных предприятий, появилось более трех тысяч рабочих мест[Электронный ресурс].URL: https://mir24.tv/news/16619196/s-nachala-2024-goda-v-tadzhikistane-otkrylis-430-novyh-promyshlennyh-predpriyatij-poyavilos-bolee-treh-tysyach-rabochih-mest дата обращения: 29.11.2024).
7. Файзи истиқлол-25. – Душанбе: «Маориф», 2016. - 480 с.


## РОҲУ ТАРЗҲОИ АРЗЁБИИ МАҲОРАТИ РЕФЛЕКСИВИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ЗЕҲНИИ ТОЛИБИЛМОН

**Носиров Саъдулло Шукулоевич** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ. Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: +992-93-531-17-71. E-mail: nosirov1965@mail.ru

Дар мақола муаллиф аз таҳқиқотҳои анҷомдодааш дар муассисаҳои таълимӣ сухан ронда, дараҷаи азхудкунӣ, ҳосилкунии маҳорату малака ва ниҳоят, қобилияти идроки толибилмонро муайян кардааст.

Тавассути рефлексияи таълимӣ, ки вазифаи асосии он ба муҳассилин дар ташаккули салоҳиятноки зеҳнӣ ёрӣ расонидан мебошад, қобилиятҳои худтаҳлилнамоии онҳо арзёбӣ шудаанд.

**Каливожаҳо:** фаъолияти маърифатӣ, салоҳиятҳои зеҳнӣ, имкониятҳои эҷодӣ, методҳои самаранок, худтаҳлилкунии фаъолияти таълимӣ, ташаккули дониш, маҳорату малакаҳои муҳассилин.

## ПУТИ И СПОСОБЫ ОЦЕНКИ РЕФЛЕКСИВНЫХ УМЕНИЙ ФОРМИРОВАНИЯ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ ОБУЧАЕМЫХ

**Носиров Саъдулло Шукулоевич** – кандидат педагогических наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: +992 93-531-17-71. E-mail: nosirov1965@mail.ru

В статье автор рассказывает о своих исследованиях, проведенных в образовательных учреждениях, и определяет уровень усвоения, приобретения навыков и умений, а в конечном итоге, познавательных возможностей обучаемых.

С помощью учебной рефлексии, основная задача которой помочь учащимся развить интеллектуальную компетентность, оценивались их способности к самоанализу.

**Ключевые слова:** познавательная активность, интеллектуальные способности, творческие возможности, эффективные методы, самоанализ учебной деятельности, формирование знаний, умений и навыков обучаемых.

## WAYS AND METHODS OF ASSESSING REFLECTIVE SKILLS FOR THE FORMATION OF INTELLECTUAL COMPETENCES OF STUDENTS

**Nosirov Sadullo Shukuloevich** – Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Humanities at the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov, st. 64/14. Phone.: +992 93-531-17-71. E-mail: nosirov1965@mail.ru

In the article, the author talks about his research conducted in educational institutions and determines the level of assimilation, acquisition of skills and abilities, and ultimately, the cognitive abilities of students. With the help of educational reflection, the main task of which is to help students develop intellectual competence, their abilities for self-analysis were assessed.

**Key words:** cognitive activity, intellectual abilities, creative possibilities, effective methods, self-analysis of educational activities, formation of knowledge, skills and abilities of students.

Таълим, тарбия ва инкишофи шахсияти дорои неруи баланди зеҳнӣ яке аз масъалаҳои меҳварии соҳаи маориф маҳсуб меёбад.

Аз ин рӯ, зарурати беҳтарсозии сатҳу сифати таҳсилот, маҳорати касбии омӯзгорон ва имкониятҳои эҷодии хонандагон ба миён меояд. Ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон бояд вазифаи асоситарини муассисаҳои таълимӣ дониста шавад.

Таълим ҳамчун фаъолияти маърифатии хонанда теъдоди зиёди алоқа ва муносибатҳо, омилҳои мухталифи қоидаҳо ва хусусиятҳои гуногунро дар бар мегирад.

Ба мақсади муайян намудани сатҳу сифати таълим ва дарсҳои омӯзгорони фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ дар як қатор макотиби миёнаи умумӣ ва олии кишвар санҷиш доир намуда шуд.

Аз ин рӯ, аз методҳои муносиби омӯзиши тамоилҳои имконпазири воқеии таълимӣ дар шароити аксари мактабҳо, роҳу воситаҳои самараноктари муносибати инфиродӣ ва гурӯҳӣ-дифференсиалӣ ба хонандагон дар раванди таълим истифода бурда шуд. Дарёфти таҷрибаи муаллимони пешсаф ва ба кор бурдани он маҳз барои омӯзгорони фаъолияти камсамардошта ва камтаҷрибаю ҷавон роҳандозӣ гардид.

Зимни таҳқиқот ба талаботи дастури таҳиянамудаи «Раҳнамои омӯзгор», ки аз марҳилаҳо иборат ва барои истифоди роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ, иттиҳодияҳои методии фаннӣ ва омӯзгорон манзур шуда буд, такя намудем.

Бояд гуфт, ки натиҷаи дилхоҳи он дар фаъолияти педагогии аксари омӯзгорон, ки дар синфҳои озмоишӣ дарс мегуфтанд, мушоҳида карда шуд.

Марҳилаи аввали озмоиши мо ба санҷиши ин ду фарзия: а) дарёфти методҳои оқилонатари омӯзиши хонандагон; б) методи самараноктари муносибат ба онҳо ба мақсади инкишофи салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон бахшида шуда буд.

Дар марҳилаи дуюми озмоиш омӯзиши муқоисавии чунин методҳо гузаронида шуд: ташкили журнали мушоҳидаҳои инфиродӣ, тартиб додани хислатномаи инфиродии матнӣ, хислатномаи монографии мактаббачагон, омӯзиши имконияту хусусиятҳои психологии онҳо, модели «Сабти рефлексивии фаъолияти таълимии хонанда» ва дар асоси мубодилаи афкори коллективонаи омӯзгорон (консилиуми педагогӣ) таҳияи хислатномаи умумии хонандагони синф.

Маврид ба зикр аст, ки дар муассисаҳои таълимӣ ба он мақсад рефлексияи таълимӣ ба кор бурда мешавад, ки дараҷаи азхудкунӣ, ҳосилкунии маҳорату малака ва ниҳоят, қобилияти идроки мазмуни маводи таълимии толибилмон ошкор карда шавад.

Вазифаи асосии рефлексияи таълимӣ ба муҳассилин дар ташаккули салоҳиятноки зеҳнӣ ёрӣ расонидан мебошад, ки дар ин нақши асосиро омӯзгори фаннӣ мебозад.

Тавассути рефлексия хонанда (донишҷӯ) имкон пайдо мекунад, ки самаранокии муносибати худро ба таълим арзёбӣ кунад.

Ҳар як педагог метавонад ҷараёни дарс ё ягон лаҳзаи онро бо истифода аз рефлексияи таълимӣ санҷад. Аз ҳама муҳим, рефлексияи табъу ҳолати эмотсионалӣ ва фаъолияти шогирдон, инчунин, мазмуну мундариҷаи маводи таълимиро таҳлил намуда, хулосаи зарурӣ барорад.

Модели пешниҳоднамудаи «Сабти рефлексивӣ”, пеш аз ҳама, ба ҳамин хотир истифода бурда мешавад. Хонанда дар модели «Сабти рефлексивӣ”, ки аз сутунчаҳои «Комёбӣ» (ба осонӣ мавзуъро аз худ кардам, фаъолӣ нишон дода, сазовори баҳои баланд шудам ва ғайра), «Нокомӣ» (аз душворфаҳмии мавзуъ мазмуни онро дарк накардам, эҳсоси хастагӣ кашидам ва ғайра), «Шавқовар» (маълумотҳои нав, қиссаю мисолҳои ҳаётӣ ва баҳсу мунозираҳо ҷолиб буданд) иборат мебошад, фаъолияташро дар ҷараёни дарс худаш таҳлил менамояд. Барои возеҳтар гардидани зарфияти имконпазири воқеии таълимии хонанда бояд ӯ маълумоту донишҳои азхудшуда ё баръакс, нофаҳмою азхуднашудаҳои маводи таълимӣ ва ниҳоят, ҷолибу муассирии онро ба таври мушаххас дарҷ намояд.

Дар зер модели мазкурро тасвир менамоем, ки толибилм метавонад дар дилхоҳ дарс тарзҳои фаъолию азхудкунӣ, мушкилиҳо, ҷолибияти мавод ва дарсро вобаста ба вижагиҳои хоси фан тағйир дода, муваффақияту нобарориҳои таҳсилашро арзёбӣ кунад (расми 1).




***Расми 1. Модели арзёбии маҳорати рефлексивии ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонанда***

Нақши ин модел дар он аст, ки аз рӯйи худтаҳлилкунии фаъолияти таълимии хонанда дараҷаи ташаккулёбии дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнӣ ва дар маҷмӯъ, салоҳиятҳои ӯро муайян кардан мумкин аст.

Озмоиш нишон дод, ки консилиуми педагогӣ ҳамон вақт иттилооти воқеиро дар бораи хонандагон ба таври кофӣ медиҳад, ки агар чунин корҳо анҷомида бошанд: а) дар асоси мубодилаи афкори дастаҷамъона мушоҳидаҳои мунтазами омӯзгорон тибқи барномаи минималии омӯзиши хонандагон, ки дар он меъёри ягонаи баҳои сифатҳо муайян шудааст; б) омӯхтани хусусиятҳои инфиродии талабагон ва муносибати онҳо нисбат ба фанни ҳар як омӯзгор; в) омӯхтан ва таҳлили хулосаҳои ҳар як омӯзгори фаннӣ нисбат ба фаъолияти таълимии аҳли синф ва ҳар як хонанда; г) таҳлил ва хулосабарорӣ аз рефлексия – худтаҳлилкунии фаъолияти таълимӣ пас аз анҷоми дарс; ғ) коркарди тадбирҳои зарурии коллективона оид ба такмили таълим, тарбия ва инкишофи ҳам аҳли синф ба пуррагӣ ва ҳам хонандагон дар алоҳидагӣ.

Бояд гуфт, ки чунин корҳоро роҷеъ ба омӯзиши хонандагон дар ҳамаи муассисаҳои таълимии анъанавӣ ё типи нав тавассути методи консилиуми педагогӣ роҳбари синф ташкил менамояд.

Вобаста ба ин, омӯзиши хонандагонро ба ҷуз мушоҳидаҳои мақсаднок бо ёрии чунин усулҳои барои омӯзгорон дастрас ташкил намудан мумкин аст: суҳбат бо хонандагон ва волидайн аз рӯйи барномаи муайяне, ки коркард ва пешниҳод шудааст, гузаронидани корҳои назоратии махсус ташхисшуда, шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои хонандагон, минҷумла пешрафти таълимӣ ва қафомонии онҳо дар тули чоряк, нимсола ва ҷамъбасти соли хониш ва ғайра.

Ба назари мо, дар ҷойи аввал салоҳияти касбии омӯзгор меистад, зеро ӯ бояд тавассути донишҳои назариявӣ ва таҷрибаи меҳнатӣ аз кадом унсурҳо иборат будани ташаккули салоҳиятҳои зеҳнӣ, сифатҳои шахсии хонандагон ва ҷӣ тавр ба он комёб шуданро донад.

Дидактикаи муосир бар он асос ёфтааст, ки ҳангоми ҳалли вазифаҳои таълимию тарбиявӣ дар назди омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, ки фаъолияти маърифатии хонандагонро ташкил мекунанд, бояд мақсади муайянро дар ягонагии се қисми он: таълим

(азхудкунии қисми маводи таълимӣ), тарбия (ташаккули зеҳн ва сифатҳои шахсият) ва инкишоф (пеш аз ҳама – неруҳои зеҳнӣ ва қобилиятҳои маърифатии хонандагон, тағйирёбии муносибати онҳо ба меҳнати таълимӣ ва ғайра) ба анҷом расонад.

Умуман, барои фарогирии дониш, рушди маҳорату малакаҳо ва қобилиятҳои эҷодӣ, ки салоҳиятҳои зеҳнии талабагон маҳсуб меёбанд, бояд меъёрҳои муайян ва зарурӣ ба инобат гирифта шаванд. Натиҷаҳои муайяни маърифатӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳии дарс бо азхудкунии дониш, ташаккули маҳорат ва малакаҳо, сарфи вақт, ҳамчунин, қувваи омӯзгорон ва хонандагон, ки барои дар ин самт ноил шудан равона мегардад, асоснок карда мешаванд. Бо чунин асосноккунӣ раванди таълимро метавон самаранок ва натиҷабахш арзёбӣ кард. Аммо, боиси таассуф аст, ки дар раванди таълим бештари вақт ба риояи меъёрҳои қатъии ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон диққати камтар дода мешавад.

Шаклҳо ва методҳои нави таълим, ки истифодаи онҳо дар машғулиятҳои синфҳои болоӣ қобили қабул ва дуруст меояд, мувофиқи мақсад аст. Барои ин омӯзгорро зарур аст, ки пайваста усулҳои гуногуну самарабахши таълимро ҷустуҷӯ намояд, савияи дониш ва ҷаҳонбиниашро васеътар ва адабиёти педагогию психологӣ, дидактикӣ ва дастурҳои методиро бештар мутолиа кунад, аз техника ва технологияҳои навини замони нав бархӯрдор бошад, бо дастрасӣ ба интернет аз он маводи заруриро гирад, бо шаклҳои инноватсионӣ ва методҳои интерактивии таълим ошно гардад.

Барои муайян сохтани салоҳиятҳои зеҳнии хатмкунандагон истифодаи модели «Сабти рефлексивии фаъолияти таълимии хонанда» мувофиқ меояд. Бо ин усул омӯзгор на танҳо фаъолият ва зарфияти имконпазири таълимии шогирдонашро, балки сатҳи дониш, санъату қобилияти баррасии маводи таълимӣ ва шавқоваргардонии дарсашро низ муайян карда метавонад.

Ин усул ба хонанда имкон медиҳад, ки дар анҷоми дарс комёбиҳои худ, аз ҷумла дарки амиқи мавзуъ, азхудкунии дониш ва мафҳумҳои илмӣ, таҳлили ҳодисаю воқеаҳо ва баҳо додани онҳо, корнамоиҳои қаҳрамону персонажҳои асари бадеӣ, тарзҳои навиштани эссе, очерку ҳикояҳои хурд ва ғанигардии захираи луғавиашро таҳлил намояд. Бар замми ин, нокомиҳои фаъолияти таълимӣ – нафаҳмидани мавзуъ, ҷалб нашудани диққат, мушкилӣ кашидан дар ҳалли вазифаю супоришҳо ва хастагиашро дар дарс инъикос мекунад.

Умуман, рефлексияи фаъолият ҳамчун қобилияти худтаҳлилкунӣ хонандаро водор месозад, ки ҷиҳати пешрафт дар таълим донишу идрок ва маҳорату малакаашро такмил диҳад. Ҳамзамон, ба ҳар як омӯзгор муяссар мешавад, ки аз шиносоӣ бо салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон ва ҷиҳатҳои шавқовари тадриси фан хулоса бароварда, бо ҳисси масъулият баробари рафъи эроду камбудиҳо ва афзоёндани комёбиҳо дарсашро хушсифату босамар ташкил намояд.

Худтаҳлилкуниро метавон дар дарсҳои фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ, махсусан, дар фанҳои забону адабиёти тоҷик, таърих, ҳуқуқи инсон ва ҳатто география ба роҳ монд. Ин амалро дар синфҳои хатмкунанда, ки аз бисёри ин фанҳо хондани лексия ҷоиз аст, анҷом додан мумкин аст.

Бояд тазаккур дод, ки ба ин васила омӯзгорони синфҳои озмоишӣ салоҳиятҳои зеҳнии ташаккулёфтаи шогирдонро муайян сохта, ба маҳорати рефлексивии ҳар яки онҳо баҳо медоданд.

Ҳамин тариқ, дар хонанда дониш, маҳорат ва қобилиятҳои худтаҳлилкунӣ, худомӯзию худтарбиякунӣ, худтанзимнамоию худназоратӣ, худбаҳодиҳӣ,

худинкишофдиҳӣ ва маҷмуан салоҳиятҳои зеҳнӣ ташаккул меёбанд. Ин аст, ки олимону муҳаққиқони соҳа нақши рефлексия – худтаҳлилкунии фаъолиятро дар педагогикаи муосир муҳим арзёбӣ менамоянд.

**Адабиёт**


1. Андриенко, А.С. Компетентностно-ориентированный подход в системе высшего образования: история, современное состояние и перспективы развития: монография [Текст] / А.С. Андриенко. - Чебоксары: Издательский дом «Среда», 2018. - 92 с.
2. Лутфуллоев, М. Дидактикаи муосир [Матн] /М. Лутфуллоев. – Душанбе, 2001. – 411 с.
3. Носиров, С.Ш. Роҳу воситаҳои ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагон. Монография [Матн] / С.Ш. Носиров. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 160 с.
4. Носиров, С.Ш. Назария ва амалияи ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон (дар заминаи фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ). Монография [Матн] / С.Ш. Носиров. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 252 с.
5. Подласый, И.П. Педагогика. 2-е изд, исправ. и дополн. В трех книгах. Кн.2. Теория и технология обучения [Текст] / И.П. Подласый. – М.: Гуманитарный изд. центр «Владос», 2007. – 575 с.


## ХОТИРОТЕ АЗ НАХУСТИН ХОНАНДАИ ОСОРИ АКАДЕМИК АҲРОР МУХТОРОВ


**Абдулвоҳидова Фируза Миразоровна** - н.и.т., дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии донишгоҳи молия ва иқтисоди тоҷикистон Суроға: 734067, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов 64/14 Телефон:93.759.07.60.



Қабл аз ҳама ёде аз рӯзҳо ва солҳое мекунам, ки бо устод Аҳрор Мухторов дар шуъбаи таърихи асрҳои миёнаи Институти таърих ба номи Аҳмади Дониш кору фаъолияти худро оғоз карда будам. Ҳеҷ гоҳ аз ёдам намеравад, ки рӯзе ман бо ҳамсабақони донишгоҳиям аз назди бинои ин Институт мегузаштем, шӯхӣ буд ва ё ҷиддӣ ба онҳо гуфтам, ки ман орзуи дар ин муассисаи илмӣ кор карданро дорам. Чун ҳамарӯза зимни таҳсил дар факултети таърих аз назди ин бино мегузаштам ва таваҷҷуҳи маро дар даромадгоҳи он намудҳои гуногуни сангҳои қадима ва зерсутунҳо ба худ ҷалб мекард. Кунҷков будам ва аз фикр мегузарондам, ки инҷо чӣ ашхосе машғули кор бошанд? Рӯзе бо ин хаёл аз онҷо мегузаштам ва дидам дарвозаи калони оҳанин кушодаасту як марди кӯҳансол гирифтори корҳои хоҷагӣ аст. Як ҷасорат пайдо кардаму дохили ҳавлии он даромада аз он шахс пурсидам, ки дар ин ҷо ҷойи кор ҳаст ё не. Он нафар маро ба шуъбаи кадрҳо фиристоданд, ки он дар бинои асосии АИ ҶТ қарор дошт ва ҳамзамон раёсати Институти таърих низ дар он ҷо фаъолият мекард.



**Калидвожаҳо:** Иниститут, Аҳрор, хотира, фаъолият, китоб.


## ВОСПОМИНАНИЯ ПЕРВОГО ЧИТАТЕЛЯ ПРОИЗВЕДЕНИЙ АКАДЕМИКА АХРОРА МУХТОРОВА


**Абдулвохидова Фируза Миразоровна** - к.и.н.,доцент кафедры гуманитарных дисциплин Таджикский государственный финансово-экономический университет Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова 64/14. Телефон: 93.759.07.60.

Прежде всего, я хотел бы вспомнить те дни и годы, когда я начал свою работу с профессором Ахроромм Мухторовым на кафедре истории средних веков Института истории имени Ахмада Дониша. Я никогда не забуду, как однажды, проходя мимо здания этого института со своими однокурсниками, я сказал им, то ли в шутку, то ли всерьез, что мечтаю работать в этом научном учреждении. Когда я каждый день проходил мимо этого здания во время учебы на историческом факультете, мое внимание привлекли различные виды древних камней и колонн у его входа. Мне было любопытно, и я задавался вопросом, какие люди здесь работают. Однажды я проходил мимо с этой мыслью и увидел большие открытые железные ворота и старика, занятого домашними делами. Я набрался смелости, зашел во двор и спросил у человека, есть ли здесь работа. Меня направили в отдел кадров, который находился в главном здании Академии наук Республики Таджикистан, где также находился Институт истории.

**Ключевые слова:** Институт, Ахрар, память, деятельность, книга.

## MEMORIES FROM THE FIRST READER OF THE WORKS OF ACADEMICIAN AHROR MUKHTOROV

**Abdulvohidova Firuza Mirazorovna** - PhD, Associate Professor of the Department of Humanities, Tajik University of Finance and Economics Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov St. 64/14.. Phone: 93.759.07.60..

First of all, I recall the days and years when I began my work with Professor Ahror Mukhtorov in the Department of Medieval History of the Ahmad Donish Institute of History. I will never forget that one day I was passing by the building of this Institute with my university classmates, whether jokingly or seriously, I told them that I dreamed of working in this scientific institution. As I was studying at the Faculty of History, I passed by this building every day, and my attention was attracted by various types of ancient stones and columns at its entrance. I was curious and wondered what kind of people were working here? One day, with this thought in mind, I was passing by and saw a large iron gate open and an old man busy with household chores. I mustered up the courage to go inside the courtyard and ask the person if there was a job available. The person sent me to the personnel department, which was located in the main building of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, where the Institute of History was also located.

**Keywords:** Institute, Ahrar, memory, activity, book.

Ҳар коре оғозу анҷоме дорад ва ҳар ҳадафи тарҳрезӣ шуда, барои ояндаи худ бояд амалӣ гардад. Бахусус дар мавриди интихоби ихтисос на ҳама вақт муваффақ мешавӣ он чизеро мехоҳӣ ба мақсадат бирасӣ. Воқеан, тақдир туро ба ҷойҳое мебарад, ки тасаввураш намекунӣ ва инро ман дар зиндагии худ дидам ва таҷриба кардам. Ҳеҷ гоҳ дар фикру хаёлам набуд, ки рӯзе бо шахсиятҳои шинохтаи миллат, кишвар ва ҳатто ҷаҳонӣ дар як муассисаи илмӣ кору пайкор дошта бошам ва ин рӯзҳои хушбахтиву хуштолеии зиндагии банда аст, ки маро ба шуъбаи таърихи асрҳои миёнаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон овард.

Дар давраи донишҷӯӣ ҳамзамон кору фаъолият кардан дар тахассуси худ, маро ҳамчун таърихнигори оянда биниш, худшиносӣ, ватандӯстӣ, раванди таҳқиқу омӯзиш ва ба

худ итминону боварӣ доштанро ёд дод. Баъди даҳсолаҳо ин лаҳзаҳои даврони ҷавонӣ ва солҳои барои ман хеле муҳиму тақдирсозро, давраи тиллоии ҳаётам медонам. Чун дар ин ҷода оянда як ҷавони аз дунё бехабарро ба шинохт, омӯзиш ва таҳқиқи таърихи гузаштагонамон роҳнамоӣ кард.

Қабл аз ҳама ёде аз рӯзҳо ва солҳое мекунам, ки бо устод Аҳрор Мухторов дар шуъбаи таърихи асрҳои миёнаи Институти таърих ба номи Аҳмади Дониш кору фаъолияти худро оғоз карда будам. Ҳеҷ гоҳ аз ёдам намеравад, ки рӯзе ман бо ҳамсабақони донишгоҳиям аз назди бинои ин Институт мегузаштем, шӯхӣ буд ва ё ҷиддӣ ба онҳо гуфтам, ки ман орзуи дар ин муассисаи илмӣ кор карданро дорам. Чун ҳамарӯза зимни таҳсил дар факултети таърих аз назди ин бино мегузаштам ва таваҷҷуҳи маро дар даромадгоҳи он намудҳои гуногуни сангҳои қадима ва зерсутунҳо ба худ ҷалб мекард. Кунҷков будам ва аз фикр мегузарондам, ки инҷо чӣ ашхосе машғули кор бошанд? Рӯзе бо ин хаёл аз онҷо мегузаштам ва дидам дарвозаи калони оҳанин кушодаасту як марди кӯҳансол гирифтори корҳои хоҷагӣ аст. Як ҷасорат пайдо кардаму дохили ҳавлии он даромада аз он шахс пурсидам, ки дар ин ҷо ҷойи кор ҳаст ё не. Он нафар маро ба шуъбаи кадрҳо фиристоданд, ки он дар бинои асосии АИ ҶТ қарор дошт ва ҳамзамон раёсати Институти таърих низ дар он ҷо фаъолият мекард.

Сардори шуъбаи кадрҳо маро ба назди директори институти мазкур бурда шинос кард ва ин шахси бузургу олими беҳамто, Баҳодур Искандаров буданд. Ман аз муносибати ин шахс дар ҳарайт мондам, чун ҳарчанд бори аввал маро дида буду намешинохт, хеле орому ботамкин ва  ҳамчун бо фарзандаш суҳбат мекард. Ман бо дил мегуфтам, ки кошки ҷойи кор  дошта бошанд ва бечуну чаро ҳар коре пешниҳод гардад розӣ мешавам.

Ин шахсиятҳои шинохта соҳиби мактаби худ ҳастанд ва чун равоншинос ҳар нигоҳу суханонашон, ба кунҷи дилат оташро ба илму донишандӯзӣ фурӯзон мекунад ва ин дилгармӣ роҳи оянди ҷавононро бо роҳбаладии чунин шахсиятҳо равшан месозад. Боиси хушнудиам шуд, ки маро ба назди мудири шуъба  Аҳрор Мухторов фиристоданд ва пас аз суҳбати кӯтоҳ бо  эшон маро ба кор қабул карданд. Баъди шиносоӣ бо аҳли кормандон дар тули солҳо як чизро мушоҳида кардам, ки дар интихоби кадр назарҳои Б.Исандаров ва А.Мухторов бо ҳам наздиканд.

Бо итминон метавон гуфт, ки имрӯз чунин роҳбарон ангуштшуморанд ва агар бо чунин шахсиятҳо ҳамкор бошӣояндаат дурахшон хоҳад шуд.

**Адабиёт**

1. А. Мухторов, “Позднесредневековый Балх: (Материалы к исторической топографии города в XУI-XУIII вв.)” - Душанбе: Дониш, 1980. – 125 с.,

2. “По следам прошлого: (путевые заметки из поездок по Афганистану).” – Душанбе: Ирфон, 1982. – 88 с.,

3. “Академик Бободжан Гафуров” / А. Мухтаров, Ш. Шарипов. Душанбе: Ирфон, 1983, - 96 с.,

4. “Хакимхан М. Мунтахаб ат-таворих /Подготовка факсимального текста, введ. и указ. А. Мухтарова.” – Душанбе: Дониш, 1983, - 368 с.,

5. “Дурдонаҳои маданияти тоҷикон дар ганҷинаҳои Ҳиндустон. (Жемчужина культуры таджиков в сокровищницах Индии).” – Душанбе: Ирфон , 1984. – 208 с.,

## НИЗОМИ АНДОЗУ АНДОЗСИТОНӢ ДАР САРЗАМИНИ СОСОНИЁН ПАС АЗ ТАСАРРУФИ АРАБҲО

**Ҳамидова Қутбия Ҳалимхоновна -** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова, 64/14. Телефон: 935672010. 900155051**.**

Дар мақолаи зикргардида забти давлатҳои Моваруннаҳр ва Хуросон аз ҷониби арабҳо оварда шуда, нишон дода шудааст, ки дар ин давра арабҳо ба низоми андози давлатҳои Осиёи Миёна тағйиротҳои ҷиддӣ ворид намуданд. Андоз аз замин – «хироҷ» баланд бардошта мешуд ва тақрибан ними маҳсулотро ташкил медод. Андози наве ба номи ҷизя ҷорӣ карда шуд.

Дар мақола оварда шудааст, ки ин навъ андозро дар ибтидо аз шахсоне мегирифтанд, ки дини исломро қабул накарда буданд. Ба ғайр аз ин, деҳқонон ва ҳунармандон бо пардохтҳои пуливу молии дигар, инчунин ба иҷрои корҳои маҷбурӣ – сохтмони қасрҳо, пулҳо девори атрофи касрҳо, сохтмони каналҳо ва ғайраҳо уҳдадор буданд. Шахсоне, ки аз додани андоз саркашӣ мекарданд, ҷазои сахт мегирифтанд. Дар замони ба Хилофати араб ворид карда шудани давлати сосониён саркардаҳои араб аз шаҳрҳо боҷу хироҷи калон меситониданд.

Дар мақола нишон дода шудааст, ки муҳоҷирати арабҳо зарбаи сахт ба мардуми маҳаллӣ буд, чун истилогарон беҳтарин замину маконҳои минтақаро соҳибӣ мекарданд ва аҳолии маҳаллиро ба кормандони кироя ва муздур мубаддал месохтанд. Таъмини артишу саркардаҳои низомӣ низ бештар бар дӯши мардуми маҳаллӣ гузошта мешуд. Андозҳо низ камари мардумро хам мекард ва гоҳе аҳолиро ба шӯришу қиёми мусаллаҳона маҷбур мекард.

Инчунин муаллифи мақола нишон дода тавонистааст, ки теъдоди муҳоҷирини араб дар Хуросон нисбат ба Мовароуннаҳр хеле бештар буд. Яке аз сабабҳои пештар аз Мовароуннаҳр мусулмоншавии Хуросон низ дар ҳамин нуҳуфтааст.

Раванди ҷоришавии ислом дар оғози забткориҳои арабҳо чунин буд, ки тамоми кӯшишро мекарданд, то, ки тавонанд мардуми маҳаллиро барои ворид шудан ба дини нав даъват кунанд.

**Калидвожаҳо:** Мовароуннаҳру Хуросон, арабҳо, сосониён, андоз, ушр, хироҷ, ҷизя, Хилофати араб, дини ислом, молиёт, забткориҳои арабҳо.

## НАЛОГОВАЯ ПОЛИТИКА И НАЛОГООБЛАЖЕНИЯ В ПЕРИОД НАПАДЕНИЯ АРАБОВ НА САСАНИДСКОЕ ГОСУДАРТВО

**Хамидова Кутбия Халимхановна** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин. Адрес: 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14.Телефон: 935672010.

В упомянутой статье было представлено завоевание арабами государств Моваруннахр и Хорасан и показано, что в этот период арабы внесли серьезные изменения в налоговую систему среднеазиатских государств. Земельный налог - «жиродж» был повышен и составлял около половины продукции. Был введен новый налог под названием джизья.

В статье говорится, что этот вид налога изначально взимался с людей, не принявших ислам. Кроме того, земледельцы и ремесленники были обязаны платить денежные и другие финансовые выплаты, а также выполнять обязательные работы — строительство дворцов, мостов, стен вокруг дворцов, строительство каналов и т. д. Жёстко

наказывались люди, отказывавшиеся платить налоги. Во времена вступления государства Сасанидов в состав Арабского халифата арабские лидеры собирали с городов большие налоги.

В статье показано, что миграция арабов стала тяжелым ударом для местного населения, поскольку оккупанты завладели лучшими землями и местами региона и превратили местное население в наемных и оплачиваемых рабочих. Обеспечение армии и военачальников в основном было возложено на плечи местного населения. Налоги также обременяли народ и иногда вынуждали население восставать.

Также автору статьи удалось показать, что число арабских иммигрантов в Хорасане было значительно выше, чем в Мовароуннахре. Здесь же упоминается одна из причин мусульманизации Хорасана раньше, чем Мовароуннахра.

Процесс распространения ислама в начале арабских завоеваний был таков, что они прилагали все усилия, чтобы пригласить местное население принять новую религию.

**Ключевые слова:** Моавроуннахр и Хорасан, арабы, сасаниды, налог, ушр, дань, джизья, Арабский халифат, религия ислам, налоги, арабские завоевания.

## TAX POLICY AND TAXATION DURING THE ARABS' ATTACK ON THE SASSANID STATE

**Khamidova Kutbiya Halimkhanovna** - Tajik State University of Finance and Economics, candidate of historical sciences, associate professor of the department of humanitarian disciplines. Address: 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe, 64/14 Nakhimova Street. Telephone: 935672010.

The article in question presented the Arab conquest of the states of Movarunnahr and Khorasan and showed that during this period the Arabs made serious changes to the tax system of the Central Asian states. The land tax - "jiroj" was increased and amounted to about half of the production. A new tax called jizya was introduced.

The article states that this type of tax was initially levied on people who did not accept Islam. In addition, farmers and artisans were required to pay cash and other financial payments, as well as perform mandatory work - the construction of palaces, bridges, walls around palaces, the construction of canals, etc. People who refused to pay taxes were severely punished. During the entry of the Sassanid state into the Arab Caliphate, Arab leaders collected large taxes from the cities.

The article shows that the migration of the Arabs was a heavy blow to the local population, since the occupiers took possession of the best lands and places in the region and turned the local population into hired and paid workers. The provision of the army and military leaders was mainly entrusted to the local population. Taxes also burdened the people and sometimes forced the population to rebel.

The author of the article also managed to show that the number of Arab immigrants in Khorasan was significantly higher than in Movarounnahr. Here, one of the reasons for the Muslimization of Khorasan earlier than Movarounnahr is mentioned.

The process of spreading Islam at the beginning of the Arab conquests was such that they made every effort to invite the local population to accept the new religion.

**Key words:** Moavrounnahr and Khorasan, Arabs, Sassanids, tax, ushr, tribute, jizya, Arab Caliphate, religion of Islam, taxes, Arab conquests.

Пайдоиши муносибатҳои феодалӣ дар Осиёи Миёна аз замони ташаккули давлати Сосониён (асрҳои III-VII мелодӣ) оғоз ёфтааст. Ба сари қудрат омадани Сосониёнро пас аз Портҳо (соли 220 пас аз милод) иваз шудани сулолаҳо донистан мумкин нест. Сулолаи Портҳо, ки «дар натиҷаи задухурдҳо бо Рим, зиддиятҳои дохилӣ заиф гашта, дар дуроҳаи

ғуломдории Ғарб ва ҷамоаи ибтидоӣ - қабилавии Шарқ бозмонда буд, дар пешрафти муносибатҳои нави иҷтимоӣ таъсире расонида натавонист. Ин корро давлатӣ Сосониён ба субот расонида тавонистанд.

Давлатӣ Сосониён беш аз 400 сол (аз с. 224 ё 226 то 651 пас аз милод) вуҷуд дошт. Баъзе ҷиҳатҳои ҷолиби диққати ҳукмронии Сосониён бад-ин қароранд: аввалан тақрибан аз асри IV пас аз милод сар карда дар давлати Сосониён муносибатҳои феодалӣ ба таври васеъ рӯ ба пешрафт ниҳод; дуюм баръакси баъзе ҳокимони марказгурезу ҷудоихоҳ баъзе вилоятҳо дар Эрон қудрати ҳукумати марказиро афзоиш доданд.[3.256]

Табиист, ки муҳоҷирати арабҳо зарбаи сахт ба мардуми маҳаллӣ буд, чун истилогарон беҳтарин замину маконҳои минтақаро соҳибӣ мекарданд ва аҳолии маҳаллиро ба кормандони кироя ва муздур мубаддал месохтанд. Таъмини артишу саркардаҳои низомӣ низ бештар бар дӯши мардуми маҳаллӣ гузошта мешуд. Андозҳо низ камари мардумро хам мекард ва гоҳе аҳолиро ба шӯришу қиёми мусаллаҳона маҷбур мекард. Теъдоди муҳоҷирини араб дар Хуросон нисбат ба Мовароуннаҳр бештар буд. Яке аз сабабҳои пештар аз Мовароуннаҳр мусулмоншавии Хуросон низ дар ҳамин нуҳуфтааст. Аз шаҳрҳои Мовароуннаҳр асосан Бухоро сокинони араб бештар дошт. Баъзе шаҳрҳои ин минтақа, аз ҷумла Истравшан қотеъона талаб карданд, ки арабҳоро дар кишвари худ роҳ намедиҳанд.

Арабҳо барои ба ислом даъват кардани аҳолии Хуросону Вароруд аз роҳҳои гуногун истифода мебурданд. Яке аз ин роҳҳо ҷорӣ кардан андоз барои ғайримусулмонон буд, ки ҷизё ё газит номбар мешуд. Дар минтақаҳое, ки бештари аҳолии он ғайримусулмон буданд, гирифтани андоз ҳукумати арабро ба ин гуна даромади муфт одат кунонд. Раванди ҷоришавии ислом дар оғози забткориҳои арабҳо чунин буд, ки тамоми кӯшишро мекарданд, ки мардуми маҳаллиро барои ворид шудан ба дини нав даъват кунанд. Муаррих Абӯбакри Наршахӣ ҳикоят мекунад, ки Қутайба ибни Муслим ба мардуми шаҳри Бухоро эълон дошта буд, ки «ҳар кӣ ба намози одина ҳозир шавад, ду дирам бидиҳам». [6.217]

Наршахӣ ҳамчунон ҳикоят мекунад, ки арабҳо ба мардуми суғдӣ иҷозат доданд, ки дар вақти хондани намоз метавонанд, сураҳои Қуръонро бо забони форсӣ бихонанд. Ин тадбирҳо барои ҷалби аҳолӣ ба дини ислом хеле таъсиргузор буд.

Бесабаб нест, ки бо гузашти вақт арабҳо, ки ҷамъоварии пулу сарват дар забти сарзаминҳо барояшон хеле муҳим буд, аз кори паҳн кардани дин даст кашиданд. Аз ҷумла, аз касоне ки исломро қабул мекарданд низ гирифтани андозро идома медоданд. Мувофиқи ривояти муаллифи «Таърихи Табарӣ» соли 719 шикояткунандае назди халифа омада, аз поймол гаштани ҳуқуқи 20 ҳазор аҳолӣ, ки дар кишваркушоиҳои мусулмонон иштирок мекарданд ҳикоят карда, аз ҷумла ҷизя пардохтани навмусулмононро низ таъкид намуд.

Халифа ба ҳокими Хуросон Ҷарроҳ ибни Абдуллоҳ дастур дод, ки ҳамаи касонеро ки сӯи Макка намоз мегузоранд, аз пардохти ҷизя озод созад. Дар натиҷа оммаи мардум барои пазириши ислом саъй карданд ва арабҳо аз кам гаштани андозсупорандагон нороҳат шуда, ба халифа арз доштанд, ки мардум барои андоз насупоридан дини навро қабул кардаанд, бояд онҳоро имтиҳон кард, ки оё хатна шудаанд ё не? Халифа посух дод, ки Худованд Муҳаммадро ҳамчун мубаллиғ фиристодааст на ҳамчун хатнагар.[6.656]

Баъди истило ба сари мардуми маҳаллӣ андозҳои миёншикане бор карданд. Андози сарикасии ушр ё даҳьяк, ки аз даҳ як ҳиссаи ҳосили руёнидашуда ситонида мешуд. Андози ҷизя аз ғайримусалмонҳо ситонида мешуд, ки он аз 10 то 50%-и ҳосили руёнидашударо ташкил медод ва ба таври молӣ ё пулӣ ситонида мешуд. Дар давраи волигии Ҳаҷҷоҷ (697-704), ки халиф Абдулмалик Марвон (685-705) уро тайин карда буд, ин андоз баъди қабул карда шудани дини ислом низ аз мардум ситонида мешуд.

Ҳар як вилоят ё шаҳр ба ҳаҷми муайян уҳдадор карда шуда буд, ки андоз супорад. Масалан, Нишопур 700 ҳазор марв 1 миллион, Сиистон 1 миллион, Кирмон 2 миллион дарҳам андоз месупориданд. Ин андоз дар солҳои аввали истилои Эрону Мовароуннаҳр буд. Андози давраи тоҳириёнро муаллифи китоби «Таърихи Сиистон» чунин овардааст:

«Ҳаҷми умумии андоз аз Хуросон дар соли 211 (826-27), дар давраи ҳукмронии Абдуллоҳ ибни Тоҳир 38 миллион дирҳамро ташкил медод... Хироҷи Сиистон ба 3 миллиону 512 ҳазор дирҳам баробар буд, ки ба он андози савофӣ (аз заминҳое, ки беҳисоб монда буд, ситонида мешуд) ва озарравӣ (аз қасру кушкҳои зардуштӣ ва оташкадаҳо ситонида мешуд) дохил намешуд. Онҳо боз 85 ҳазорро ташкил медоданд. Агар якҷоя ҳисоб кунем 3 миллиону 597 ҳазор дирҳамро ташкил медиҳад».[8.352]

Зарринкӯб дар китоби худ овардааст, ки араберо бар вилояте волӣ карданд. Яҳудиёнро, ки дар он ноҳия буданд гирд овард ва аз онҳо дар бораи Исои Масеҳ пурсид. Яҳудиён гуфтанд: «Мо Исоро куштем ва ба дор овехтем». Гуфт: «Оё хунбаҳои ӯро низ пардохтед?» Гуфтанд: «На». Араб гуфт: «Ба Худо савганд, аз ин ҷо берун намеравед, то хунбаҳои ӯро напардозед».[3.163]

Дар ҷои дигар ҳамин муаллиф навиштааст, ки Абулоҷ ном арабе волии Басра буд. Масеҳиеро назди ӯ оварданд. Пурсид: «Номи ту чист?» Мард гуфт: «Бандоди Шаҳр Бандод». Гуфт: «Се ном дорӣ ва ҷизяи як нафарро мепардозӣ?». Пас фармон дод, то ҷизяи се танро аз ӯ биситонанд.[3.124]

Чунон ки маълум шуд, ин андоз дар соли аввали забти Сиистон буд ва миқдори он сол аз сол меафзуд. Ба он ҳаракатҳои доимии халқӣ, махсусан ҷумбиши хориҷиён дар охири асри XIII ва аввали асри IX монеъ мешуд. Сиистон дар ин давра маркази ҳаракати хориҷиён буд.

Хироҷ яке аз мушкилоти маволӣ буд.[8.351] Ин хироҷ навъи молиёт аз замин буд, ки аҳли заҳмат илова бар пардохти ҷазия аз бобати заминҳои худ пардохт мекарданд. Ин сарзаминҳо, агар байни фотеҳон тақсим мешуд, дар замини ушр маҳсуб мешуд ва агар ба ҳукми халифа дар дасти моликони қадим боқӣ мемонд, замини хироҷ ба ҳисоб мерафт.

Дар замони Сосониён бештарин даромадҳо аз молиётҳои замин буд, ки онро хироҷ меномиданд. Хироҷ дар асри Сосонӣ бар маънои миқдори маҳсули ҷамъоваришуда буд. Ин маҷбуриятҳо хироҷи молиёти умумии махсуси Хуросон буд ва ҳокимони уммавӣ фақат аз ин молиёт хироҷ мегирифтанд. Хироҷ дар муқобили ҷизя, ки молиёти сарона буд, аз аҳли заҳмат гирифта мешуд, зеро бархе аз заминҳо дар дасти соҳибони худ боқӣ мемонд. Бинобар он, ин заминҳо низ хироҷсупоранда мешуданд.

Бисёре аз заминҳои Хуросон ҳамин гуна шомили хироҷ мегардид. Сиёсатҳои ҳокимони уммавӣ ва бархӯрди онҳо боис шуда буд, то ин молиёт андозаи муайяне надошта бошад ва аз тарафи заминҳои ушрия, ки мусалмонон дар Хуросон ва Мовароуннаҳр, махсусан дар Самарқанд ва Бухоро соҳиб шуда буданд, бо заминҳои хироҷе, ки сокинони аслии Хуросон молики он буданд ва бар сӯйи он кишоварзӣ мекарданд дар ҳам омехта буд.

Ҳокимони уммавӣ кори ҷамоварии хироҷро ба уҳдаи андозғункунандагон гузошта буданд, ки онҳо аз замони хилофати Умар ибни Абдулазиз миқдори хироҷи заминро мушаххас ва собит, яъне муайян намуда буданд, то ҳадде аз фишорҳои салиқаии ҳокимон халос шуда буданд. Бо ин тафсир, низоми молиётии анҷомёфта дар Хуросон маъмулан ҳамон равиши марсум ва роиҷе дар ҳамон манотиқ буд. Яъне аз ҳамон асри Сосонӣ пайравӣ намуда, мардум хироҷ ва молиёти саронаро пардохт мекарданд. Ва пардохти ҷизяро бар теъдоде аз аҳли Хуросон, ки аҳли заҳмат меномиданд воҷиб намуданд. Бо ин восита дарёфти хироҷ ва молиётҳо сангинтар аз пештара шуда буд.

Дар замони хилофати Умар ибни Абдулазиз аз шиддати зулм ва ситам, ҷамъоварии молиёт дар Хуросон коста шуд. Вай дар номае ба яке аз масъулони хироҷ (Уғбат ибни Заръи Талонӣ) навишт: «Бидон, ки дар саросари сарзамини арабӣ вилояте муҳимтарин аз вилоёти Хуросон вуҷуд надорад. Хироҷро бидуни ин, ки ситам карда бошӣ, бигир. Агар ҳамон туро кифоят кард ки хуб, вагарна бароям бинавис, то он чи ниёз дорӣ бароят бифиристам».[1.658]

Умар ибни Абдулазиз ба хубӣ дарёфта буд, ки на танҳо хуруҷи боҷу хироҷ аз Хуросон шуд, балки барои идораи он бояд ба ин сарзамин пул фиристод. Вай дар номаи худ

ба Абдурраҳмон ибни Наими Коидӣ менависад: «Бидуни эъмоли зур хироҷро ҷамъоварӣ кун ва пас аз тавзеи мавоҷиб он чиро ки озод мемонад миёни ниёзмандони Хуросон тақсим кун». [1.658]

Ҳар гоҳ, ки хироҷи Хуросон мавоҷиби онро таъмин намекард, барои ҷуброни касрӣ дар Хуросон Умар ибни Абдулазиз мубодиран ба ирсоли пул ба Хуросон менамуд. Яке аз дигар мушкилоти эрониён ба ҳангоми пардохти молиёт, гирифтани пулҳое тавассути маъмурони молиёт буд, ки вазнашон аз пулҳои қонунӣ бештар буд. Мардуми Хуросон ба далели сахтгирии Уммавиён ба ночор мусалмон мешуданд, вале боз мушкилии дигаре гиребонгири онон мешуд. Зеро ақидаи ҳокимони Уммавӣ ин буд, ки эрониён аз рӯйи иҷбор ба ислом рӯ овардаанд, пас муофияти ҷизя шомили ҳоли онон намешавад.

Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфи Садафӣ нахустин бор аз тозамусалмонон ҷизя гирифт ва дигарон низ ҳамин шеваро дар пеш гирифтанд. Ва дар Хуросон ва Мовароуннаҳр аз мусулмонон ҷизя гирифта  мешуд. Ин амр сабаб шуд, ки аҳли Хуросон ба дини собиқи худ бозгарданд, зеро дар ҳар сурат маҷбур ба пардохти ҷизя буданд.

Пас аз ба сари хилофат омадани Умар ибни Абдулазиз ва ба дастури вай, касоне, ки мусалмон мешуданд ва намоз мехонданд, ҷазя аз онон бардошта шуд. Молиётҳо дар Хуросон ба ҳадде сангин буд, ки гоҳе мардуми Хуросон ба муқобили ҳокимони уммавӣ дар Хуросон шӯриш мебардоштанд. Ноороміҳое, ки дар замони Қутайба дар Хуросон ба вуҷуд омада буданд, аз сабаби ситонидани молиётҳои сангин буд. Язид ибни Маҳлаб низ барои таҷҳизи артиши худ молиётҳои сангинеро бар мардуми Хуросон таъин намуда буд.

Арабҳо баъди истилои Эрону Мовароуннаҳр ба сари мардуми маҳаллӣ андозҳои миёншикане бор карданд. Андози сарикасии ушр ё даҳьяк, ки аз даҳ як ҳисаи ҳосили руёнидашуда ситонида мешуд. Андози ҷизя аз ғайримусалмонҳо ситонида мешуд, ки он аз 10 то 50%-и ҳосили руёнидашударо ташкил медод ва ба таври молӣ ё пулӣ ситонида мешуд.

Дар давраи волигии Ҳаҷҷоҷ (697-704), ки халиф Абдулмалики Марвон (685-705) ӯро тайн карда буд, ин андоз баъди қабул карда шудани дини ислом низ аз мардум ситонида мешуд. Ҳар як вилоят ё шаҳр ба ҳаҷми муайян уҳдадор карда шуда буд, ки андоз супорад. Масалан Нишопур 700 ҳазор, Марв 1 миллион, Сиистон 1 миллион, Кирмон 2 миллион дирҳам андоз месупориданд. Чунин андоз дар солҳои аввали истилои Эрону Мовароуннаҳр роиҷ буд.

Андози давраи сосониёнро муаллифи китоби «Таърихи Сиистон» чунин овардааст: «Ҳаҷми умумии андоз аз Хуросон дар соли 211 (826-27), дар давраи ҳукмронии Абдуллоҳ ибни Тоҳир 38 миллион дирҳамро ташкил медод. Хироҷи Сиистон ба 3 миллиону 512 ҳазор дирҳам баробар буд, ки ба он андози савофӣ (аз заминҳое, ки беҳисоб монда буданд, ситонида мешуд) ва озарравӣ (аз қасру кушкҳои зардуштӣ ва оташкадаҳо ситонида мешуд) дохил намешуд. Онҳо боз 85 ҳазор дирҳро ташкил медоданд. Агар ҳамаи онро якҷоя ҳисоб кунем 3 миллиону 597 ҳазор дирҳамро ташкил медиҳад».[7.359]

Ҳамин тавр, дар тамоми сарзамини Сосониён, ки ба тасарруфи арабҳо гузашта буд, сиёсати андозситонӣ бо роҳу усулҳои гуногун ба роҳ монда мешуд. Бештар андозҳои нави ба роҳ мондаи худро арабҳо ба зӯрӣ аз мардуми заҳматкаш меситониданд, ки ин боз бештар ба қашоқшавии аҳолӣ оварда мерасонид. Дар натиҷаи ин гуна ҷабркориҳои арабҳо якчанд шуришҳои халқӣ ба амал омаданд.

**Адабиёт**


1. Абуалии Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Аз силсилаи "Халқҳои эронӣ дар маъхазҳои таърихӣ". Иборат аз се ҷилд. Ҷ.1. –Душанбе : Ирфон 1992. – 656.
2. Бобоҷон Ғафуров. «Тоҷикон», Нашриёти «Ирфон». –Душанбе. 1978, саҳ 256.
3. Зарринкӯб А. Ду қарни сукут. -Теҳрон, 1376. - С. 163.
4. Мухаммад Наршахи. История Бухари.- Тошкент.1897. //Бартольд В.В. Туркистан в эпоху монгольского нашествия. Собраннние сочинeнией. Т. 1. - М.1963. (востоҷная литература).

5. Ровандӣ М. Таърихи иҷтимоии Эрон. Ҷилди 2. С. 111.
6. Мухаммад Наршахи. История Бухари.- Тошкент.1897. //Бартольд В.В. Туркистан в эпоху монгольского нашествия. Собранние сочинениеи. Т. 1. - М.1963. (восточная литература).
7. Таърихи Систон. Тавзеҳоти Муҳаммадюсуф Эмомов ва Абдушукури Абдусаттор.Душанбе:"Ирфон" 2014. –С. 352.

## МЕТОДИ РАТСИОНАЛӢ-ДЕДУКТИВИИ РЕНЕ ДЕКАРТ

**Манғитов Машраб** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти ка-федраи фанҳои гуманитарӣ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 933 66 91 31

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳими илм дахл мекунад, яъне ба ҳалли проблемаи метод дар доираи назарияи ратсионализми Р.Декарт. Ин аз бисёр ҷиҳат бо ташаккули илми замони Нав алоқаманд аст, зеро дар ин давра проблемаи метод дар доираи донишҳои илмӣ ба дараҷаи аввал баромад. Аз тарафи дигар бошад, дар заминаи фаҳмиши ратсионалӣ Р.Декарт методи де-дуктивиро ба вуҷуд овард, ки он дар муқобили эмпиризми индуктивии Ф.Бэ-кон меистод. Ба қавли Р.Декарт дониши илмиро на фақат дар заминаи таҷри-бавӣ-ҳиссӣ ҳосил кардан мумкин аст, балки онро ба воситаи ақл, тафаккур низ пайдо кардан мумкин аст. Зеро донишҳои ҳиссӣ на ҳама вақт донишҳои ҳақ ва дуруст мебошанд ва аз ин рӯ, донишҳои ақлонӣ, ки ба воситаи методи дедуктивӣ ҳосил мешаванд, аз бисёр ҷиҳат ҳақ ва дуруст мебошанд. Ин фи-крро Р.Декарт бо он асоснок мекунад, ки донишҳои ратсионалӣ дар заминаи донишҳои аллакай исботшудаи маълум ба вуҷуд меоянд.

**Калидвожаҳо:** ратсионализм, дедуксия, эмпиризм, индуксия, интуитсия, метод, аналитика, идеяҳои фитрӣ-модарзодӣ, омилҳои субъективӣ ва ғайра.

## РАЦИОНАЛЬНО-ДЕДУКТИВНЫЙ МЕТОД РЕНЕ ДЕКАРТА

**Мангитов Машраб** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат философских наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова 64/14. Телефон: +992 933 66 91 31

В статье рассматривается один из важнейших вопросов науки, а именно решение проблемы метода в рамках теории рационализма Р. Декарта. Во многом это связано со становлением науки в период Нового времени, пос-кольку в этот период проблема метода вышла на первый план в рамках науч-ного познания. С другой стороны, на основе рационального понимания Р. Де-карт создал дедуктивный метод, который противостоял индуктивному эмпи-ризму Ф. Бэкона. По мнению Р. Декарта, научное знание может быть получе-но не только на эмпирико-чувственной основе, но и посредством разума и мышления. Потому что чувственное познание не всегда является истинным и правильным знанием, и поэтому интеллектуальное знание, полученное де-дуктивным методом, во многом является истинным и правильным. Р. Декарт обосновывает эту идею тем, что рациональное знание возникает на основе уже доказанного, известного знания.

**Ключевые слова:** рационализм, дедукция, эмпиризм, индукция, интуиция, метод, аналитика, врожденные идеи, субъективные факторы и т. д.

## RATIONAL-DEDUCTIVE METHOD OF RENÉ DESCARTES

**Mangitov Mashrab** – Tajik state finance and economics University, candidate of philosophic sciences, docent of Department of humanitarian sciences. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov str. 64/14. Telephone: +992 933 66 91 31

The article considers one of the most important issues of science, namely, the solution of the problem of method within the framework of the theory of rationa-lism of R. Descartes. In many ways, this is due to the formation of science in the New Age, since during this period the problem of method came to the fore within the framework of scientific knowledge. On the other hand, based on rational un-derstanding, R. Descartes created a deductive method, which opposed the inductive empiricism of F. Bacon. According to R. Descartes, scientific knowledge can be obtained not only on an empirical-sensory basis, but also through reason and thin-king. Because sensory knowledge is not always true and correct knowledge, and therefore intellectual knowledge obtained by the deductive method is largely true and correct. R. Descartes substantiates this idea by the fact that rational knowledge arises on the basis of already proven, known knowledge.

**Key words:** rationalism, deduction, empiricism, induction, intuition, method, ana-lytics, innate ideas, subjective factors, etc.

Аз ҳама чизи муҳиме, ки Френсис Бэкон ва Рене Декартро наздик гардо-нид, ин таҳияи проблемаҳои методологии тадқиқоти илмӣ буд, ки он ба-рои ба даст овардани донишҳои нави илмӣ равона карда шуда буд, то ки ҳукмронии инсонро аз болои табиат таъмин кунад. Вале, методологияи бэконӣ ба назарияи эмпиризми фалсафӣ асос ёфта буд, ки он методи тачри-бавӣ-индуктивӣ мебошад. Ҳол он, ки методи илмии Р.Декарт, ин методи рат-сионалӣ ва ё худ аналитикӣ буда, ба ақлу тафаккур такя мекунад.Ба қавли Р.Декарт кашфиёти илмӣ на дар асоси таҷриба (ҳар чанд санҷида шуда бошад ҳам) ба амал меояд, балки дар натиҷаи фаъолияти ақл, тафаккур ба даст ома-да, тачрибаро низ роҳнамоӣ мекунад. Аз ин рӯ, моҳияти методи ратсионалии Р.Декарт ба ду чиз асос ёфтааст:

- дар маърифат, аз интуитсияи фикрие, ки дар ақли солим ба вуҷуд омада, бисёр ҳам дониши содаву равшан аст ва ба он ягон шакку шубҳае нест, бояд дур шуд (яъне онро ҳамчун ҳақиқати том қабул накард- М.М.);
- тафаккур ба воситаи дедуксия аз ин фикрҳои интуитивӣ бояд хулосаи (нати-ҷаи) зарурӣ барорад.

Дедуксия чунин амали фикриест, ки ба воситаи он аз муқаддимаҳои муай-ян хулоса (натиҷа) бароварда мешавад. Дедуксия ҳамчун амали фикрӣ барои Р.Декарт зарур аст, зеро хулосаҳо берун аз доираи он, на ҳама вақт ҳақ ва ду-руст мебошанд. Ба воситаи дедуксия метавон, бо роҳи пайдарҳамии фикр, ки ҳар қадами гузошташуда равшану дақиқ аст, ба ҳақиқат омада расид. Ба ин васила Р.Декарт се қоидаи методи дедуктивиро, ки бояд риоя карда шавад, нишон медиҳад:

- дар ҳар як савол бояд чизи номаълум вуҷуд дошта бошад;
- ин чизи номаълум, бояд ягон хусусияти хос дошта бошад, то ки тадқиқот барои фаҳмидани ҳамин ҷиҳати номаълум, махсусан равона карда шавад;
- дар суол бояд, инчунин, чизи маълум низ вуҷуд дошта бошад.

Асосан, ин қоидаҳо барои дарки моҳияти воқеият равона карда шудааст, ки он дарёфти ҳақиқати объективӣ (илмӣ) мебошад. Ҳамин ҷиҳатҳоро ба инобат гирифта, дар асоси онҳо Р.Декарт чор қоида ва ё ин ки роҳи донистани ҳақи-қатро нишон медиҳад:

- он чизе ҳақиқат аст, ки ошкор ва равшан мебошад ва фақат ба воситаи интуитсияи фикрӣ ҳақиқатро то ба охир донистан мумкин аст;

- идеяҳои (фикрҳои) мураккабро ба идеяҳои (фикрҳои) сода ҷудо кардан;

- аз ҳақиқатҳои сода ба мураккаб гузаштан;

- ба воситаи интуитсия алоқаманд кардани ҳақиқатҳои содаи ҷудокардашуда.

Ба таври дигар, ин чор қоидаро дар доираи методи ратсионалӣ-дедуктивӣ, барои дарёфти ҳақиқати объективӣ (илмӣ) чунин ифода кардан мумкин аст:

- танҳо он чизеро ҳақ ва дуруст шуморидан мумкин аст, ки ба таври возеҳ эъ-тироф шудааст, яъне бояд аз ҳаргуна шитобкорӣ ва тағйири фикр даст кашид ва танҳо барои муҳокимаронӣ он чизеро қабул кард, ки барои ақл равшану возеҳ аст ва ягон шакку шубҳаро ба вуҷуд намеорад;

- ҳар масъалае, ки дида баромада мешавад, бояд ба қадри имкон ба қисмҳои зарурӣ ҷудо карда шавад, то ки ҳалли он ба таври хуб ба анҷом расонида шавад;

- зарур аст, ки бо тадриҷ ва пайдарҳам фикр ронд, яъне аз чизҳои одӣ ва осонфаҳм сар карда, оҳиста-оҳиста ба фаҳмиши объектҳои мураккабтар гузашт;

- тартиб додани номгӯй ва ба система даровардани чизҳои донисташуда ва донисташаванда.

Ҳамин тавр, ба воситаи тафаккури ратсионалӣ, ки ба интуитсия асос ёфта-аст, метавон донишҳои ҳақ ва дурустро ба даст овард, ки он аз тариқи методи дедуктивӣ ҷараён мегирад. Сарчашмаи ин донишҳо ҳамон муқаддимаҳое ме-бошанд, ки моҳиятан дақиқу саҳеҳ буда, ягон шакку шубҳаро ба амал намео-ранд. Ин тарзи ҷараёни фикр аз донишҳои маълум ба сӯи ошкор кардани ху-сусияти чизи номаълум буда, барои дарки моҳияти он аст.

Умуман, интуитсияи ратсионалии Р.Декарт аз шакку шубҳа сар мешавад, ки он асос ва ибтидои ҳамагуна тадқиқоти илмӣ мебошад. Ба ин восита Р.Де-карт мехост, ки инсонро аз ҳаргуна хурофот, ки донишҳои ғайриилмӣ ва ҳат-то зиддиилмӣ ҳастанд, озод намояд. Ӯ тамоми тасаввуротро оид ба олами моддӣ ба зери шубҳа гузошта, қайд мекунад, ки ифодаи “ман фикр мекунам, пас ман ҳастам”, дар бораи он аст, ки тафаккур новобаста аз мазмун ва объек-ти худ, субъекти маърифатро нишон медиҳад, ки он сарчашмаи интуитсияи ақлонӣ буда, аз он  дониш оид ба олам пайдо мешавад. Ба қавли Р.Декарт ме-тоди мазкур, бояд донишро ба фаъолияти муташаккил табдил дода, онро аз ҳаргуна тасодуфҳо, ба монанди омилҳои субъективии мушоҳида ва ақли “ра-со”, аз як ҷиҳат ва аз ҷиҳати дигар аз “бобарорӣ” ва шароити мусоиди кор озод кунад.

Хуллас, Рене Декарт дар асоси назарияи ратсионализм методи универ-салии дедуктивиеро кор карда баромад, ки он барои ҳамаи илмҳо як ме-бошад. Ӯ, инчунин, дар шуури инсон мавҷуд будани идеяҳои модарзоди-ро низ тахмин мекард, ки он аз ҳар ҷиҳат натичаҳои донишро муайян ме-кунад. Ин маънои онро дорад, ки методи илмӣ фақат дар доираи илмҳои алоҳида, ба монанди физика, математика ва ғайра истифода нашуда, балки дар тамоми системаи донишҳои илмӣ, бояд истифода бурда шавад. Ба ин во-сита, метавон ташаккули дониши илмиро аз бисёр ҷиҳат тезонид. Ратсиона-лизми Р.Декарт на танҳо ба ташаккули қоидаву принсипҳои нав дар илм мусоидат кард, балки, инчунин, асосҳои баъзе илмҳоро ба монанди гео-метрияи аналитикӣ ва математика аз бисёр ҷиҳат муайян кард.

Ҳамин тавр, хизмати Рене Декарт дар илм ва фалсафа дар он аст, ки ӯ нақ-ши муайянкунандаи тафаккурро дар маърифат асоснок карда, таълимотро дар бораи субстансия ва нишонаҳои он ва инчунин модусҳо ба вуҷуд овард. Ғайр аз ин, назарияи

методи илмии маърифат ва “идеяҳои модарзоди”-ро пешни-ҳод карда, ба дуализм рӯ овард, то ки материализм ва идеализмро оштӣ андо-зад.


**Адабиёт**

1. Декарт Р. Сочинения в 2-х томах. М., 1989, т.1.
2. Розеншток-Хюсси О. Прощание с Декартом // Вопросы философии, 1997, №8.
3. Соловьев В.С. На пути к истинной философии // Соловьев В.С. Сочинения в 2-х томах. М., 1988.
4. Ростошинский Е.Н. Очерки философии. Часть II. СПб., 2003.
5. Асмус В.Ф. Декарт // М., 1956.
6. Бессонов Б.Н. Философия Рене Декарта // Социально-гуманитарное знания, 1999, №6.
7. Быховский Б. Философия Декарта // М., 1940.


## ТАРБИЯИ МЕҲНАТИИ ДУХТАРОН ВА МУШКИЛОТИ ХОНАДОРИИ ОНҲО ДАР ОИЛАИ МУОСИРИ ТОҶИК


**Сабуров Убайдулло Садуллоевич** - н.и.п., дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ, тел.: 93-555-62-64, ubaid-saburzod@mail.ru, ш. Душанбе, куч. Нахимова 64/14



Дар мақолаи мазкур масъалаи тарбияи меҳнатии ҷавондухтарон ҳамчун оиладорони оянда мавриди таҳқиқ қарор дода шуда аст. Ҳадафи интихоби мавзӯи мазкур ин пеш аз ҳама муайян намудани сатҳи меҳнатдӯстии ҷавондухтарон, ошкор кардани муаммоҳои мавҷуда дар самти тарбия ва ташаккулёбии онҳо мебошад. Баъдан дар заминаи мушкилотҳо бо назардошти таҳқиқот пешниҳод намудани роҳу усули ҳалли он ва такмили меҳнатдӯстии ҷавондухтарон ба хотири устувории оилаҳои имрӯза аст.

Дар ҷараёни таҳқиқ бинобар сабаби маҳдудияти ҳаҷми талабот нисбат ба пешниҳоди мавзӯъ ба мо муяссар гашт, ки дар доираи як қисати хурд натиҷаи кори хешро пешниҳод намоем. Бинобар ин, ҷиҳати мукаммал намудани масъала ва мавзӯи мазкур оянда дар назар аст, ки кори таҳқиқотии имрӯза ба таври васеътар анҷом дода шавад.



**Калидвожаҳо:** тарбия, меҳнат, оила, ҷавондухтарон, ташаккул, шахсият, инноватсия, технология, маҳорат, малака, одат.


## ТРУДОВОЕ ВОСПИТАНИЕ ДЕВОЧЕК И ИХ БЫТОВЫЕ ПРОБЛЕМЫ В СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ СЕМЬЕ


**Сабуров Убайдулло Сайдуллаевич** - к.п.н. доцент кафедры гуманитарных дисциплин ТГФЭУ, тел.: 93-555-62-64, ubaid-saburzod@mail.ru, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14



В данной статье обсуждается вопрос профессиональной подготовки молодых девушек как будущих замужних женщин. Целью выбора данной темы является, прежде всего, определение уровня трудовой этики молодых девушек, выявление существующих проблем в направлении их воспитание и становления. На основе проблем с учетом проведенных исследований предлагается их решать и совершенствовать трудовую этику молодых девушек ради стабильности сегодняшних семей.

В ходе исследования, в связи с ограничением объема требований к изложению темы, нам удалось представить результаты нашей работы в небольшом разделе. Поэтому для совершенствования этого вопроса и темы в будущем ожидается, что текущая исследовательская работа будет проводиться более широко.
**Ключевые слова:** воспитание, труд, семья, молодые девушки, формирование, личность, инновация, технология, навык, умение, привычка.

## LABOR EDUCATION OF GIRLS AND THEIR EVERYDAY PROBLEMS IN A MODERN TAJIK FAMILY

**Saburov Ubaidullo Sadulloevich** - c.p.s., docent of humanitarian subjects TSFEU, tel.: 93-555-62-64, ubaid-saburzod@mail.ru, Dushanbe city, 64\14 Nakhimov str.

This article discusses the issue of professional training of young girls as future married women. The purpose of choosing this topic is, first of all, to determine the level of work ethics of young girls, identify existing problems in the direction of their upbringing and development. Based on the problems, taking into account the research conducted, it is proposed to solve them and improve the work ethics of young girls for the sake of stability of today's families.

During the research, due to the limited scope of the requirements for the presentation of the topic, we were able to present the results of our work in a small section. Therefore, in order to improve this issue and topic in the future, it is expected that the current research work will be carried out more widely.
**Key words**: education, work, family, young girls, formation, personality, innovation, technology, skill, ability, habit.

Яке аз масъалаҳои муҳими педагогикаи замони муосир ин тарбия ва ташаккули шахсияти комил буда, мутахассисони соҳа доир ба самти мазкур таҳқиқотҳои зиёдро анҷом дода, кушиш ба харҷ додаанд, ки дар тарбияи насли наврас саҳми арзанда гузоранд. Новобаста аз таҳқиқотҳои анҷомёфта дар бахши мазкур ҳануз ҳам муаммоҳои зиёди ҳалталаб мавҷуд буда, зарурати таҳқиқ ва пешниҳоди роҳу усулҳои ҳалли онҳо ба миён омадааст.

Ҳарчанд тарбия дорои қисматҳои зиёд асту вобаста ба самтҳои мавҷуда дар ташаккулёбии шахсити тарбиягирандагон нақши муштарак доранд, инчунин таъсири алоҳидаи ҳар як қисмати таркибии онро дар ҳаёти иҷтимоии аҳли ҷомеа ва махсусан наврасону ҷавонон ҳамчун барандагони нақшҳои бузурги иҷтимоӣ дар оянда бояд муайян кард. Ҳадафи таҳқиқоти мазкур маҳз атрофи тарбияи меҳнатии наврасону ҷавонон ва маҳз ҷавондухтарону ҳаёти оиладории онҳо дар он мебошад, ки ба ин васила ҷиҳати мустаҳкамгардонии ин институти иҷтимоӣ бо назардошти ошкор кардани як қатор масъалаҳои мавҷуда ва роҳу усули ҳалли онҳо нақшгузорӣ кардан аст.

Дар замони имрӯза омезиши фарҳанг, урфу одат, таъсири технологияи инноватсионӣ дар самти тарбияву ташаккулёбии шахсиятҳои комил ва рақобатпазир ба талаботи бозори меҳнат нақши муҳим дошта, боиси дигаргунии ҳаёти ҷомеа гаштааст. Ҳамзамон, набояд фаромуш кард, ки ҳарчанд то андозае истифодаи воситаҳои телекоммуникатсионӣ таъсири мусбӣ расонида бошад ҳам, аз тарафи дигар мушкилоти зиёди иҷтимоиро ба миён овардааст. Яке аз мисоли равшан ин таъсири технологияи инноватсионии муосир ба

монанди телефони мобилӣ мебошад, ки ғайримеъёрӣ истифода намудани он аз ҷониби насли наврас сатҳи тарбияро дар самти ахлоқ, меҳнат, маънавиёт, иқтисодиёт, минталитети миллӣ ва дигар бахшҳои ҳаётан муҳими иҷтимоӣ коста гардонида, масъалаҳои баҳсталабро дар самти муносибатҳои хонаводагӣ низ ба вуҷуд оварда боиси вайроншавии оилаҳои зиёд гашта аст. Мисоли дигар, ин истифодаи мунтазами асбобу лавозимоти маишӣ (дастгоҳҳои ҷомашӯӣ ва ношусташӯӣ, чангкашак, дастгоҳҳои хурокомодакунӣ ва нонпазӣ) дар шароити хоҷагидорӣ мебошад, ки аз як тараф вақти кориро кам гардонида ба истифодабарандагон мусоидат намояд, аз ҷониби дигар шахсро то андозае танбал, маҳорату малакаҳои меҳнатиашро паст ва коргурез мегардонад.

Вобаста ба аломатҳои болозикр, ки то андозае як қатор мушкилотҳои меҳнат ва ҳаёти оилавиро ба миён овардаанд, як пурсиши хурдакак дар байни аҳолӣ нисбат ба нақши телефону воситаҳои маишӣ гузаронида шуд. Дар пурсишнома асосан ба шахсони рузгордида ва таҷрибаи оилавидошта аз табақаҳои гуногуни аҳолӣ такя намудем, ки дар маҷмуъ 32 нафар (16 мард ва 16 зан) дар ҷараён ширкат доштанд. Саволҳо ба таври зерин ба иштирокчиён пешниҳод карда шуд:

а) Телефони мобилӣ ва нақшу таъсири он ба ҳаёти оилавӣ;

б) Мавқеи асбобҳои маишӣ ва сатҳи тарбияи меҳнатии ҷавонон.

Натиҷаи саволи аввал чунин аст, ки қариб аз се як ҳиссаи пурсидашавандагон яъне ҳамагӣ 9 нафар истифодаи телефони мобилиро дар ҳаёти оилавӣ танҳо мусбат арзёбӣ намудаанду халос, 5 нафар аз мусоҳибон (респондентҳо) начандон ҷавоби саҳеҳ гардонида, боқимонда 18 нафари дигар дар баробари муваффақиятҳои пайдарҳаму инноватсионии телефони мобилӣ бинобар сабаби бемаърифатона истифода намудани ин таҷҳизоти замони нав аз ҷониби қишри ҷавони ҷомеа пеш аз ҳама сарфаи беманфиати вақту маблағ, баъдан паёмадҳои нохуби иҷтимоӣ ба мисоли шомил гаштани ҷавонон бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоиву ихтилофангез, тамошои наворҳои вайронкунандаи ахлоқу рафтор ва ҳамзамон вайрон гаштани сафи зиёди оилаҳои навбунёду паст гаштани сатҳи меҳнатдӯстии наврасону ҷавонон нақшу таъсири онро ғайриқаноатбахш арзёбӣ кардаанд.

Вобаста ба саволи дуюм бошад, ки бобати истифодаи асбобу техникаҳои маишӣ дар ҳаёти рузмарраи оилавӣ пешниҳод гардида буд чунин натиҷагирӣ карда шуд; аз як тараф аксарияти пурсидашавандагон аз мавҷудияти чунин техникаву таҷҳизоти маишӣ вобаста ба имкониятҳо ҷонибдорӣ карда бошанд ҳам, аз тарафи дигар вобаста ба коста гардидани сатҳи меҳнатдӯстии ҷавондухтарон дар ҳаёти оилавӣ ва танбал гаштану бидуни ёрии техникаҳои маишӣ нотавон буда, истифода накардани дастгоҳу воситаҳои ёрирасони анъанавӣ аз ҷониби як теъдоди онҳо қобилиятҳои меҳнатӣ паст гашта, боиси нороҳатии тарафайн ва норизогии аъзоёни хонавода мегардад, ки ин яке аз сабабҳои пош хурдани оилаҳои имрӯза гаштааст.

Мушкилотҳои муайянгаштаи иҷтимоии болозикр агар яке аз сабабҳои пош хурдани оилаҳо дар замони имрӯза бошанд, дар баробари он садҳо масъалаҳои дигар низ ҳастанд, ки ҳамасола оилаҳоро ноустувор ва муаммоҳои занҷиравии ҳаёти оилавиро ба миён оварда, сохторҳои ҷамъиятӣ, мактабу маориф, волидону аҳли ҷомеаро вазифадор менамоянд, ки нисбат ба тарбияи наврасону ҷавонон аз ҷумла меҳнатдӯстиву ҳунармандии духтарон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд. Дар ҳолати беэътиноӣ зоҳир намудани аҳли ҷамъият нисбат ба тарбияи меҳнатӣ ва даҳҳо навъи тарбияи наврасону ҷавонон ва махсусан

ҷавондухтарон сол то сол вайрон шудани оилаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд гашта, сафи оилаҳои нопурра ва наврасони душвортарбия меафзояд.

Ҷиҳати исботи андеша, ки нисбат ба афзудани оилаҳои пошхуранда баён карда шуд, маълумоти омори расмӣ дар ҷадвали зерин аст, ки тавофути ҳаштсоларо аз соли 2015 то ба соли 2022 дар бар мегирад:

| Солҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тохикистон | 8346 | 8845 | 10053 | 10976 | 12469 | 10532 | 13684 | 14909 |
| ВМКБ | 106 | 113 | 165 | 156 | 216 | 173 | 257 | 223 |
| Вилояти Суғд | 3440 | 3638 | 4040 | 4046 | 4272 | 3576 | 3940 | 4302 |
| Вилояти Хатлон | 1671 | 1707 | 1829 | 2376 | 2631 | 2416 | 3288 | 3575 |
| ш.Душанбе | 1193 | 1286 | 1579 | 1775 | 2308 | 1829 | 2621 | 2633 |
| НТМ | 1936 | 2101 | 2440 | 2623 | 3042 | 2521 | 3578 | 4179 |

**Ҷадвал аз руи ҳисоботи Кумитаи омори назди ҲҶТ тартиб дода шудааст.**

Ба нишондиҳандаҳои ҷадвали мазкур таваҷуҳ намоем, аз соли 2015 то ба соли 2022 зиёд гаштани оилаҳои пошхурда ба мушоҳида расида, ҳатто то 2 баробар афзудани он инъикос ёфтааст. Танҳо соли 2015 ба хотири ташаббус ва пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Э. Раҳмон соли 2015-ро ҳамчун "Соли оила" эълон намудан ва пайгири кардани дастуру супоришҳои сарвари давлат аз ҷониби зерсохторҳои зиёди ҳукуматӣ ва идораву кумитаҳои дахлдор то як андоза пеши роҳи вайрон шудани оилаҳо гирифта шуд. Ҳатто, дар қиёс бо соли 2015 (8346) соле қабл яъне  дар соли 2014 (9000) зиёдтар оилаҳо аз ҳам ҷудо шудаанд.

Мақсади овардани маълумоти омори болозикр аз он иборат аст, ки вайрон шудани оилаҳо дар Ҷумҳурӣ бо сабабҳои зиёд ба миён омада, вале яке аз сабабҳои асосиаш ин сатҳи пасти меҳнатдӯстиву ҳисси одат намудан ба он аст. Барои ҳамин ҳам, ба вуҷуд овардани одати хуб муҳимтарин натиҷаи тарбияи дурусти меҳнатии наврасону ҷавонон мебошад. Ин навъи одатро бошад аз синни томактабӣ сар карда, масъулияти тарбиятгирандагонро муайян кардан аз манфиат холи нест. Масалан, кӯдакон ба тоза кардани зарфҳо пас аз хурдани хурок ва ё худ субҳи барвақт аз хоб хеста бистару рахти хоби худро тоза ва ҷамъ кунанд, онҳо ба ин одат карда корро бидуни ёдраскуниҳои нолозим, фармон ва таҳдиди калонсолон анҷом медиҳанд. Беасос нест, ки педагоги машҳур К.Д. Ушинский чунин таъкид менамояд: «тарбия, на танҳо дар тарбиятгиранда эҳтиром ва муҳаббат ба меҳнатро бедор намояд, балки ба меҳнат одат карданро низ ба миён орад».

Хулоса, меҳнатро ҳамчун омили асосии тарбия ва ташаккули шахсияти комил арзёбӣ намудан мумкин аст, ки дар сурати ба ҳукми одат ворид намудани ин навъи фаъолияти иҷтимоӣ, одамони синну соли гуногун ба ҳеҷ як ҳаракати ношоиставу каҷрафториҳо вақт намеёбанд ва дар заминаи ин навъи тарбия дигар қисматҳои таркибии онро метавонем дуруст ба роҳ монем. Маҳз дар ҷавондухтарон ба ҳукми одат ворид намудани меҳнат самараи назаррас медиҳад, ки дар устувории оила низ нақши асосиро иҷро мекунад.

Таҳқиқи мазкур бисёрҳам дар сатҳи хурд анҷом дода шуда, ҳануз ба нуқтаи охир нарасидааст ва ҷиҳати комил гардонидан тасмим гирифтаем дар бахшҳои дигар вобаста муаммоҳои мавҷудаи самти мазкур корбарӣ намуда, роҳу усулҳои беҳтар намудани ҳаёти иҷтимоии навхонадоронро муайян намоем.

**Адабиёт**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23.01.2015 – 42 с.
2. Сабуров У.С., Оила, омилҳои бунёд ва мустаҳкамии он. Маҷмӯаи мақолаҳои конфренсияи илмӣ-назариявии устодон ва донишҷӯёни ДМИТ бахшида ба «Соли оила», 2015 – 456 с.
3. Ушинский К.Д. Избранные педагогические сочинения/ М.: Просвещение, 1968. — 557 с.
4. https://www.stat.tj/jadvalhoi-tahlili/

## ХРОНОЛОГИЧЕСКАЯ МОДЕЛЬ РАЗВИТИЯ СОГДИЙСКОЙ КУЛЬТУРЫ И ИСКУССТВА Б.И. МАРШАКА ПО АРХЕОЛОГИЧЕСКИМ МАТЕРИАЛАМ ПЕНДЖИКЕНТА

**Зарифов Манучехр Абдухоликович** - Таджикский государственный финансово – экономический университет, преподаватель кафедры гуманитарных дисциплин. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица. Нахимова, 64/1. Телефон: 935-86-86-97. E-mail: Zarifov28@ mail.ru.

В этой статье рассказывается о вкладе великого ученого археологии Б.И. Маршак указан в классификации периодов развития культуры и искусства Согд. Жители долины Зеравшана и Кашкадарьи назывались согдийцами, которые в последующие века сыграли важнейшую роль в процессе сложения культуры таджикского народа. Таджики издавна населяют регион среднеазиатского междуречья. Более тысячи лет назад они сложились уже как народность со своим нынешним именем. Это были создатели большой древней культуры, искусные ремесленники, трудолюбивые земледельцы. «Культура таджиков прослеживается с глубокой древности, через средние века и до современности..." Эту цитату можно без преувеличения назвать определяющей для хронологической модели развития согдийской культуры и искусства, заявленной Б.И. Маршаком.

**Ключевые слова:** Археология, Согд, культура, искусство, исследования, долина, развитие.

## CHRONOLOGICAL MODEL OF THE DEVELOPMENT OF SOGDIAN CULTURE AND ART BY B.I. MARSHAK BASED ON ARCHAEOLOGICAL MATERIALS OF PENJIKENT

**Zarifov Manuchehr Abdukholikovich** - Tajik State Financial and Economic University, assistant of the department of humanitarian disciplines. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, st. Nakhimov, 64/1. Phone: 935-86-86-97. E-mail: Zarifov28@ mail.ru.

This article describes the contribution of the great scientist of archeology B.I. Marshak to the classification of periods of culture and art development in the Soviet Union. The inhabitants of the Zeravshan and Kashkadarya valleys were called Sogdians, who in the following centuries played an important role in the process of shaping the culture of the Tajik people.

Tajiks have long inhabited the Central Asian interfluve region. More than a thousand years ago, they formed as a nation with their current name. They were the creators of a great

ancient culture, skilled artisans, and hardworking farmers. "The culture of the Tajiks can be traced from ancient times, through the Middle Ages to the present ..." This quote can without exaggeration be called decisive for the chronological model of the development of Sogdian culture and art, stated by B.I. Marshak.

**Keywords:** Archeology, Sogd, culture, art, research,valley, development.

## ТАСНИФОТИ ДАВРАИ РУШДИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТИ СУҒД ДАР ТАҲҚИҚОТИ Б. И. МАРШАК ДАР АСОСИ МАВОДҲОИ БАСТОНШИНОСИИ ПАНҶАКЕНТ

**Зарифов Манучеҳр Абдухоликович** – Донишгоҳи давлатии молиявию иқтисодии Тоҷикистон, устоди кафедраи фанҳои гуманитарӣ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Нахимов, 64/1. Телефон: 935-86-86-97. E mail: Zarifov28@ mail.ru

Дар мақолаи мазкур саҳми донишманди бузурги илми бостоншиносӣ Б.И. Маршак дар таснифоти давраи рушди фарҳангу санъати Суғд нишондода шудааст. Сокинони водии Заравшан ва Қашқадарёро суғдиён номида мешуданд, ки дар асрҳои минбаъда дар раванди ташаккули фарҳанги халқи тоҷик нақши муҳим бозиданд.

Тоҷикон аз қадим дар минтақаи байни дарёҳои осиёи миёна зиндагӣ мекунанд. Беш аз ҳазор сол пеш онҳо ҳамчун як халқ бо номи ҳозираи худ ташаккул ефтанд. Инҳо эҷодкорони фарҳанги бузурги қадим, ҳунармандони моҳир, деҳқонони меҳнатдӯст буданд. «Фарҳанги тоҷикон аз қадимулайём, аз асрҳои миена то замони муосир пайгирӣ карда мешавад...» ин иқтибосро бе муболиға метавон барои модели хронологии рушди фарҳанг ва санъати суғд, ки аз ҷониби Б.И. Маршак эълон шудааст, муайянкунанда номид.

**Калидвожаҳо:** Бостоншиносӣ, Суғд, фарҳанг, санъат, таҳқиқот, водӣ,рушд.

Жители долины Зеравшана и Кашкадарьи назывались согдийцами, которые в последующие века сыграли важнейшую роль в процессе сложения культуры таджикского народа. Таджики издавна населяют регион среднеазиатского междуречья. Более тысячи лет назад они сложились уже как народность со своим нынешним именем. Это были создатели большой древней культуры, искусные ремесленники, трудолюбивые земледельцы. «Культура таджиков прослеживается с глубокой древности, через средние века и до современности..."[1,5]Эту цитату можно без преувеличения назвать определяющей для хронологической модели развития согдийской культуры и искусства, заявленной Б.И. Маршаком.

Этой моделью он попытался охарактеризовать искусство Согда как нечто, обладающее собственной неповторимой ценностью, причём эта неповторимая ценность искусства заключается не в том, что выявленные темы и мотивы были чужими и всегда зарождались на местной почве, а в том, что оригинально новое художественное осмысление всех этих тем и мотивов связано с неповторимостью исторической ситуацией во времена сложения и расцвета согдийского искусства.

В качестве наиболее актуальных для этой модели исследования называются два направления. « во-первых, только в раннем средневековье, в основном благодаря Пенджикенту, стало возможно говорить о согдийском искусстве на примере и в контексте деятельности согдийского общества. В то время как более ранний период остаётся не

изученным ни в историческом, ни в художественном отношении. Открытые памятники разрознены и неоднозначны по значению. И самая главная причина для того, чтобы судить об эволюции, это наличие слишком неопределённые дат. В связи с этим древние памятники рассматриваются только в связи с вопросом о том, с чего началось раннесредневековое искусство». [2,10] Поэтому первым направлением называется изучение искусства.

Второй важной проблемой обозначена сфера, связанная с использованием письменных источников. Колоссальный пробел в данном направлении относится непосредственно к эпохе раннего средневековья – V-VIII вв. и заключается в следующем. Памятников этого периода много, и в большей части точно датированы, изучаются по историческим и историко-культурным данным, которые получены из археологических и письменных источников. Однако сложность проблемы обусловлена односторонним характером письменных источников. Почти совсем ничего не известно о литературе согдийцев, кроме переводной; соответственно исследователи судят об их идеологии в основном по изобразительному искусству. В связи с этим Б.И. Маршак подчёркивает, что «важно, следуя общепринятому правилу, когда искусствовед привлекает широкую информацию о культурном фоне, приводя открытия современных авторов, которые составили весь фон идейной жизни общества по совокупности источников, проводить более широкое изучение и соответственно делать обширные заключения. Однако в случае с Согдом исследователи вынуждены поступать наоборот, то есть непосредственно сравнивать произведения искусства, отражающие все данные социальной и политической истории, с известными памятниками материальной культуры. Только такое сравнение помогает внести в исследование историзм. К сожалению, такие упрощения важны до тех пор, пока не будут найдены новые согдийские литературные памятники и новые письменные доказательства о местной религии. Поэтому вторым определяющим направлением является согласованное изучение духовной и материальной культуры, как по письменным источникам, так и по археологическим материалам. Такой подход отразил классическую схему эволюции культуры и государства». [3,205]

Историческая особенность Согда заключается в том, что, при таких многочисленных вражеских нашествиях, Согд не стремился объединиться для коллективной зашиты от врагов с соседними странами. На его территории так и не сложилось сильное государство, где надолго превалировали бы общинные традиции. Исследования Б.И. Маршака также показали, что развитие Согда как древней страны, Согдийской цивилизации: "от столетия к столетию становилось богаче с его неповторимой культурой, которая в результате достигла очень высокого уровня. Особенность истории Согда, в том, что она отражает столь же яркий пример "не имперского пути" эволюции, известного в странах Среднего Востока, таких как Иран, который признан классическим примером имперского варианта эволюции в этом регионе. [4,237]

Одним из проявлений этого была уникальная конфессиональная ситуация. Отсутствие авторитарной власти не позволило создать жестко канонизированную религию и выработать единую религиозную политику, где «трон был опорой алтаря, а алтарь — опорой трона». Даже если не касаться согдийских колоний, в которых мировые религии стали господствующими, то и в коренных землях Согда сосуществовали, по крайней мере, четыре конфессии: 1) собственно согдийских верований, представлявших собой особую ветвь зороастризма; 2) индуизма; 3) буддизма; 4) христианства. [5,121]

Следовательно, по мнению Б.И. Маршака, в V-VI вв. согдийцы разрабатывают свою собственную культуру, культовую иконографию, в которой они смело используют различные традиции, видоизменяя их, соединяя и комбинируя элементы различного происхождения. Подобное явление было ранее подмечено в архитектуре.

Исследуя вышеназванные направления, Б.И. Маршак пришел к следующему вводу: «Согдийцы на протяжении веков были связаны почти со всем цивилизованным миром согласно и благодаря своей важной подвижнической роли в международной торговле шёлком, а также участием в политической жизни тюркских степных государств VI-VIII вв. Их искусство повсеместно отражает, что они знали научные и культурные достижения разных стран, охотно перенимали и использовали те, или иные темы, мотивы, орнаменты и т.д.". [6,240]

Таким образом, хронологическая модель развития согдийской культуры и искусства Б.И. Маршака очень гибко отражает и привлекает практически все достижения и открытия, получившие подтверждение в исторической, источниковедческой и археологической интерпретации, и практически составляет рабочую инновационную программу для дальнейших исследований и научных поисков.

**Литература**


1. А.М. Беленицкий, Б.И. Маршак Черты мировоззрения согдийцев VII-VIII вв. в искусстве Пенджикента. // История и культура народов Средней Азии (древность и средние века). М.: 1976. 206 с.
2. Беленицкий А.М. Результаты раскопок на городище древнего Пенджикента в 1960 г. — «Труды Института истории АН ТаджССР». т. XXXIV, Душанбе, 1962. 389.с
3. Беленицкий А.М., Маршак Б.И. Стенные росписи, обнаруженные в 1970 году на городище древнего Пенджикента. — «Сообщения Государственного Эрмитажа», вып. XXXVI, Л., 1973.203. с
4. Маршак Б.И. Искусство Согда/ Государственный Эрмитаж. -СПб: Изд-во Гос.Эрмитажа,2009. -64.с
5. Маршак Б.И. Отчет о работах на объект № 12 за 1955-1966гг. // МИА СССР, № 124.Т.4. – Отв. ред. А.М. Беленицкий. М.- Л.: Наука, 1964. 300 с.
6. B.I. Marshak. Legends,Tales and Fables in the Art of Sogdiana // New York, 2002. 195.с


## АҲМАДИ ДОНИШ ВА ГУЗОРИШИ МАСЪАЛАИ ИСТИФОДА БУРДА ШУДАНИ ОБИ ДАРЁИ ОМУ

**Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович** – н.и.т. ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ДДМИТ E-mail: Firdavs Akhmadov 10 @ gmail. com Телефон: 102-03-04-87

Дар ин мақола асосан сухан дар бораи заҳматҳои беохири яке аз мутафакирони бузурги халқи тоҷик Аҳмад Махдуми Дониш меравад. Баъди ҳуҷуми хонумонсузи муғулу-тоторҳо ба Мовароуннахр системаи ягонаи обиёрии Мовароуннаҳр аз ҷониби ғосибон вайрон карда шуд. Дар қисмати шимолии Мовароуннаҳр ягона сарчашмаи ба об таъмин-кунандаи мардум ин дарёи Зарафшон буд. Баъди ташкилшавии Генерал Губернатории Туркистон миқдори ҷӯйҳои обиёрикунандаи округи Самарқанд зиёд карда шуданд. Аморати Бухороро мушкилоти наве пеш омад, ки ин мушкилоти камии об буд. Якумин

шуда ин мушкилоти пеш омадаро Аҳмади Дониш дарк карда аз пайи ҳали он шуд. Ӯ ба амирони манғити сарчашмаҳои нави обёриро бо харҷи худи мардум аз Омуву Сиру шохобҳои Ому пешниҳод кард, аммо аз ҷониби амирони ҷоҳили манғити пазируфта нашуд.

**Калидвожаҳо:** Муғулҳо, Тоторҳо, Бухоро, Самарқанд, Ому, Сир, шохобҳои Ому, Генерал Губернатории Туркистон, Кауфман, Абрамович, Аҳмади Дониш .

## АХМАДИ ДОНИШ И ПРОБЛЕМА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОД РЕКИ ОМУ

**Ахмедов Фаррухзод Хасанович** - н.и.т. Ассистент кафедры гуманитарных наук ДДМИТ E-mail: Firdavs Akhmadov 10 @ gmail. com Телефон: 102-03-04-87

В данной статье рассматриваются заслуги великого таджикского мыслителья Ахмади Дониш. После нападения татаро-монголов на Мовароуннахр единая система водоснабжения города была разрушено с их сторонни. Единственным источником водоснабжения города Мовароуннахр оставалась река Зарафшан на севере города. После учреждения Туркестанского Генерал Губернатора количество водаснабжающих сооружений округа Самарканд было увеличено. Перед Бухарским Эмиратом встал вопрос о нехватке воды. Первым о данной проблеме заявил Ахмади Дониш и принялся за ее решения. Он предложил мангитским эмирам новые источники вода снабжения из рек Ому и Сир, но данное предложение серьезно не было воспринято со сторонни мангитских эмиров.

**Ключевые слова:** Монголы, Татары, Бухара, Самарканд, Ому, Сир, Туркестанский Генерал Губернатор, Кауфман, Абрамович, Ахмади Дониш.

## AHMADI DONISH AND THE PROBLEM OF USING WATER FROM THE RIVER OMU

**Akhmedov Farrukhzod Khasanovich** - n.i.t. Assistant of the Department of Humanities of the DMIT E-mail: Firdavs Akhmadov 10 @ gmail. com Phone: 102-03-04-87

In this article considered the merits of the prominent tajik thinker Ahmadi Donish. After the tatar-mongol attack on Movarounnahr the unified water supply system of the city was destroyed by them. Zarafshon river in the north of the city Movarounnahr left as the only source of water supplying. After the establishment of the Turkestan General Governor the number of water supplying structures of Samarqand district has been increased. There was a question about the lack of water before the Bukhara Emirate. Ahmadi Donish was the first who claimed about this problem and set about solving it. He offered mangit emirs the new sources of water supplying from the rivers Omu and Sir, but this proposal was not taken seriously by the mangit emirs.

**Key words:** Mongols, Tatars, Bukhara, Samarqand, Omu, Sir, Turkestan General Governor, Kaufman, Abramovich, Ahmadi Donish.

Системаи обиёрии Мовароуннахр ҳанӯз дар аввалҳои асри XIII хароб гардида буд. Ҳуҷуми хонумонсӯзи муғул,ки дар ин вақт ба тарафи ин сарзамин равона гашт, ба тамоми қисматҳои маданияти гулгул шукуфтаи халқҳои ин сарзамин зарбаи ҳалокатоваре расонид. Хунхоро-ни ҷингизӣ дар баробари қатлу ғоратҳои ваҳшиёна системаи обёрии Мовароуннаҳро низ хароб намуда, аҳолиро махсусан аз ду манбаи асо-сии обиёри-оби

дарёҳои Ому ва Сир маҳрум кунониданд. Ин зарбаи ба хоҷагии мамлакат расонидаи онҳо то дараҷае бузург буд, ки дубора бар-қарор намудан мумкин нашуд. Баъд аз гузаштани асрҳо агар аз оби дарёи Сир каму беш истифода бурдан мумкин шуда бошад, аз оби дарёи Ому баҳрае ба аҳолӣ намерасид ва ин ҳақиқат ба хубӣ маълум буд, ки то вақте оби дарёи Ому ва оби дарёҳои саргаҳи он (Вахшу Кофарниҳон) истифода бурда нашавад, эҳ-тиёҷоти ба об доштаи аҳолии воҳаҳои зироати Мовароуннаҳр, аз ҷумла водиҳои Қашқадарё, Сурхандарё, даштҳои васеи Бухорои шарқӣ ва ҳатто минтақаҳои Бухоро зиёд шуда ва ҳатто минтақаҳои Бухороро ба об таъмин намудан ғайри имкон аст. Мутафаккири бузурги асри XIX тоҷик Аҳмад Маҳмуди Дониш яке аз он симоҳои бузурги таърихист, ки ин мушкилоти камобиро беш аз дигар ҳамасронаш дарк намуда дар ин соҳа муборизаҳои ҷиддӣ бурдааст. Ӯ сабабҳои камобӣ, роҳҳои аз манбаъҳои асосии обӣ истифода бурда, обиёри намудани заминҳои зироатӣ ва кӯшишҳои чӣ дар Бухоро (барои ба ин кор моил кунондани амир Музаффар) ва чӣ дар вақти бо ҳайати сафорат рафтани худ дар пойтахти давлати Россия кардаашро бо тафси-лот баён кардааст .

фарҳангии он, ҳимояи манфиатҳои Ватан ва халқи худ сифатҳои беҳтарини ватандӯстӣ мебошанд. Дар шароити бавуҷудоии миллатҳо ва давлатҳои миллӣ, ватандӯстӣ қисми таркибии шуури ҷамъиятӣ, инъикоскунандаи инкишофи омилҳои умумимиллии он мегардад. Ватандӯстӣ дар ҳамаи давру замонҳо яке аз хислатҳои неки инсоният ба шумор меравад.

Худшиносӣ, ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии аз масъалаҳои умда дар шароити кунунӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз дастгириву ба ғамхорӣ фаро гирифтани ҷавонон, ҳалли мушкилоти ҳаёти онҳо ва истифодаи дурусту оқилона ба хотири ободиву пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарине мебошанд, ки таҳти таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат қарор доранд, зеро Тоҷикистон худ мамлакати ҷавонон аст.

Таҷрибаи давлатдории халқҳои олам собит менамояд, ки ҳастии ҳар давлату ҷомеа ва рушди озодонаи ҳар як фарди он маҳз ба ҳисси миллии ватандӯстӣ кафолати муҳимтарини бақои миллату давлат вобастагии мустақим дорад. Мо бояд фаромӯш насозем, ки мардуми Тоҷикистон масъулияти ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими пояҳои давлатдорӣ, таъмини амнияту суботи кишвар ва ободиву пешрафти мамлакатро ба зиммаи мову шумо вогузор намудааст.

Ифтихори ватандӯстӣ дар замони муосири ҷаҳонишавӣ, худшиносии миллӣ ва яке аз рукнҳои муҳими фаъолияти ҷомеаи мутамаддин ва таълиму тарбияи насли наврас маҳсуб меёбад. Тавассути худогоҳӣ, худшиносӣ, насли наврас ва ҷавонон қобилият ва истеъдоди худро барои расидан ба ҳадафҳои ояндаи худ ва ҷамъият равона менамоянд. Тавре дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр шудааст: “Ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол неруи созандаи Ватан буда, нақши онҳо дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа бисёр арзишманд ва назаррас мебошад.  Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу бономусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд.  Маҳз ҷавононанд, ки дар оммавигардонии варзиш нақши асосӣ дошта, ба шарафи пирӯзиҳои онҳо парчами Тоҷикистони маҳбуби мо дар гӯшаҳои гуногуни дунё парафшонӣ мекунад.”

Ватанпарварӣ, ватандӯстӣ, хештаншиносӣ – принсипи ахлоқию сиёсӣ ва ҳисси иҷтимоӣ буда, мазмуни аслиашон меҳру муҳаббат ва садоқат ба Ватан ва омода будани инсон ба боло гузоштани манфиатҳои Ватан-модар аз манфиатҳои шахсии худ мебошад. Дар тамоми давру замонҳо яке аз хислатҳои неки инсоният худшиносӣ, худогоҳӣ ва Ватандӯстӣ ба шумор меравад. Боиси қайд аст, ки яке аз мавзӯъҳои мубрами раванди таълиму тарбия мавзӯи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва арҷ гузоштан бар арзишҳои олии кишвар ба ҳисоб рафта, тадриси он вазифаи аввалиндараҷа ва муқаддаси ҳар як шаҳрванд ба шумор меравад. Ҳукумати мамлакат вобаста ба ин масъалаи зикргардида, таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, дар тамоми сохторҳои илмию таълимӣ назорати ҷиддӣ мебарад.

Худшиносӣ василаи асосии ба маънавият расидани инсону ҷомеа мебошад. Инсони андешаманд дар раванди устувор кардани инсонияти худ гаштаву баргашта чунин хулоса баровардааст, ки мақсади асосии бозҷустҳои маънавӣ худшиносист. Ба гуфтаи равшанфикрони фалсафаи иҷтимоӣ «Худшиносӣ аввалин шарти хирадмандист».

Ҷамъият, ҷомеа ба хештаншиносии шахс асос ёфтааст. Худшиносии шахс ба чи дараҷа амиқ рафта бошад, савияи хештаншиносии ҷамъият ба ҳамон дараҷа баланд хоҳад буд.

Худшиносӣ василаи асосии ба маънавият расидани инсону ҷомеа мебошад. Худшиносии миллӣ ин решаи миллат аст, агар мактаби миллӣ заиф бошад, миллат пароканда ва нопадид мегардад. Бинобар ин, бояд баҳри мустаҳкам гардонидани мактаби миллӣ, ки ҷузъҳои асосии он ватанпарастӣ, хештаншиносӣ ва худшиносӣ мебошад, чораҳои зарурӣ андешид. Ҳарчанд худшиносии миллӣ аз гузаштагонамон ба мо мерос монда бошад ҳам, баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нави худшиносии миллӣ оғоз гардид. Дар ин давра дар Тоҷикистон вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дигар гардида, арзишҳои моддиву маънавӣ ҳам иваз шуданд.

Дар ҳақиқат, ҳар як инсони боимону оқил бояд ифтихор намояд, ки дар тӯли солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат чи қадар дигаргуниҳои куллӣ дар бобати ба эътидол овардани вазъи сиёсию иқтисодии мамлакат, дарёфт намудани роҳи рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии кишвар ва дар ин асос баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ба амал омадааст. Ҳарчанд ки роҳи тайнамудаи Тоҷикистон дар ҷодаи ваҳдату якпорчагӣ ҳамвору яксон набуд, вале мардуми шарафманди мо ба хотири таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ҳифзи марзу буми аҷдодӣ, сарҷамъии миллат, густариши фазои сулҳу оромӣ ва тақвияти худшиносии миллӣ саъю талошҳои бесобиқа анҷом доданд ва итминони комил дорам, ки наслҳои оянда аз онҳо ҳамчун намунаи ватандориву ватандӯстӣ ёд хоҳанд кард.

Бояд ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ барои абадӣ пойдор мондани Сулҳу Ваҳдат дар ҷомеа ва Истиқлолият дар Ватани азизамон саҳмгузор бошад. Ифтихор аз таърихи куҳанбунёди хеш вақте пайдо мешавад, ки аз он огоҳ бошӣ, онро мояи омӯзиш, ибрат ва шукуҳмандӣ бидонӣ, зеро ки надонистани таърихи фарҳангу тамадун, забон, адаб, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ дар пешгаҳи қавми ноогоҳ ҳукми мурдаро дорад. Саҳифаи пурмуқтавою рангин ва рӯзгори равшани миллати мо дар тули таърих бо талошу муборизаҳои ҷавонмардони шуҷои миллат, сарлашкарон ва садҳо зиёиёну сиёсатмодарони шарафманди дигар табъам буд.

Раванди худшиносӣ, худсозӣ ё технологияи худӣ аз якчанд унсур ё хусусиятҳо иборат аст, ки дар ин раванд бо ҳам сахт бофтаанд. Аввалин унсуре, ки раванди ташаккулёбии шахсият, худогоҳии шахс, раванди сохтмони худӣ аз ин оғоз мешавад, мавзӯи бунёдии фалсафа аст. Ин ҷо инсон роҳҳои шинохти воқеияти худ, худии худ ва дунёро ҳамчун ғайри худ ёд мегирад ва ба гуфти баъзе аз мутафаккирон «ба бозии ҳақиқатҷӯйӣ ва адолатҷӯйӣ» дохил мешавад. Унсури дуюм озодӣ аст, ки бо дигар унсурҳо якҷоя рушд меёбад ва ин ҷо баъзе тарафҳои дигари сохтмони инсон, мисли ирода, ақл, ҳиссиёт ва хаёлот зери фишор, тағйирёбӣ ва тарбия қарор меёбанд. Унсур ё хусусияти сеюм ин аст, ки худӣ дар як раванди таҳаввулёбанда ва динамикӣ қарор дорад ва вобаста ба тағйирёбии таҷриба ва донишҳои шахс аз як зина ба зинаи дигар мегузарад. Хусусият ё унсури чоруми раванди ташаккули худӣ иртиботу муносибат бо дигарон аст. Хусусияти дигари ин раванд бо воқеияти худ рӯ ба рӯ шудан, мардонагии ақлӣ доштан ва тавонии дидану гуфтани ҳақиқат аст. Ин таҷриба ва дониш имрӯз ҳам сахт омӯзанда аст ва танҳо онҳое, ки аз ин раванд гузаштаанд, метавонанд ба истилоҳи мутафаккирони тоҷик «озодмард», «зиндадил», «марди тамом» бошанд.

Итминони комил дорем, ки мардуми шарифу заҳматталаби тоҷику тоҷикистонӣ, бо шукронаи давлати озоду соҳибистиқлол, тахти роҳбарӣ ва сиёсати созандаву бунёдкоронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, тамоми масъалаҳои ҳалталаби ҷомеъаро бо азму иродаи қавӣ ва кору фаъолият баротараф намуда, барои рушди иқтисодиёт, шукуфоии илму фарҳанг, таъмини суботу амният, таҳкими қонуният ва истиқлоли давлатӣ кӯшиш менамоем.


**Адабиёт**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси олии мамлакат 28.12.2024.
2. Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Ватандӯстӣ арзи садоқат ба Ватан, миллат ва давлат аст» Нашрияи «Садои мардум» соли 2014. с 4-6.
3. Азизов, К.Ҷ. Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ [Матн] / К.Ҷ.Азизов. – Душанбе, 2020. – 153с


## НАҚШИ ЗАНИ ТОҶИК ДАР ТАНЗИМИ АНЪАНАҲОИ МИЛЛӢ: ТАҶРИБА, МУШКИЛОТ ВА РОҲҲОИ РУШДИ УСТУВОР


**Давлатова Мавҷуда Давроновна** – муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ. Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: +992-909295656



Дар ин мақола муаллиф ба нақши зани тоҷик дар танзими анъанаҳои миллӣ равшанӣ андохта, саҳми ӯро дар нигоҳдорӣ, мутобиқсозӣ ва рушди суннатҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ баррасӣ менамояд. Муаллиф таъкид мекунад, ки зан ҳамчун ҳомӣ ва тарғибгари арзишҳои миллӣ, тавассути оила ва фаъолият дар соҳаҳои маориф, фарҳанг ва ҳунарҳои мардумӣ, ба таҳкими ҳувияти миллӣ мусоидат менамояд. Мушкилоти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки метавонанд ба иштироки пурраи занон дар ин раванд монеа эҷод кунанд, низ таҳлил шудаанд. Дар ниҳоят, зарурати ҳифз ва рушди суннатҳо бо дарназардошти талаботи замон таъкид гардидааст.



**Калидвожаҳо.** Зани тоҷик, анъанаҳои миллӣ, ҳувияти миллӣ, оила, фарҳанг, маориф, ҳунарҳои мардумӣ, мутобиқсозии суннатҳо, ҷомеа, нақши зан.


## РОЛЬ ТАДЖИКСКОЙ ЖЕНЩИНЫ В РЕГУЛИРОВАНИИ НАЦИОНАЛЬНЫХ ТРАДИЦИЙ: ОПЫТ, ПРОБЛЕМЫ И ПУТИ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ


**Давлатова Мавжуда Давроновна -** старший преподаватель кафедры гуманитарных дисциплин Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14 Тел.: +992-909295656



В данной статье автор освещает роль таджикской женщины в регулировании национальных традиций, рассматривая ее вклад в сохранение, адаптацию и развитие национальных обычаев в условиях глобализации. Автор подчеркивает, что женщина, как хранительница и популяризатор национальных ценностей, способствует укреплению национальной идентичности через семью, а также посредством деятельности в сфере

образования, культуры и народных ремесел. Также анализируются социальные и культурные проблемы, которые могут препятствовать полноценному участию женщин в этом процессе. В заключение подчеркивается необходимость сохранения и развития традиций с учетом современных требований.

**Ключевые слова:** таджикская женщина, национальные традиции, национальная идентичность, семья, культура, образование, народные ремесла, адаптация традиций, общество, роль женщины.

## THE ROLE OF TAJIK WOMEN IN THE REGULATION OF NATIONAL TRADITIONS: EXPERIENCE, CHALLENGES, AND PATHS TO SUSTAINABLE DEVELOPMENT

**Davlatova Mavjuda Davronovna-** Senior Lecturer at the Department of Humanities, Tajik State University of Finance and Economics.
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14
Tel.: +992-909295656

This article highlights the role of Tajik women in regulating national traditions, examining their contribution to the preservation, adaptation, and development of customs in the context of globalization. The author emphasizes that women, as guardians and promoters of national values, contribute to strengthening national identity through family and their activities in education, culture, and folk crafts. Social and cultural challenges that may hinder women's full participation in this process are also analyzed. In conclusion, the necessity of preserving and developing traditions in accordance with modern demands is emphasized.

**Keywords:** Tajik woman, national traditions, national identity, family, culture, education, folk crafts, adaptation of traditions, society, role of women.

Зани тоҷик дар тӯли таърих ҳамчун ҳомӣ ва посдори фарҳанг, одоб ва анъанаҳои миллӣ шинохта шудааст. Вай на танҳо модар ва тарбиятгари наслҳои оянда, балки муҳаррики асосии интиқол ва рушди суннатҳои миллӣ низ мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйироти иҷтимоӣ нақши зан дар ба танзим даровардани анъанаҳо боз ҳам муҳимтар гардидааст, зеро ҳифз ва мутобиқсозии анъанаҳои миллӣ ба воқеияти замон ба саҳми ӯ вобаста мебошад.

Оила ҳамчун ниҳоди аввалиндараҷаи иҷтимоӣ маҳалли интиқоли арзишҳо, ахлоқ ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Зан дар ин ҷо ҳамчун меҳвар ва ҳидоятгари оила амал мекунад. Ӯ бо рафтор, гуфтор ва тарзи зиндагии худ намунаи беҳтарин барои фарзандон ва дигар аъзои оила мебошад. Анъанаҳое, ки дар муҳити хонаводагӣ ташаккул мeёбанд, ба худшиносӣ ва эҳтироми фарҳанги миллӣ дар байни ҷавонон мусоидат менамоянд.

Ҳар як ҷашну маросим, аз ҷумла суннатҳои марбут ба таваллуд, хатнасур, тӯй ва маросими мотам, маҳз тавассути занон шакли худро нигоҳ медоранд ва мутобиқ ба талаботи замон такмил мeёбанд. Модар ҳамчун тарбиятгар ва ҳомии оила, бо истифода аз таҷриба ва донишҳои анъанавии худ, фарзандонро бо арзишҳои миллӣ ошно месозад ва онҳоро ба эҳтироми суннатҳои миллӣ ҳидоят мекунад. Ин нақши муҳим дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъкид шудааст: "Зеро онҳо эҳёкунандаву

нигоҳдоранда ва тарғибкунандаву посдорандаи беҳтарин суннату анъанаҳои миллӣ ва расму оинҳои асилу бостонии халқамон мебошанд".

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба аҳамияти оила ва нақши зан дар тарбияи насли наврас ва ҳифзи арзишҳои миллӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Дар Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юми декабри соли 2015 тасдиқ гардидааст, таъкид мешавад, ки оила ҳамчун асоси ҷамъият бояд таҳким ёбад ва нақши он дар тарбияи шахсиятҳои дорои ҳисси баланди худшиносӣ ва ватандӯстӣ баланд бардошта шавад. Ҳамчунин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд: "Ба мо лозим аст, ки ба хотири ҳифзи оила ҳамчун арзиши муҳимтарини иҷтимоӣ талош намуда, симои аслӣ, чеҳраи воқеӣ ва моҳияти ҳақиқии оилаи суннатии тоҷикро ҳамчун рукни муқаддасу арзишманди халқамон устуворона ҳифз ва нигаҳдорӣ намоем".

Дар шароити муосир, ки таҳдидҳои гуногун ба арзишҳои миллӣ вуҷуд доранд, нақши зан дар ҳифзи анъанаҳои миллӣ тавассути оила боз ҳам муҳимтар мегардад. Занон метавонанд бо ташкили муҳити солим дар оила, таълими фарзандон бо арзишҳои миллӣ ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ, ба таҳкими ҳувияти миллӣ ва пешрафти ҷомеа саҳми арзанда гузоранд.

Зани тоҷик ҳамчун муҳофиз, тарғибгар ва навовари анъанаҳои миллӣ дар ҷомеа нақши калидӣ дорад. Ӯ бо ҳимоя ва рушди суннатҳои миллӣ дар муҳити оилавӣ ва ҷамъиятӣ насли ояндаро ба эҳтироми арзишҳои миллӣ ташвиқ мекунад. Танҳо тавассути ҳифзи фарҳанги миллӣ ва мутобиқсозии он ба талаботи замон мо метавонем ҳувияти миллии худро нигоҳ дошта, ба наслҳои оянда мероси гаронбаҳоеро боқӣ гузорем.

Занони тоҷик на танҳо дар муҳити хонаводагӣ, балки дар сатҳи васеи иҷтимоӣ низ нақши муҳими тарғибгари фарҳанг ва анъанаҳои миллӣ доранд. Дар муассисаҳои таълимӣ, мактабҳо, донишгоҳҳо ва марказҳои фарҳангӣ занон ҳамчун омӯзгорон, муҳаққиқон ва ҳунармандон фаъолият мекунанд. Тавассути иштирок дар чорабиниҳои фарҳангӣ, намоишҳо, фестивалҳо ва маҳфилҳо, онҳо арзишҳои миллиро таблиғ ва нигоҳдорӣ менамоянд. Ҳамчунин, занони фаъол дар соҳаҳои ҳунар ва косибӣ, бо истифода аз анъанаҳои миллии наққошӣ, гулдӯзӣ, атласбофӣ ва гаҷкорӣ, онҳоро ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунанд.

**Фаъолият дар соҳаи маориф ва фарҳанг:** Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, дар соҳаи маориф 73% ва дар соҳаи фарҳанг 47% кормандонро занон ташкил медиҳанд. Ин нишон медиҳад, ки бонувон ҳамчун омӯзгорон, муҳаққиқон ва ҳунармандон дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои фарҳангӣ саҳми назаррас доранд. Тавассути иштирок дар чорабиниҳои фарҳангӣ, намоишҳо, фестивалҳо ва маҳфилҳо, онҳо арзишҳои миллиро таблиғ ва нигоҳдорӣ менамоянд.

**Соҳибкорӣ ва ҳунарҳои мардумӣ:** Дар давоми солҳои 2003-2005 барои дастёбии занони деҳот ба замин, таъсиси марказҳои кӯмак ба занон, омӯзиши соҳибкорӣ ва ёрии фавқулодда ба хоҷагиҳое, ки дар натиҷаи офатҳои табиӣ зарар дидаанд, тадбирҳои мушаххас андешида шуданд. Ин иқдомҳо ба занон имконият доданд, ки дар соҳаҳои ҳунар ва косибӣ, бо истифода аз анъанаҳои миллии наққошӣ, гулдӯзӣ, атласбофӣ ва гаҷкорӣ, фаъолият намуда, онҳоро ба ҷаҳониён муаррифӣ кунанд.

**Саҳми давлат дар баланд бардоштани мақоми занон:** Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи тадбирҳои мушаххасро бо мақсади баланд бардоштани мақоми занон

дар ҷомеа, таъмини риояи ҳуқуқҳои конститутсионии онҳо, густариши фаъолияти ҷамъиятию меҳнатӣ, ҳалли масъалаҳои демографӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва пешбарии онҳо ба мансабҳои роҳбарикунанда амалӣ гардонида истодааст. Ин тадбирҳо барои иштироки ҳамаҷониба ва баробарии занон дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Ҳамин тариқ, занони тоҷик бо фаъолияти худ дар соҳаҳои гуногун ба нигоҳдорӣ ва рушди анъанаҳои миллӣ мусоидат намуда, дар таҳкими фарҳанги миллӣ ва пешрафти ҷомеа нақши арзанда доранд.

Анъанаҳои миллӣ бо мурури замон тағйир ёфта, мувофиқи шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ такмил меёбанд. Занон дар ин раванд ҳамчун омили мутобиқсозӣ нақши муҳим доранд. Масалан, дар баробари ҳифзи либоси миллии тоҷикӣ, онҳо бо истифода аз унсурҳои муосири мӯд онро боз ҳам ҷолиб ва муносиб мегардонанд. Ҳамчунин, таҷлили ҷашнҳо ва маросимҳои миллӣ имрӯз бо риояи арзишҳои маънавӣ ва сатҳи иқтисодӣ танзим мегардад.

Дар шароити афзоиши таъсири фарҳангҳои бегона, нақши занон дар таълиму тарбияи ҷавонон ва рушди ҳисси худшиносии миллӣ аҳамияти бештар касб мекунад. Онҳо метавонанд бо ташкили маҳфилҳои фарҳангӣ, конфронсҳо ва вохӯриҳо насли навро ба эҳтиром ва ҳифзи фарҳанги миллӣ ҳидоят намоянд.

**Либоси миллӣ:** Занони тоҷик бо нигоҳ доштани хусусиятҳои асосии либоси миллии худ, унсурҳои муосири мӯдро ворид намуда, онро ба талаботи замон мувофиқ мегардонанд. Ин амал на танҳо ба ҳифзи фарҳанги миллӣ мусоидат мекунад, балки ба рушди саноати мӯд ва хунарҳои мардумӣ низ саҳм мегузорад.

**Ҷашнҳо ва маросимҳо:** Таҷлили ҷашнҳо ва маросимҳои миллӣ имрӯз бо дарназардошти арзишҳои маънавӣ ва сатҳи иқтисодии ҷомеа танзим мешавад. Занон дар ин раванд бо ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, ба монанди маҳфилҳо, конфронсҳо ва вохӯриҳо, насли навро ба эҳтиром ва ҳифзи фарҳанги миллӣ ҳидоят менамоянд.

**Таълиму тарбияи ҷавонон:** Дар шароити афзоиши таъсири фарҳангҳои бегона, нақши занон дар таълиму тарбияи ҷавонон ва рушди ҳисси худшиносии миллӣ бештар аҳамият пайдо мекунад. Онҳо метавонанд бо ташкили маҳфилҳои фарҳангӣ, конфронсҳо ва вохӯриҳо, насли навро ба эҳтиром ва ҳифзи фарҳанги миллӣ ҳидоят намоянд.

**Мушкилот ва монеаҳо:** Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки дар ҷомеаи Тоҷикистон ҳанӯз ҳам баъзе урфу одатҳо ва қолабҳои иҷтимоӣ мавҷуданд, ки метавонанд ба иштироки пурраи занон дар мутобиқсозии анъанаҳои миллӣ ба талаботи замони муосир монеа эҷод кунанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар баъзе мавридҳо, таъсири урфу одатҳо ва дин ба нақши занон дар ҷомеа метавонад ба баробарии гендерӣ таъсир расонад.

**Хулоса:** Мутобиқсозии анъанаҳои миллӣ ба талаботи замони муосир як раванди табиӣ ва зарурӣ мебошад, ки дар он занон нақши муҳим доранд. Бо нигоҳ доштани арзишҳои фарҳангӣ ва ворид намудани унсурҳои нав, онҳо ба рушди ҷомеа ва ҳифзи ҳувияти миллӣ мусоидат мекунанд. Барои дастгирии ин раванд, муҳим аст, ки ба занон имкониятҳои баробар фароҳам оварда шуда, монеаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бартараф карда шаванд.

Зани тоҷик ҳамчун муҳофиз, тарғибгар ва нававари анъанаҳои миллӣ дар ҷомеа нақши калидӣ дорад. Бо ҳимоя ва рушди суннатҳои миллӣ дар муҳити оилавӣ ва ҷамъиятӣ насли ояндаро ба эҳтироми арзишҳои миллӣ ташвиқ мекунад. Танҳо тавассути ҳифзи

фарҳанги миллӣ ва мутобиқсозии он ба талаботи замон мо метавонем ҳувияти миллии худро нигоҳ дошта, ба наслҳои оянда мероси гаронбаҳоеро боқӣ гузорем.

**Адабиёт**


1. Ботуралиев Қ. Ғ. Нақши зан дар ҷомеа [Захираи электронӣ].- Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj. ( санаи муроҷиат 01.04.2025)

2. Давлатшозода А. Нақши оила дар пешрафти ҷоме [Захираи электронӣ].- Манбаидастраси https://www.avkd.tj/tg/khabarho/3215-naqshi-oila-dar-peshrafti-jomea.html?utm_source=chatgpt.com ( санаи муроҷиат 01.04.2025).

3. Саидзода М. Бодо муборак идатон, эй бонувони меҳрубон! Имрӯз рисолати асосии зан-модари тоҷик ҳамқадами замон будан аст. [Захираи электронӣ].- Манбаи дастрасӣ: https://khovar.tj/2020/03/bodo-muborak-idaton-ej-bonuvoni-me-rubon-imr-z-risolati-asosii-zan-modari-to-ik-am adami-zamon-budan-ast/?utm_source=chatgpt.com (санаи муроҷиат: 01.04.2025).

4. Шоназарова С. Нақши зан-модар дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон https://ombudsman.tj/ma-ola-o/19-ma-ola-o/859-na-shi-zan-modar-dar-pajomi-prezidenti-um-urii-tikiston.html?utm_source=chatgpt.com ( санаи муроҷиат 01.04.2025)

5. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони занони мамлакат [Захираи электронӣ].- Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/event_by_theme/internal_politics/mothers_day/118 (санаи муроҷиат: 01.04.2025).


## ҲАМКОРИИ БОЗРАСИИ ДАВЛАТИИ АВТОМОБИЛӢ БО ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ДАР ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ҲАРАКАТ ДАР РОҲҲО


**Ҳабибов Сиёвуш Изатуллоевич** – муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ. Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: +992-985253524. E-mail: siyvush habibov 94@mail.ru



Мақолаи мазкур ба таҳқиқи ҳамкории Раёсати бозрасии давлатии Автомобилӣ (РБДА) бо Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳо бахшида шудааст. Муаллиф ҳамкории байни сохторҳои мазкурро ҳамчун омили муҳими коҳиши садамаҳои нақлиётӣ ва талафоти ҷонӣ баррасӣ менамояд. Таъкид мегардад, ки таҳлили омилҳои садамаҳо, татбиқи барномаҳои омӯзишӣ барои ронандагону пиёдагардон, баланд бардоштани маърифати ронандагӣ ва беҳтарсозии хизматрасонии ёрии таъҷилии тиббӣ метавонанд ба коҳиши оқибатҳои ногувори садамаҳо мусоидат намоянд. Мақола инчунин зарурати истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешрафта, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳаҳои дахлдорро дар заминаи шароити маҳаллии Тоҷикистон таъкид менамояд. Дар натиҷа, муаллиф ҳамкории самарабахши РБДА ва Вазорати тандурустиро ҳамчун шарти калидӣ дар рушди низоми устувори бехатарии ҳаракат дар роҳҳо пешниҳод мекунад.



**Калидвожа.** бехатарии ҳаракат дар роҳ, садамаҳои нақлиётӣ, ҳамкории байниидоравӣ, Раёсати бозрасии давлатии автомобилӣ, Вазорати тандурустӣ, ёрии аввалияи тиббӣ, таҳлили оморӣ, барномаҳои омӯзишӣ, технологияҳои иттилоотӣ, таҷрибаи байналмилалӣ.

# СОТРУДНИЧЕСТВО ГОСУДАРСТВЕННОЙ АВТОМОБИЛЬНОЙ ИНСПЕКЦИИ С МИНИСТЕРСТВОМ ЗДРАВООХРАНЕНИЯ В ОБЕСПЕЧЕНИИ БЕЗОПАСНОСТИ ДОРОЖНОГО ДВИЖЕНИЯ

**Хабибов Сиёвуш Изатуллоевич** – старший преподаватель кафедры гуманитарных дисциплин Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14 Тел.: +992-985253524. E-mail: siyvush habibov 94@mail.ru

Данная статья посвящена исследованию сотрудничества Управления государственной автомобильной инспекции (УГАИ) с Министерством здравоохранения Республики Таджикистан в сфере обеспечения безопасности дорожного движения. Автор рассматривает взаимодействие между этими структурами как важный фактор снижения количества дорожно-транспортных происшествий и человеческих потерь. Подчеркивается, что анализ причин аварий, реализация образовательных программ для водителей и пешеходов, повышение уровня водительской культуры и улучшение службы экстренной медицинской помощи могут способствовать смягчению негативных последствий ДТП. В статье также акцентируется необходимость использования опыта развитых стран, внедрения информационных технологий и повышения квалификации сотрудников соответствующих сфер с учётом местной специфики Таджикистана. В результате автор предлагает эффективное сотрудничество УГАИ и Министерства здравоохранения в качестве ключевого условия развития устойчивой системы безопасности дорожного движения.

**Ключевые слова:** безопасность дорожного движения, дорожно-транспортные происшествия, межведомственное сотрудничество, Управление государственной автомобильной инспекции, Министерство здравоохранения, первая медицинская помощь, статистический анализ, обучающие программы, информационные технологии, международный опыт

# COOPERATION BETWEEN THE STATE AUTOMOBILE INSPECTION AND THE MINISTRY OF HEALTH IN ENSURING ROAD TRAFFIC SAFETY

**Khabibov Siovush Izatulloevich** – Senior Lecturer at the Department of Humanities, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14 Tel.: +992-985253524 E-mail: siyvush.habibov94@mail.ru

This article is dedicated to the study of cooperation between the State Automobile Inspection (SAI) and the Ministry of Health of the Republic of Tajikistan in the field of road traffic safety. The author views the interaction between these institutions as an important factor in reducing the number of road traffic accidents and human casualties. It is emphasized that analyzing the causes of accidents, implementing educational programs for drivers and pedestrians, raising driving culture, and improving emergency medical services can help mitigate the negative consequences of road accidents. The article also highlights the necessity of using the experience of developed countries, introducing information technologies, and improving the qualifications of specialists in the respective fields, considering the local context of Tajikistan. As a result, the author proposes effective cooperation between the SAI and the Ministry of Health as a key condition for developing a sustainable road safety system.

**Keywords:** road traffic safety, road traffic accidents, interagency cooperation, State Automobile Inspection, Ministry of Health, first aid, statistical analysis, educational programs, information technologies, international experience.

Бехатарии ҳаракат дар роҳ яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Ҳамкории самараноки Раёсати бозрасии давлатии автомобилӣ (РБДА) бо Вазорати тандурустӣ метавонад дар коҳиш додани садамаҳои нақлиётӣ ва таъсири манфии онҳо ба саломатии шаҳрвандон нақши муҳим бозад.

Ҳадафи асосии ин ҳамкорӣ ташкили низоми ҳамоҳанг ва муассири бехатарии ҳаракат дар роҳҳо мебошад, ки ба кам кардани ҳодисаҳои нақлиётӣ, осебҳои ҷисмонӣ ва талафоти ҷонӣ мусоидат мекунад. Механизми ҳамкории онҳо метавонад дар ду самти асосӣ татбиқ гардад:

**Пешгирии садамаҳои нақлиётӣ** – тавассути таҳлили сабабҳои садамаҳо, баланд бардоштани сатҳи маърифати иштирокунандагони ҳаракт дар роҳ, таҳкими чораҳои назоратӣ ва татбиқи барномаҳои омӯзишӣ барои ронандагону пиёдагардон.

**Ташкили самараноки кумаки тиббӣ** – тавассути беҳтар кардани низоми расонидани ёрии аввалияи тиббӣ ва таъмини ҳамоҳангии муассир байни хадамоти таъҷилии тиббӣ ва Раёсати бозрасии давлатии автомбилӣ.

Барои коҳиш додани садамаҳои нақлиётӣ ва осебҳо, дарки омилҳои асосии онҳо ва арзёбии таъсири эҳтимолии осебҳо ба саломатии шаҳрвандон аҳамияти хос дорад. Инро метавон тавассути ҷамъоварии маълумоти оморӣ, таҳлили садамаҳо дар муҳити воқеӣ ва ҳамоҳангсозии ин маълумот байни РБДА ва Вазорати тандурустӣ амалӣ кард.

Пешниҳоди омори дақиқ ва таҳлилҳои муфассал дар бораи намудҳои садамаҳо, макону замони рух додани онҳо ва таъсири ҷисмонии онҳо ба осебдидагон имкон медиҳад, ки барномаҳои муассир барои пешгирӣ ва коҳиш додани хатарҳои нақлиётӣ таҳия карда шаванд.

Барномаи ҷамъоварии маълумот метавонад таҳлилҳои ҳамаҷонибаро дар бораи тарзи ҳаракати ронандагон, пиёдагардон ва нақлиёт дар бар гирад. Маълумоти гирифташуда имкон медиҳад, ки тадбирҳои пешгирикунанда барои коҳиш додани хатари садамаҳо ва осебҳо таҳия карда шаванд.

Раёсати бозрасии давлатии автомобилӣ (РБДА) ва Вазорати тандурустӣ метавонанд як низоми иттилоотии муштаракро таъсис диҳанд, ки ҷанбаҳои асосии садамаҳои нақлиётӣ, сатҳи осебпазирӣ, гурӯҳҳои осебпазир (бо назардошти ҳолати роҳҳо, хатари нақлиёт, омилҳои инсонӣ ва ғайра) ва нишондиҳандаҳои тиббиро инъикос кунад.

Ҳамкории байни РБДА ва Вазорати тандурустӣ дар самтҳои зерин муҳим арзёбӣ мешавад:

-Пешгирии садамаҳои нақлиётӣ тавассути таблиғ ва омӯзиши қоидаҳои ҳаракат дар роҳ.

-Ташкили курсҳо ва семинарҳои омӯзишӣ барои ронандагон ва пиёдагардон оид ба таъсири садамаҳо ба саломатӣ.

-Беҳтарсозии низоми расонидани ёрии таъҷилӣ ва кумаки аввалияи тиббӣ ба осебдидагони садамаҳои роҳ.

-Ташкили базаи ягонаи оморӣ барои таҳлил ва омодасозии тадбирҳои пешгирикунанда.

РБДА ва Вазорати тандурустӣ метавонанд барномаҳои муштаракро барои тарғиби риояи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ татбиқ намоянд. Баргузории маъракаҳои оммавӣ, рекламаҳои иҷтимоӣ ва ҷалби мактаббачагон ва донишҷӯён ба барномаҳои таълимӣ дар ин самт нақши муҳим мебозанд.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта, аз ҷумла Шветсия ва Нидерландия, нишон медиҳад, ки татбиқи барномаҳои монанди **«Vision Zero»** ва **«Sustainable Safety»** ба коҳиши фавт ва ҷароҳатҳои вазнин дар садамаҳои нақлиётӣ мусоидат мекунад. Тоҷикистон метавонад таҷрибаи ин кишварҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, бо мутобиқсозии моделҳои муассир ба шароити маҳаллӣ онҳоро дар амал татбиқ намояд.

Яке аз омилҳои асосии коҳиш додани талафоти ҷонӣ ва ҷароҳатҳои вазнин дар садамаҳои нақлиётӣ таъмини дастрасии саривақтӣ ба кумаки фаврии тиббӣ мебошад. Ҳамкории Раёсати бозрасии давлатии автомобилӣ (РБДА) ва Вазорати тандурустӣ

метавонад ба бехтарсозии хатсайрҳои мошинҳои ёрии таъҷилӣ, таъсиси нуқтаҳои ёрии аввалия дар минтақаҳои осебпазир ва омӯзонидани ронандагон оид ба расонидани кумаки аввалия мусоидат намояд.

Яке аз мушкилоти асосии расонидани ёрии саривақтӣ ба ҷабрдидагон нарасидани мошинҳои ёрии таъҷилӣ сари вақт ба ҷои ҳодиса мебошад.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта, аз ҷумла Олмон ва Ҷопон, нишон медиҳад, ки:

-Мавҷуд будани марказҳои тиббӣ дар роҳҳо метавонад вақти расонидани кӯмакро аз 30 дақиқа то 10-15 дақиқа коҳиш диҳад.

-Омӯзиши ронандагон ва мусофирон оид ба расонидани ёрии аввалия метавонад сатҳи наҷоти осебдидагонро аз 30% то 60% баланд бардорад.

-Ҷорӣ намудани хатсайрҳои махсус барои мошинҳои ёрии таъҷилӣ метавонад вақти расидан ба ҷойи ҳодисаро кам кунад.

Бо дарназардошти шароити Тоҷикистон, чунин таҷрибаҳоро метавон ба таври марҳилавӣ татбиқ намуд.

Барои ҳалли ин мушкил чораҳои зерин бояд андешида шаванд:

-Ташкили хатсайрҳои алоҳида барои мошинҳои ёрии таъҷилӣ, то ки онҳо бе таъхир ба ҷойи садама расанд.

-Ҷорӣ намудани низоми афзалиятноки ҳаракат барои мошинҳои ёрии таъҷилӣ тавассути истифодаи чароғакҳои махсус ва роҳҳои алоҳида дар шаҳрҳои калон.

-Истифодаи технологияҳои нав, аз ҷумла системаи GPS ва харитаҳои рақамӣ барои мониторинг ва идоракунии ҳаракати мошинҳои ёрии таъҷилӣ.

-Таъмини ҳамоҳангии бехтари хадамоти наҷот ва РБДА барои озод нигоҳ доштани роҳҳо ва таъмини дастрасии фаврӣ ба макони ҳодиса.

Ташкили низоми самараноки кумаки аввалияи тиббӣ дар ҳолатҳои садамаҳои нақлиётӣ иқдоми муҳим барои таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳо мебошад. Бо роҳи бехтарсозии хатсайрҳои мошинҳои ёрии таъҷилӣ, таъсиси нуқтаҳои ёрии тиббӣ дар ҷойҳои осебпазир ва омӯзонидани ронандагон оид ба расонидани кумаки аввалия, Тоҷикистон метавонад сатҳи талафоти ҷонӣ ва ҷароҳатҳои вазнинро ба таври назаррас коҳиш диҳад.

Ҳамкории миёни РБДА, Вазорати тандурустӣ ва дигар сохторҳои дахлдор барои татбиқи ин чорабиниҳо нақши калидӣ мебозад.

Кормандони Бозрасии давлатии автомобилӣ (БДА) ва табибони ёрии таъҷилӣ бояд дониши кофӣ дар бораи механизми садамаҳо, намудҳои ҷароҳатҳо ва усулҳои бехтарини расонидани кумаки фаврӣ дошта бошанд. Баргузории тренингҳои муштарак, табодули таҷриба ва ворид намудани технологияҳои муосир метавонад самаранокии ин ҳамкориро зиёд намояд.

Таҳқиқоти илмӣ собит намудааст, ки агар ронандагон ва мусофирон малакаҳои расонидани кумаки аввалияро дошта бошанд, онҳо метавонанд пеш аз омадани ёрии таъҷилӣ ба наҷоти ҷабрдидагон мусоидат намоянд.

Дар кишварҳои пешрафта барномаҳои махсуси омӯзишӣ барои ронандагон ва табибон таҳия гардида, омӯзиши таҷрибавӣ бо истифода аз ҳолатҳои воқеӣ анҷом дода мешавад:

-Дар **Британияи Кабир**, ҳар як ронандаи нав бояд давраи махсуси омӯзиши кумаки аввалияро гузарад.

-Дар **Фаронса**, машқҳои амалӣ бо истифода аз садамаҳои сохта ба роҳ монда шуда, ронандагон ва табибон барои вокуниши фаврӣ омода карда мешаванд.

-Дар **Олмон**, ҳар як шаҳрванд ҳангоми гирифтани шаҳодатномаи ронандагӣ курсҳои ҳатмии кумаки аввалияро мегузарад.

-Дар **Ҷопон**, хатсайрҳои махсус барои мошинҳои ёрии таъҷилӣ ва омӯзиши фосилавии расонидани кумаки аввалия ҷорӣ карда шудаанд.

Бо дарназардошти шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, чунин таҷрибаро метавон мутобиқ сохта, дар амал татбиқ намуд.

Такмили ихтисоси кормандони БДА, табибони ёрии таъҷилӣ ва ронандагон метавонад сатҳи омодагии онҳоро ба ҳолатҳои фавқулодаро баланд бардорад. Омӯзиши дурусти расонидани кумаки аввалия метавонад ҳаёти даҳҳо нафарро дар садамаҳо наҷот диҳад.

Бо татбиқи таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ ва мутобиқсозии он ба шароити маҳаллии Тоҷикистон, метавон низоми самараноки бехатарии ҳаракат дар роҳро рушд дода, сатҳи садамаҳои нақлиётӣ ва оқибатҳои фоҷиабори онҳоро ба таври назаррас коҳиш дод.

Хулоса ҳамкории самараноки Раёсати бозрасии Давлатии автомобилӣ бо Вазорати тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад барои таҳкими амнияти роҳҳо ва коҳиши садамаҳои нақлиётӣ нақши калидӣ бозад.

Татбиқи таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва мутобиқсозии он ба шароити маҳаллӣ, беҳтарсозии омодагии мутахассисон дар расонидани кумаки аввалия ва истифодаи технологияҳои муосир метавонанд дар коҳиш додани талафот ва осебҳои вазнин дар садамаҳои нақлиётӣ мусоидат намоянд.

Ташкил ва татбиқи барномаҳои иттилоотӣ, такмили омӯзиши мутахассисон ва истифодаи инноватсияҳои технологӣ ба беҳтарсозии тамоми низоми бехатарии ҳаракат дар роҳ мусоидат хоҳад кард.

**Адабиёт**

1. Барномаи миллии пешгирии осеббардорӣ, такмили кӯмаки тиббӣ ҳангоми осеббардорӣ ва оқибатҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015 аз 3 майи соли 2010 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:http://portalihuquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=11883 (санаи муроҷиат: 03.04.2025).

2. Ваньков Д.В., Носов А.В. Организация медицинской помощи пострадавшим при дорожно- транспортных проишествиях с привлечением санитарной авиации на территории волгодской области[Текст] / Д.В. Ваньков, А.В. Носов //Научно-практический рецензируемый журнал «Современные проблемы здравоохранения и медицинской статистики».- 2017. - № 3 – С.71-79

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳаракат дар роҳ” аз 17 майи соли 2018, № 1533 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/ (санаи муроҷиат: 09.04.2025)

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби ташкили ёрии аввалияи тиббӣ ба осебдидагони ҳодисаҳои роҳу нақлиёт” аз 30 июни соли 2012, № 340 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://portalihuquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=14101&language=tj (санаи муроҷиат: 02.04.2025)

5. Макаров Е.П. Организационные аспекты оказания медицинской помощи пострадавшим в дорожно- транспортных происшествиях с использованием вертолёто [Текст] / Е.П. Макаров // Технологии гражданской безопасности. том 6- 2009. - № 1-2 (19-20) – С.44- 47

## НАҚШИ ОИЛА ВА МАКТАБ ДАР ТАРБИЯИ АҲАММУЛПАЗИРИИ ҶАВОНОН ВА НАВРАСОН

**Бойназаров Ҳасан** - унвонҷӯи институти фалсафа ва сиёсатшиносӣ ба номи А.М. Баҳовуддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Телефон: (+992) 909-29-10-81 E-mail: khasanjon07@mail.ru

Тахаммулпазирӣ ва инсонгароӣ омили беҳтарини ба даст овардани сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ байни қавму миллатҳои гуногун ва пойдор нигоҳ доштани он мебошад. Дар ибтидои қарни навин проблемаи мазкур дар тамоми ҷаҳон ба авҷи аълои худ расид, ки он сабабҳои худро дорад. Аз ҷумла, ба вуқуъ пайвастани ҷангхои байнидавлатию байниқавмӣ, пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ, бетартибию норозигиҳои дохилидавлатӣ, аз як системаи ҳокимият ба системаи дигар гузаштани он, афзудани сафи гурезаҳои иҷборӣ, авҷ гирифтани сафи муҳоҷирони меҳнатӣ, нобаробарии сатхи инкишофи ҷомеа ва гайраҳо оварда расонд.

Дар ҳамаи ҳолатҳои мазкур ягона мактаб маркази тарғиби ғояҳои баланди умумимаърифатӣ, инсонгароӣ ва таҳаммулпазирӣ хоҳад буд. Ҳамдигарро ҳурмат намудан, эҳтироми урфу одат ва анъанаҳои халқиятхои дигари ҳамзистро ба ҷой овардан, якдигарфаҳмии фарҳангиро омӯхтан ва ғоҳҷои пешқадами онро пеш аз хама ба фарзандон ва шогирдон таълим додан вазифаи аввалиндараҷаи мактаб ва маориф мебошад. Дар қатори он мусолиҳакорӣ ва инсондӯстиро бояд байни насли наврас талқин намуд, ки масъалаи мазкур низ дар шароити имрӯза ҳалталаб ва замонавӣ ба хисоб меравад. Барои ҳалли масъалаҳои ҷойдошта пеш аз ҳама ба миён овардани шароити педагогӣ, ки дар он хонандагон муошират ва рафтори инсонгароӣ ва таҳаммулпазириро аз худ намоянд, хеле мухим аст.

**Калидвожаҳо:** таҳаммулпазирӣ, гуногунфарҳангӣ, фарҳанги миллӣ, инсонгароӣ, мусолиҳакорӣ, гуманистӣ, шафқат, ҳамдардӣ, гузашт.

## РОЛЬ СЕМЬИ И ШКОЛЫ В ВОСПИТАНИИ ТОЛЕРАНТНОСТИ МОЛОДЕЖИ И ПОДРОСТКОВ

**Бойназаров Хасан** – соискатель института философии, политологии и права имени А.М. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. Телефон: (+992) 909-29-10-81 E-mail: khasanjon07@mail.ru

Толерантность и гуманность являются лучшими факторами достижения мира и взаимапонимания между разными народамы и нациями и их сохранения. В начале нового столетия эта проблема достигла своего апогея во всем мире, что имеет свои причины. В частности, это привело к возникновению межгосударственных и межэтнических войн, распаду Советского Союза, внутригосударственным волнениям и недовольствам, переходу от одной системы власти к другой, увеличению числа вынужденных беженцев, росту числа трудовых мигрантов, неравенству уровня развития общества и.т.д. Во всех этих случаях единственная школа будет центром пропаганды высоких идей всеобщего бразования, гуманности и толерантности. Уважать друг друга, уважать обычаи и традиции других народов, живущих вместе, учиться взаимопониманию культур и обучать детей и учащихся своей ведущей роли – первоочередная задача школы и образования. Наряду с этим следует прививать молодому поколению примирение и человечность, поскольку этот вопрос также считается актуальным и современным в сегодняшних условиях. Для решения существующих проблем очень важно создать педагогические условия, в которых учащиеся учатся гуманному и толерантному общению и поведению.

**Ключевые слова:** Толерантность, национальная культура, человечность, примирение, гуманизм, милосердие, сострадание, толерантность, мультикультурализм.

## THE ROLE OF FAMILIES AND SCHOOLS IN EDUCATION OF TOLERANCE OF YOUTH AND TEENAGERS

**Boynazarov Hassan** - is a graduate student of the Institute of Philosophy, Political Science and Law Behalf of A.M. Bahovaddinov Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan Phone: (+992) 909-29-10-81 E-mail: khasanjon07@mail.ru

Tolerance and humanity are the best factors for achieving peace and mutual understanding between different peoples and nations and their preservation. At the beginning of the new century, this problem reached its peak in the world, which has its reasons. In particular, this led to the emergence of interstate and interethnic wars, the collapse of the Soviet Union, interstate unrest and discontent, the transition from one power system to another, the increase in the number of forced refugees, and the number of labor migrants, inequality in the level of social development, ect. In all these, cases, the only school will by the center of propaganda of high ideas of universal education, humanity and tolerance. To respect each other, to respect the customs and traditions of other peoples living together, to learn mutual understanding and culture, and to educate children and students of their leading role is the primary task of schools and education. Along with this, it is necessary to instill reconciliation and humanity in the young generation, since this question is also considered relevant in modern and today᾿s conditions. To solve existing problems, it is very important to create pedagogical conditions in which students learn humane and tolerant communication and behavior.

**Keywords:** tolerance, multiculturalism, national culture, humanity, reconciliation, humanism, compassion, empathy, forgiveness

Барқарории алоқа бодигарон аз эҳтиёҷоти зотии инсонҳо аст ва аз онҷо, инсонҳо аз лиҳози забонӣ, қавмӣ, нажодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дорои тафовутҳои амиқе ҳастанд, танҳо роҳи барқарории алоқа ва муносибати солиму фориғ аз ситезаҷӯӣ вуҷуди таҳаммулпазирии иҷтимоӣ байни эшон аст.

Ҳамзистӣ мавзуъе аст, ки ҳамеша ва дар тӯли таърих вуҷуд дошта ва инсонҳо ҳамеша дар пайи он буданд, ки роҳҳо ва шеваҳои зидагии мусолиматомезро дар канори якдигар биёбанд. Дар ҷомеаҳои гузашта, таҳаммули тафовутҳо ва ақидаҳои якдигар масъалаи муҳимме ба ҳисоб намеомаданд; аммо борушд ва густариши фазояндаи воситаҳои алоқаи коммуникатсионӣ дар ҳамаи заминаҳо, аз ҷониби дигар тафовутҳои фарҳангӣ, қавмӣ, забонӣ ва эътиқодӣ бештар шуда бошад. Аз дигар тараф, мизони муомила ва бархӯрди шахсон дучандон гардидааст. Бинобар ин, бояд гуфт имрӯза ин тафовутҳо, то ҳадде аст, ки бидуни доштани ҳаддиақал таҳаммулпазирии иҷтимоӣ ва таҳаммули ақидаҳои гуногун ва мухолиф зиндагӣ кардан дар вазъияти оддӣ ғайримумкин хоҳад шуд.

Ботаваҷҷӯҳ ба воқеиятҳои геополитикии вуҷуддошта, ҳам давлатҳои рушдёфта ва ҳам кишварҳои дар ҳоли рушд дар талошҳояшон барои фаҳмишу таҷрубаи таҳаммулпазирӣ дучори мушкилоте ҳастанд. Воқеан, таҳдидҳо барои бақо, ки бавоситаи ҷангҳо ва тарс аз терроризм, атрофи моро иҳота карда, аксаран дар идеологияҳои бунёдгароии иртиҷоӣ ниҳуфта аст ва тавоноиҳои моро барои таҳаммули тафовути ақидаҳо ва тамрини мудоро коҳиш додааст[4, с.153 -175].

Муайян карда шудааст, ки таҳаммулгароӣ як қисми фарҳанги умумибашарӣ мебошад. онро  дар сатҳи ҷомеа, ҳамин тавр метавон дар сатҳи шахсият баррасӣ кард. Зуҳури таҳаммулпазирииро аз вазъи иҷтимоию фарҳангӣ муайян карда мешавад. Дар асоси он, ки таҳаммулпазирии иҷтимоиро ҳам манфӣ ва ҳам мусбат фаҳмидан мумкин аст, масъалаи маҳдудиятҳои онро ҳал кардан лозим аст. Албатта, танҳо ҳудуди таҳаммулпазирии иҷтимоӣ ба мо имкон медиҳад, ки фаҳмем, ки дар ҷомеа чӣ ҳуқуқҳои мавҷуданд ва чӣ манъ карда шудааст. Таҳаммулпазирии маҷбурӣ метавонад хатарнок бошад, зеро он ба бартарияти ҷанбаи таҳаммулпазирии бад оварда мерасонад. Пешбурди таҳаммулпазирӣ дар фарҳанги анъанавӣ тавассути тағйир додани аксентҳо ва омезиши дастурҳои ахлоқӣ шикаст мехӯрад [5, с.26 -45].

Бояд таваҷҷӯҳ дошт модоме, ки афроди ҷомеае боякдигар тафовут доранд ва аксаран дорои эътиқодҳои устуворе ҳастанд. Боякдигар ихтилоф пайдо мекунанд ва агар қарор бошад, бештари онҳо таҳаммулпазир набошанд, сулҳи иҷтимоӣ ғайримумкин хоҳад шуд. Дар ҷомеаи печидаву дарҳоли тағйир мудоро кардан гурезнопазир хоҳад буд. Вилёмз

бар ин назар аст, ки гурӯҳҳои мухталиф, ақидаҳои мухолифе дар заминаи ахлоқӣ ё сиёсӣ ё мазҳабӣ дошта бошанд ва ҳеҷ ҷойгузине барои зиндагӣ дар канори ҳам наёбанд, таҳаммулпазирӣ амри зарӯрӣ хоҳад буд [6, с.104 -106].

Вожаи таҳаммул, мудоро, ки дар адабиёти имрӯз, дар баробари истилоҳи “Toleration” ба кор меравад, дорои тафовутҳои маъноӣ аст; аммо иштироки маъноӣ ин калимот дар ин корбурд хосса сабаб шудааст, то чандон ба ин тафовутҳо таваҷҷӯҳ нашавад. Калимаи “Toleration” аз решаи лотинии “Tolero” ба маънои таҳаммул кардан ва иҷоза додан ҳамхонаводааст; гӯӣ касе; ки таҳаммул меварзад, бореро таҳаммул ва ё ҳамл мекунад [7, с.77 -82].

Аз назари Мендос Таҳаммул дар вазъияте падид меояд, ки тафовут миёни шахсон вуҷуд дорад ва мардум аз ин тафовутҳо огоҳанд. Таҳаммул яъне озод гузоштани дигарон ё худдорӣ аз озори онҳо, хоҳ аз тариқи қонун ё аз тариқи он чи Ҷон Створт Мил, зулми афкори умумӣ меномад, фаҳмида мешавад. Таҳаммулпазирии иҷтимоӣ ба унвони мисол: Иборат аз тақозои ҳар як аз аъзои ҷомеа барои бархӯрди хуб бо дигар аъзои ҷомеа дар муҳитҳои иҷтимоӣ ва умумие аст, ки бо пазириши тафовутҳои ҳар шахсе, ки дар ҷомеа зиндагӣ мекунад, шакл мегирад. Таҳаммулпазирии иҷтимоӣ ниёзманди он аст, ки ҳамаи аъзои ҷомеа дар канори якдигар бо осоиш гом бардоранд, яъне бидуни тарси физикӣ ё ҳамлаи ҳаяҷонӣ ё хушунат алайҳи якдигар.

Дар воқеъ таҳаммул дар ҷое маъно дорад, ки шахс, қудрати мудохила ва ҷилавгирӣ аз он кор ё андешаро дошта бошад, вале иқдоме накунад. Дар маҷмӯъ метавон мудоро ва осонгирию таҳаммулро бо муаллафаҳои чун вуҷуди навъ танаввуъталабӣ ва гуногунӣ, нохушнудӣ ва норизоятӣ, вуҷуди огоҳӣ ва қасд, эҳтиром, мувофиқат, вуҷуди қудрат ва тавоноии мудохила ва дарниҳоят контроли хештан ва маҳори хеш дар мудохила ҳамроҳ донист.

Алоқаи таҳаммулпазирӣ бо маорифу таҳсилот: Бархе назарияпардозон бар ин назарнад, ки таҳаммули сиёсӣ бо таҳсил пайванд меёбад ва амали омӯхтанӣ аст. Чунки таҳаммул мафҳуми печидаву қобили шинохт аст. Ашхоси дорои таҳсилоти олӣ таҳаммулпазирии бештаре доранд. Вевгет ба чунин ақида аст, ки “Тақрибан ҳамаи далелҳо ҳикоятгари ин ҳақиқат аст, ки баръакс, шахсоне, ки таҳсилоти расмии камтаре доранд, дар заминаҳои сершумор таҳаммули камтаре аз худ нишон додаанд, назар ба таҳсилоти олидошта ва таҳаммулпазир набудан дар байни шахсон алоқамандие вуҷуд дорад”[3, с.82 - 93].

Фаҳмидани таҳаммулпазирӣ дар шароити муосири таълимӣ ба баррасӣ муҳит ва омӯзиши маориф ҳамчун як соҳаи иҷтимоӣ алоқаманд аст. Синну сол асоси муҳими системаи таҳаммулпазирии таълим аст. Ба гуфтаи С.Д. Деряба, муҳити таълимӣ “Маҷмӯи ҳама имкониятҳои таълим, таълим ва рушди шахсият имкони робитаҳои мусбат ва манфӣ мебошад” [1, с.55 -59]. Ташаккули таҳаммулпазирӣ - раванди давомнок ва мураккаб аст, ки зери таъсири омилҳои гуногун рушд меёбад, ва дар байни онҳо маориф ҳалкунанда аст. Ба ақидаи Г. У. Солдатова, моҳияти таҳаммулпазирӣ дар асоси эътирофи ягонагӣ ва гуногунии инсоният ба вуҷуд меояд. Соҳаи маориф нақши барозанда дорад ва дар он маконе, ки принсипҳои ҳамдигарфаҳмӣ ташаккул меёбанд, рӯҳи эҳтиром ва ҳамкорӣ ва дар ин замина таҳаммулпазирӣ пайдо мешавад. Таҳаммулпазирӣ барои такомули инсони муосир ва тарбияи он ҳаётан муҳим ва зарӯр аст.

Дар шароити муосир мақсади асосии таълими гуманитарӣ мустаҳкам кардани ҷанбаи гуманистии таълим дар самти таъсиси ҷанбаи фарҳанги сулҳ, вазъи таҳаммулпазирӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкорӣ аст[2, с.90-92]. Барои амалӣ намудани мақсад, таълими гуманистӣ бояд ба системаи арзишҳо такя кунад, мувофиқи назари Н. С. Розов: Масъулият барои арзишҳои умумӣ, озод худмуайянкунии арзишӣ, салоҳият, худмуайянкунии шахсӣ. Яке аз талаботи таҳсилоти муосир, хусусияти гуманистидошта як равиши салоҳиятдор аст.

Мудоро накардан: Дош ва Гибсон мудоро накарданро ба тамоюл барои маҳдуд кардани ҳуқуқи демократии як гурӯҳи манфур, ки бар асоси муҳтавои назари шахсӣ бошад, таъриф кардаанд. Бештари пажӯҳишҳо дар боби мудоро накардан бар се омил таъкид доранд: Ақидаҳои қолабӣ, таассуб ва нажодпарастӣ.

Ақидаҳои қолабӣ шакли аз назариябандии иҷтимоӣ аст, ки печидагии нигариши ҷаҳони иҷтимоиро коҳиш дода, ва содасозӣ мекунад.

Таассуб, навъи нигарише аст, ки ҳамроҳ бо ҷанбаи эътиқодиву рафторӣ ва отифии хоси он фаҳмида мешавад. Албатта тафовут миёни таассуб ва нажодпарастӣ каме мубҳам аст; аммо аз фарқиятҳои муҳимми миёни ин ду мафҳум ин аст, ки нажодпарастӣ, илова бар нигариши мутаассибона бо навъи қудрати фарққунанда низ ҳамроҳ аст. Ҳамчунин тафовути дигари миёни ин ду мафҳум ин аст, ки таассуб фақат дар таҳлили фардӣ корбурд дорад; дар ҳоле, ки нажодпарастӣ дар заминҳои зиёде (фардӣ, ҷамъӣ ва ниҳодӣ (дар органу ташкилот) ба кор меравад.

Мафҷудияти анвоъи ҷангҳои мазҳабиву қавмӣ гӯёи ин воқеияти талх аст, ки дар сурати таҳаммулнопазирӣ ва пазириши якдигар, инсонҳо ҳамеша дар маъразии ҷангу ситез қарор мегиранд ва танҳо роҳи иҷтиноб аз ин вазъият густариши доманаи таҳаммулпазирии иҷтимоӣ байни ҷомеаҳои гуногун аст.

Яке аз натиҷаҳои муҳимми таҳқиқи ҳозир, вуҷуди робитаи манфӣ ва маънодор миёни қавммадорӣ ва таҳаммулпазирии иҷтимоӣ вобастагӣ мегардад. Дар воқеъ, ашхосе, ки баёну таҳлилҳояшонро бар асоси бovarҳои қавмии худ таҳлил мекунанд. Табиатан, таҳаммулпазирии камтаре бо ақидаҳо ва арзишҳои мухолиф  хоҳанд дошт. Ин натиҷаи дидгоҳи Браунро тасдиқ мпекунад; чаро ки бовард дорад ақидаҳои қолабӣ ва таассубу нажодпарастӣ ба таҳаммул накардан сабаб мегардад. Дар ҳақиқат, дар ҷомеаи таҳқиқшуда, низ мавҷудияти таассуботи қавмӣ ва боварҳои хурофотиву дарунхолӣ дар бораи бисёре аз мафҳумҳои иҷтимоӣ ва марказонидани қавми худ дар таҳлили масъалаҳо ба ин натиҷа расидааст.

Дар ҷараёни иҷтимоишавии инсонҳо ва марҳилаҳои ҷомеапазирии ашхос ба хусус ҷомеапазирии қавмӣ низ бо таҳаммулпазирии иҷтимоӣ иртиботи манфӣ ва маънодор доштааст. Ҳақиқатан, ҳар чи фардҳо аз кӯдакӣ бо ҷомеапазирии хосе (сотсиализатсия), ки қавмият дар маркази он қарор дошта бошад, рушд ёбанд, бадеҳӣ аст, ки бо ҷаҳонбинии хосае рӯ ба рӯ мешаванд.

Байни пажӯҳишгарон ва назарияпардозони арсаи таҳаммулпазирии иҷтимоӣ касоне мисли Вегт, Маркс ва Суливон бар аҳамияти нақши маориф ва бархӯрдорӣ аз колоҳои фарҳангӣ дар афзоиши мизони таҳаммулпазирии шахсон дар ҷомеа таъкид кардаанд. Натиҷаҳои баррасии кунунӣ низ ба дурустӣ ва тасдиқи ин матлаб ишора дорад. Натиҷаи ин таҳқиқ гӯёи он аст, ки ҳар чи шахсҳо таҳсилкарда ё мизони сармояи фарҳангии бештаре дар ихтиёр дошта бошанд, мизони таҳаммулпазирии иҷтимоии онҳо дар заминаҳои мухталиф бештар будааст. Ниҳоятан ин ки наметавон аз нақш ва таъсири расона дар ҷаҳони имрӯз ба содагӣ гузашт. Дар асри муосир вуҷуди анвоъи расонаҳо бо мӯҳтаво ва мазмуни омӯзишиву фарҳангии бисёр, тафовутдошта, беш аз пеш ба масъалаи тафовут дар завқу ақидаҳо ва ба таври умумӣ фарҳангҳо ишора дорад. Бо ошносозии мардум бо фарҳангҳо ва ақидаҳои гуногун заминаро барои таҳаммули тафовутҳо фароҳам мекунад. Чунки шинохт ва ба дастовардани маълумоти шахсон аз фарҳангҳо ва унсурҳои арзишии дигарон ва мавҷудияти муносибатҳои байни фарҳангӣ ба афзоиши таҳаммулпазирии иҷтимоӣ сабаб мегардад. Барои ҳамин месазад, ки мо рушди туризми дохилиро пеш барем, то ин ки наврасону ҷавонони мо бо фарҳангҳои гуногуни минтақаҳои кишварамон ошно шаванд.

Мутаассифона, илова бар аҳамияти бисёр зиёди ин мафҳум чандон, ки шоиставу боистааст дар Тоҷикистон ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ нашудааст. Ба тавре ки моҳият ва фазои мафҳуми ин калима чандон мушаххас нест. Ҳамчунин омилҳои муассир бар он ва механизми асаргузории он омилҳо комилан мушаххас нашудаанд.

**Адабиёт**

1.Кагермазова Л.Ц., Масаева З.В., Абакумова И.В. Социально-психологическое сопровождение. – Масква, 2010. – с. 55-59.

2. Крутелева Л.Ю. Формирование толерантного сознания как одна из основных задач современной системы образования // Российский психологический журнал. – 2008. – Т. 5. – С. 90-92.

3. Меж-культурной адаптации иностранных студентов в образовательном пространстве вуза (на примере КБГУ) / под ред. Р.М. Байгулова, О.А. Подкопаева // Научные исследования в сфере социально-экономических и гуманитарных наук: междисциплинарный подход и конвергенция знаний: коллективная монография. – Самара, 2016. – С. 82-93.

4. Ҷаҳонгирӣ Ҷ., Афросиёбӣ Ҳ. "Маҷаллаи ҷомеашиносии корбурдӣ", Донишгоҳи Исфаҳон, - 2010. с.153 -175.

## ВКЛАД МОЛОДЕЖИ КУЛЯБСКОЙ ОБЛАСТИ ТАДЖИКСКОЙ ССР В СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ РЕСПУБЛИКИ В 60-Е ГОДЫ XX ВЕКА

**Ахмедова Сайёра Партововна** – ассистент кафедры гуманитарных наук ТГФЭУ. Телефон: 931134801; Электронная почта: ahmedova.sayora01@gmail.com.

Восьмая пятилетка характеризовалась высоким трудовым и политическим подъемом советских людей, вызванный подготовкой к празднованию двух знаменательных дат:50-летия Октябрьской революции и 100 лети со дня рождения В.И. Ленина.

Главная задача комсомольских организаций в годы восьмой пятилетки, заключалась в мобилизации юношей и девушек на борьбу за досрочное выполнение пятилетнего плана, повышение эффективности общественного производства, участие в ускорении темпов научно-технического прогресса, борьба за выпуск продукции высокого качества, широкое распространение прогрессивных форм и методов труда.

**Ключевые слова:** Социализм, коммунист, комсомол, партия, сельско-хозяйство, колхоз, съезд, коллективизация, инициативы, молодёжь, кампания, лозунг, мероприятие, организатор, ликвидация.

## THE CONTRIBUTION OF YOUTH OF THE KULOB REGION OF THE TAJIK SSR TO THE SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC IN THE 60S OF THE XX CENTURY

**Akhmedova Sayora Partovovna** – assistant professor of the Department of Humanities, TSUFE. Phone: 931134801; E-mail: ahmedova.sayora01@gmail.com.

The Eighth Five-Year Plan was characterized by a high labor and political upsurge of the Soviet people, caused by preparations for the celebration of two significant dates: the 50th anniversary of the October Revolution and the 100th anniversary of the birth of V.I. Lenin.

The main task of Komsomol organizations during the Eighth Five-Year Plan was to mobilize young men and women to fight for the early implementation of the five-year plan, increase the efficiency of social production, participate in accelerating the pace of scientific and technological progress, fight for the production of high quality products, and the widespread dissemination of progressive forms and methods labor.

**Key words:** Socialism, communist, Komsomol, party, agriculture, collective farm, congress, collectivization, initiatives, youth, campaign, slogan, event, organizer, liquidation.

# САҲМИ ҶАВОНОНИ ВИЛОЯТИ КӮЛОБ ҶШС ТОҶИКИСТОН ДАР РУШДИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРӢ ДАР СОЛҲОИ 60- УМИ АСРИ XX

**Ахмедова Сайёра Партововна**–ассистенти кафедраи гуманитарӣ ДДМИТ Телефон: 931134801; E-mail: ahmedova.sayora01 @gmail com.

Панҷсолаи ҳаштум бо руҳбаландии баланди меҳнатӣ ва сиёсии одамони шуравӣ, ки зимни омодагӣ ба истиқболи ду санаи муҳим: 50-солагии Инқилоби Октябр ва 100-солагии рӯзи таваллуди В. И. Ленин фароҳам омада буд, тавсиф мешавад.

Вазифаи асосии ташкилоти комсомолӣ дар панҷсолаи ҳаштум аз он иборат буд, ки ҷавонписарон ва духтаронро дар мубориза барои пеш аз муҳлат иҷро намудани нақшаи панҷсола, зиёд кардани самараи истеҳсолоти ҷамъиятӣ, ширкат дар тезондани суръати прогресси илму техника, мубориза баҳри истеҳсоли маҳсулоти аълосифат, васеъ паҳн намудани шаклу усулҳои прогрессивии меҳнат сафарбар кунанд.

**Калидвожахо:** сотсиализм, коммунист, комсомол, ҳизб, хоҷагии қишлоқ, колхоз, съезд, коллективонидан, ташаббус, ҷавонон, маърака, шиор, чорабинӣ, ташкилотчӣ, барҳам додан.

Общественно, что в Советском Союзе социально экономическое развитие определялось пятилетками. Начиная с 1928 годы развитие экономики страны планировалось на каждые 5 лет.

Восьмая пятилетка не была исключением, она характеризовалась высоким трудовым и политическим подъемом людей, вызванный подготовкой к празднованию двух знаменательных дат: 50-летия Октябрьской революции и 100-летия со дня рождения В.И. Ленина. Две славные даты свои истории отмечал также и ВЛКСМ: 50-летия со дня образования ленинского комсомола и 50-летие выступления В.И. Ленина на III съезде РКСМ.

В ходе подготовки к празднованию 50-летия Великой Октябрьской Социалистической революции комсомольские организации города и Кулябской группы районов, следуя почину комсомольских организаций Московской области, направили соревнование молодых рабочих, колхозников, служащих и специалистов на выпуск сверхплановой продукции, улучшение ее качества, экономию и бережливость, на повышение профессионального мастерства.

Молодёжь города Куляба внесла достойный вклад в честь 50-летия Октябрьской революции. На трудовой вахте, в 1967 году стояли комсомольско-молодёжные бригады Саидова С., Бобоева Э., Акчурина из СУ-15, Насреддинова Бури из заготзерно и многие другие. По путевкам горкома комсомола целая бригада комсомольцев осваивала целинные земли Зафарабадского района. Бригада работала отлично. Зафарабадский райком партии, учитывая хорошую работу бригады, направил благодарность в городской комитет комсомола.

В 1968 году за активное участие в общественной работе многие комсомольцы промышленных, строительных, транспортных и других предприятий и организаций города награждались Почетной Грамотой ЦК ЛКСМ республики и грамотами городского комитета комсомола. «В год юбилея ВЛКСМ по путевкам горкома комсомола десятки комсомольцев направлялись работать на Всесоюзные республиканские ударные стройки, на предприятия города. Например, на ударные комсомольские стройки в город Тольятти и Комсомольск на Амуре было направлено 18 человек, на строительство железной дороги Термез-Яван 6 человек, Нурекской ГЭС-3, в местные предприятия и организации 150, в ПТУ на учебу -60 человек» .

Много рацпредложений было выдвинуто комсомольцами Пархарского района. Наиболее ценные из них были рацпредложения слесарей хлопзавода Нуруллоева Х. и Нуралиева С. Экономический эффект от внедрения в производство их предложения составил 12 тыс. рублей годовой экономии .

Комсомольцы и молодёжь города и районов с большим энтузиазмом трудились на самых различных участках промышленного и сельскохозяйственного производства. В 1967 году на предприятиях райцентра Пянджа работали более 100 комсомольцев. Они, встав на трудовую вахту в честь 50-летия Октябрьской революции, добились больших успехов в труде. Комсомольцы комбината бытового обслуживания досрочно справились с заданиями двух лет пятилетки. Бригада металлистов КБО возглавляемая Исаевым выполнила план 1967 года на 200 процентов. В бригаде в основном работала молодёжь большинство из них учились в вечерней школе. Бригада боролась за звание бригады коммунистического труда .

Претворяя в жизнь решения партии в годы восьмой пятилетки, коммунисты и комсомольцы города и районов возглавили поход тружеников сельского хозяйства за повышение культуры земледелия, за подъем животноводства.

Юноши и девушки села организуя социалистическое соревнование между полеводческими бригадами направили усилия всей сельской молодёжи на успешное выполнение исторических решений XXIII съезда КПСС. Большая организаторская работа, самоотверженный труд молодых колхозников в рабочих совхозах, специалистов сельского хозяйства способствовало улучшению работы в животноводстве, хлопководстве, зерноводстве и овощеводстве, укреплению экономики сельского хозяйства.

По итогам социалистического соревнования 35 передовиков и активистов района были награждены Почетными грамотами ЦК ЛКСМ Таджикистана, 8 Почетными грамотами ЦК ВЛКСМ, 29 передовых комсомольца наградили юбилейными значками. «По рекомендации партийных организаций при комитетах комсомола были созданы «Комсомольские прожекторы», которые явились новой массовой формой участия юношей и девушек в коммунистическом строительстве» .

Включаясь в социалистическое соревнование за достойную встречу 100-летия со дня рождения В.И. Ленина, комсомольцы и молодёжь Московского района добились хороших показателей в хлопководстве. Тринадцать комсомольско-молодёжных бригад колхозов имени В.И. Ленина, "Дружба"", имени Кирова, имени Турдыева, "Правда" и другие включились в соревнование между собой и выполнили планы и взятые социалистические обязательства. 45-молодых передовика производства были награждены Почетными грамотами ЦК ВЛКСМ и ЦК ЛКСМ Таджикистана.

Образцы самоотверженного труда на хлопковых полях показали комсомольцы Восейского района. Из 18 комсомольско-молодёжных бригад, 6 были комплексно-механизированными. В 1966 году бригады Гавхарби Пираковой из колхоза имени Ленина, Зиёдали Курбанова из колхоза имени Карла Маркса. Тоджиддин Давлятова из колхоза имени Кирова, Джумы Менгулова из колхоза имени Томина, Ятима Салима из колхоза "Москва" и комплексно-механизированная бригада ПТУ-16 показали образцы Коммунистического труда, перевыполнили плановые задания и социалистические обязательства .

Основной рабочей силой в колхозах и совхозах Дангаринского района наряду с юношами составили девушки. В годы восьмой пятилетки в сельском хозяйстве района трудились 6583 девушки. В составе 15 комсомольско-молодёжных бригад, созданных в 1970 году, самоотверженно трудились 40 девушек .

Производство и продажа государству тонковолокнистого хлопка всегда была главной отраслью сельского хозяйства Пянджского района. Район досрочно выполнил плановые задания пятилетки. Наивысших результатов район добился в 1967 году.

Развернув соревнование  в 1967 году, труженики района при плане 17600 тонн, сдали государству 25 тысяч тонн ценного тонковолокнистого хлопка, и заняли первое место в республике. В этой замечательной победе хлопкоробов была большая доля комсомольцев и молодёжи. Все 7 комсомольско-молодёжных бригад перевыполнили свои плановые задания. В бригаде Чупона Егиева из колхоза "1-мая" работало 20 комсомольцев. Все члены бригады работали, как говорится, по-ударному обработку хлопка провели своевременно и на самом высоком агротехническом уровне, своевременно приступили к уборке урожая. В результате бригада по урожайности (32,7 центнера с гектара) заняла первое место в районе. Она собрала и сдала государству 183 тонны ценного хлопка .

Серьёзное внимание удаляло развитию животноводства на территории Кулябской группы районов. Курс партии на специализацию и концентрацию сельскохозяйственного производства по сути дела сама собой определили отдельные районы по их природным условиям, на производство соответствующей сельскохозяйственной продукции. Климатические и природные условия Дангаринского, части Восейского, Кулябского и Московского районов были более удобные для развития животноводства. Поэтому в годы восьмой пятилетки в этих местах ускоренным темпом развивалось животноводство.

Поход молодёжи за экономию и бережливость, за всемерный рост производительности труда и рациональное использование рабочего времени в годы восьмой пятилетки, стал эффективной формой, приобщения юношей и девушек к делам производства, воспитания у них чувства хозяина, высокой общественной активности.

В рассматриваемый период комсомольская организация города Куляба намного усилила деятельность штаба и отрядов "комсомольского прожектора". В 1970 году отрядами "КП" города была проведена серия рейдов по проверке транспорта, подготовки сельских школ к новому учебному году, использованию технических средств в школах, состояния торговли и общественного питания, культурного обслуживания населения, по подготовке сельскохозяйственных машин к весеннему севу и др.

Совместно с комитетом народного контроля в 1970 году, Пархарский районный штаб "комсомольского прожектора" провели рейд по фермам колхозов п совхозов по учету новорожденных ягнят и их биркования. В целях эффективного проведения рейда к каждой ферме был прикреплен член штаба. В результате чего каждый ягненок был поставленные на учет. По итогам рейда, за халатное и недобросовестное отношение к своей работе были строго наказаны зав. фермой и зоотехник колхоза имени В.И. Ленина .

В течении 1968-1969 годов в Московском районе было создано79 постов "комсомольского прожектора", они объединяли 203 человек. Только в 1969 году штабом "КП" района было проведено 26 рейдов .

Штаб "комсомольского прожектора" Восейского района объединял 7 человек, а прожектористами были 786 юношей и девушек. В первой половине 1970 года штабом привелось 5 общерайонных рейда .

"Комсомольский прожектор" Дангаринского района состоял из 96 отрядов и постов и 311 "прожектористов». Только в рейдах "КП" проведенных в мае и июне 1970 года участвовало 230 человек. Эти рейды "комсомольского прожектора " позволили сэкономить в масштабе района 1,5-2 тысячи рублей .

В центре внимания комсомольских организаций была также забота о росте рядов, и в 1970 году на территории Кулябской группы районов на 1 октября насчитывалось 6 райкомов комсомола (кроме Пянджского) и 578 первичных комсомольских организаций, которые объединяли в своем составе 29099 комсомольцев. Среди важнейших вопросов комсомольское работы главное место занимали вопросы подбора и расстановки комсомольских кадров, укрепления всех участков комсомольской работы политически зрелыми, инициативными и способными организаторами.

Таким образом, данное исследованные показывает, что молодёжи Кулябской области внесло весомый вклад в развитие экономики Таджикистана в рассматриваемый период, особенно в успешном развитии хлопководства

**Литература**


1. Амаков, М., Зайнидинов, В. Комсомол на ударных стройках пятилетки (в помощь лектору). – Душанбе: Знание, 1981. – 154 с.
2. Джалилов, Ш., Комсомол-верный помощник партии в выполнении исторических решений XXYI съезда КПСС (в помощ лектору). - Душанбе: общества "Знание", 1982. – 139 с.
3. Зикриёев, Ф. Комсомол Таджикистана в борьбе за технический прогресс. – Душанбе: Ирфон, 1971. - 289 с.
4. Зикриёев, Ф. Комсомол Таджикистана. Краткая летопис. - Дешанбе: Ирфон, 1985. – 192 с.
5. Зикриёев, Ф. Таджикская Советская Социалистическая Республика. VII. Ленинский Коммунистический Союз Молодёжи Таджикистана. https://www.booksite.ru/fulltext/1/001/008/108/419.htm.


## ҶАВОНОНИ ВАТАНДӮСТ ҲАМЧУН НЕРӮИ СОЗАНДАИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ


**Мирзоев Акрам Рустамович** – унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, суроға: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2. Тел:. (992) 207 31 48 31, E.mail: m.akram@mail.ru



Муаллиф дар мақолаи мазкур масъалаи аҳамияти тарбияи насли наврас ва ҷавононро дар рӯҳияи худогоҳӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ тарбия ва роҳбаладй намудани устодон ва олимони соҳаро баррасӣ намудааст. Дар ин мақола хизмати шоистаи симои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои тарбияи насли наврас ва ҷавонон таҷассум ёфтааст. Тарбияи худогоҳӣ, худшиносӣ ва ватандӯстӣ, ҳамчун як роҳи тарбияи шахсияти ҷавонон ва насли наврас аз нигоҳи фарзандони фарзонаи миллат барои ҷомеа пешниҳод гардидааст. Дар умум, худоогоҳиву худшиносии миллӣ ҷавононро водор месозад, ки ба қадри Модар Ватан, муқаддасоти миллӣ, рамзҳои давлатӣ, озодӣ, соҳибистиқлолӣ, инчунин, ба арзишҳои волои фарҳангиву ахлоқӣ, забони модарӣ, адабиёти оламшумул ва таъриху фарҳанги куҳани халқи худ расанд ва барои гузоштани мероси арзанда ба наслҳои оянда кӯшиш намоянд.

Худшиносӣ, худогоҳӣ ва атандӯстӣ, маҳз аз он сабаб яке аз арзишҳои асосӣ ба ҳисоб меравад, ки дар шуури ҷамъиятӣ шаклҳои имконпазири муносибатро ба арзишҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва маънавии миллат, анъана ва ақидаҳо муайян ва ба амалӣ гардидани имкониятҳои иштирок дар соҳаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъият ва давлат мусоидат менамояд.



**Калидвожаҳо:** Пешвои миллат, модар, ватан, арзишҳои миллӣ сиёсат, фарҳанг, ҷаҳон, ҳуввияти миллии ҷавонон, насли наврас, тарбия, ватандӯстӣ, ҷамъият, муносибатҳои фарҳангӣ, фарҳангӣ-маърифатӣ.


## ОСНОВНЫЕ АСПЕКТЫ ПАТРИОТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ МОЛОДЕЖИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Мирзоев Акрам Рустамович** – соискатель Института развития образования им. А. Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734063, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2. Тел: (992) 207 31 48 31, E.mail: m.akram@mail.ru.

В данной статье автор рассуждает о важности воспитания молодого поколения и молодежи в духе самосознания, самопознания и национальной гордости, а также о подготовке и руководстве преподавателей и ученых в этой области. В данной статье воплощены заслуги непосредственного образа Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Его Превосходительства Эмомали Рахмона в деле воспитания подрастающего поколения и молодежи.

Воспитание самосознания, самопознания и патриотизма преподносится обществу как способ воспитания личности молодежи и подрастающего поколения с точки зрения предполагаемых детей нации. В целом национальное самосознание и самосознание побуждают молодежь ценить Родину, национальные святыни, государственные символы, свободу и независимость, они также должны ценить высокие культурные и нравственные ценности, родной язык, общечеловеческую литературу, древнюю историю и культуру своего народа и стремиться оставить ценное наследие будущим поколениям.

Самопознание, самосознание и патриотизм считаются одними из основополагающих ценностей именно потому, что они определяют в общественном сознании возможные формы отношения к культурным, историческим и духовным ценностям нации, традициям и верованиям, способствуют реализации возможностей участия в важнейших сферах жизни общества и государства.

**Ключевые слова:** Лидер нации, мать, Родина, национальные ценности, политика, культура, мир, национальная идентичность молодежи, молодое поколение, воспитание, патриотизм, общество, культурные связи, культурно-просветительская деятельность.

## THE MAIN ASPECTS OF PATRIOTIC EDUCATION OF YOUNG PEOPLE IN MODERN CONDITIONS

**Mirzoev Akram Rustamovich -** applicant A. Jami Institute of Educational Development Academician of Education Tajikistan, address: 734063, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 11/2 A. Adhamov str. Tel:. (992) 207 31 48 31, E.mail: m.akram@mail.ru

In this article, the author talks about the importance of educating young generations and youth, self-awareness, self-knowledge, and national pride, as well as training and leadership of teachers in this region. In this article, the direct merits of the founder of peace and national unity - the national leader, the President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmona in the education of the younger generation and youth are embodied in this article.

Vospitanie samosoznaniya, samopolznaniya i patriotisma prepodnositsya obshestvu kak pospido vospitaniya liklihood molodeji i podrastayuschego gekonologia from the point of view of presumptive national children. In general, national self-awareness and self-awareness encourage young people to appreciate the Motherland, national shrines, state symbols, freedom and independence, they should also appreciate high cultural and moral values, the native language, universal literature, ancient history and culture of their people and strive to leave a valuable legacy for future generations.

Self-awareness, self-awareness and patriotism are considered to be one of the fundamental values precisely because they determine the possible forms of relationship to the cultural, historical and spiritual values of the nation, traditions and beliefs in the social structure, and contribute to the realization of opportunities for participation in the most important spheres of the life of society and the state.

**Key words:** Leader of the nation, mother, homeland, national values, politics, culture, peace, national identity of youth, young generation, education, patriotism, society, cultural ties, cultural and educational activity.

*«Ҷавҳари худшиносии миллӣ аз дӯст доштани Ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихиву фарҳангӣ сарчашма гирифта, ба ташаккули шахсиятҳои дорои ҷаҳонбинии солиму пешрафта боис мегардад»*

*Эмомалӣ Раҳмон*

Таҷассумгари ҷавҳари худшиносии ботинӣ эътиқоди миллӣ ва фарҳангии инсонро ҳуввияти он инъикос мекунад. Тараққиёту пешрафти муваффаққиятҳои ҳар як қавму миллат ва давлат аз муттаҳидӣ, ягонагии он вобастагии зич дорад. Ин ҳақиқатест пазируфташаванда, ҳақиқатан дар марҳилаҳои гуногуни зиндагӣ бинобар сабаҳо ва омилҳои таъинкунандаи халалдоршавии сулҳу суббот дар ҷаҳон боиси парокандагӣ ва ҳатто нестшавии қавмҳо, миллатҳо ва давлатҳо гардида истодааст.

Ифтихори ватандӯстӣ дар замони муосири ҷаҳонишавӣ, худшиносии миллӣ ва яке аз рукнҳои муҳимии фаъолияти ҷомеаи мутамаддин ва таълиму тарбияи насли наврас маҳсуб меёбад. Имрӯз худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва садоқат ба Ватан яке аз пояҳои муҳимми давлату давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Тавассути худогоҳӣ, худшиносӣ, насли наврас ва ҷавонон қобилият ва истеъдоди худро барои расидан ба ҳадафҳои ояндаи худ ва ҷамъият равона менамоянд. Давлат бе миллат вуҷуд дошта наметавонад ва дар ин баробар миллате, ки худро нашиносад, ба арзишҳои миллии худ эҳтиром надошта бошад, он миллат соҳибдавлат буда наметавонад.

Аз давраҳои пеш ба миллати тоҷик хатари парокандагиию нестшавӣ борҳо таҳдид кардааст, ки як дилу як ҷон бошем. Мардуми тоҷик ҳамеша дар тулӣ асрҳо ҳувияти худро ҳифз намуда то ба боргоҳи истиқлолияти миллию давлатӣ хеш расидааст. Миллати тоҷикро миллати ҷафокашидаи ба мақсади худ расида гуем ҳам хато нахоҳем кард. Мо бояд, иродаи устувору созанда, фарҳанги бузургу эҳёгаронаи хешро боз ҳам тақвият бахшида, зинда нигоҳ дорем.

Тавре дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр шудааст: “Ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол неруи созандаи Ватан буда, нақши онҳо дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа бисёр арзишманд ва назаррас мебошад. Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу бономусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд. Маҳз ҷавононанд, ки дар оммавигардонии варзиш нақши асосӣ дошта, ба шарафи пирӯзиҳои онҳо парчами Тоҷикистони маҳбуби мо дар гӯшаҳои гуногуни дунё парафшонӣ мекунад.”

Худшиносӣ, ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии аз масъалаҳои умда дар шароити кунунӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, дастгириву ба ғамхорӣ фаро гирифтани ҷавонон, ҳалли

мушкилоти ҳаёти онҳо ва истифодаи дурусту оқилона ба хотири ободиву пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарине мебошанд, ки таҳти таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат қарор доранд, зеро Тоҷикистон худ мамлакати ҷавонон аст.

Тоҷикистон дар тули таърих ба дастовардҳои моддию маънавӣ, фитрати фарҳангофарин ва маърифатбунёди худ дар ҷаҳони муосир бо дарёфти мақому манзалат ифтихорангез ноил гардид.

Бояд фаромӯш насозем, ки мардуми Тоҷикистон масъулияти ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими пояҳои давлатдорӣ, таъмини амнияту суботи кишвар ва ободиву пешрафти мамлакатро ба зиммаи мову шумо вогузор намудааст. Таҷрибаи давлатдории халқҳои олам собит менамояд, ки ҳастии ҳар давлату ҷомеа ва рушди озодонаи ҳар як фарди он маҳз ба ҳисси миллии ватандӯстӣ кафолати муҳимтарини бақои миллату давлат вобастагии мустақим дорад.

Худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ меҳвару моҳияти мафкураи ватанпарварии миллии кишвари соҳибистиқлоли мо мебошад. Муҳимтарин вазифаи ин мафкура шакл додани ҳувият, шуур, ҷаҳонбинӣ, ҳиссиёт ва ифтихори миллии насли наврас ва ҷавони мамлакат мебошад.

Мафкураи миллӣ-давлатии Тоҷикистон бояд дар байни оммаҳои васеъ ва қабл аз ҳама ҷавонон тавре таблиғ гардад, ки он хислати ҳамагонӣ гирад. Мафкураҳо ҳамон вақт муассир мегарданд, ки агар ҳама қишрҳои миллат ба арзишҳои он боварӣ дошта бошанд ва аз паи он арзишҳо раванд. Танҳо хислати ҳамагонӣ гирифтани арзишҳои ғояи миллии тоҷикӣ халои мафкуравиро пур хоҳад кард. Дар ин росто, масъалаи аз ҳама муҳимтарин тарбияи ҷавонон дар руҳияи миллии дунявӣ мебошад, ки онро танҳо ба василаи таблиғу тарғиби бонизом амалӣ намудан мумкин аст. Вақте фарди ҷавон худшинос аст, шуури ӯ дар руҳияи миллии дунявӣ ва ватанпарварӣ шакл гирифтааст, ба вай ғояҳои бегонаву бегонапарвар наметавонанд таъсир расонанд.

Чунонки Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд «Бо мақсади тарбияи ахлоқии наврасону ҷавонон истифодаи ҳарчи васеъ аз шабакаҳои телевизионии миллӣ зарур мебошад. Зиёиёни миллат имкон доранд, ки бо ҳамин роҳ моҳияти сиёсати фарҳангии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистонро ба мардум расонанд ва дар таҳкими арзишҳои фарҳангӣ, баланд бардоштани сатҳи худогоҳиву худшиносии мардум, махсусан наврасону ҷавонон саҳми воқеӣ гузоранд (Суханронӣ дар мулоқоти наврӯзӣ бо зиёиёни кишвар, 20.03.2014).

Ватанпарварӣ, ватандӯстӣ, хештаншиносӣ принсипи ахлоқию сиёсӣ ва ҳисси иҷтимоӣ буда, мазмуни аслиашон меҳру муҳаббат ва садоқат ба Ватан ва омода будани инсон ба боло гузоштани манфиатҳои Ватан-модар аз манфиатҳои шахсии худ мебошад. Дар тамоми давру замонҳо яке аз хислатҳои неки инсоният худшиносӣ, худогоҳӣ ва Ватандӯстӣ ба шумор меравад. Боиси қайд аст, ки яке аз мавзуъҳои мубрами раванди таълиму тарбия ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва арҷ гузоштан ба арзишҳои олии кишвар ба ҳисоб рафта, тадриси он вазифаи аввалиндараҷа ва муқаддаси ҳар як шаҳрванд ба шумор меравад. Ҳукумати мамлакат вобаста ба ин масъалаи зикргардида, таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, дар тамоми сохторҳои илмию таълимӣ назорати ҷиддӣ мебарад.

Худшиносӣ василаи асосии ба маънавият расидани инсону ҷомеа мебошад. Худшиносии миллӣ ин решаи миллат аст, агар мактаби миллӣ заиф бошад, миллат пароканда ва нопадид мегардад. Бинобар ин, бояд баҳри мустаҳкам гардонидани мактаби миллӣ, ки

ҷузъҳои асосии он ватанпарастӣ, хештаншиносӣ ва худшиносӣ мебошад, чораҳои зарурӣ андешид. Дар ин давра дар Тоҷикистон вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дигар гардида, арзишҳои моддиву маънавӣ ҳам иваз шуданд. Худшиносии миллӣ аз гузаштагонамон ба мо мерос монда бошад ҳам, баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нави худшиносии миллӣ оғоз гардид.

Роҳи тайнамудаи Тоҷикистон дар ҷодаи ваҳдату якпорчагӣ ҳамвору яксон набуд, вале мардуми шарафманди мо ба хотири таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ҳифзи марзу буми аҷдодӣ, сарҷамъии миллат, густариши фазои сулҳу оромӣ ва тақвияти худшиносии миллӣ саъю талошҳои бесобиқа анҷом доданд, ки наслҳои оянда аз онҳо ҳамчун намунаи ватандориву ватандӯстӣ ёд хоҳанд кард.

Дар ҳақиқат, ҳар як инсони боимону оқил, бо нангу бо номус бояд ифтихор намояд, ки дар тули солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Пешвои муаззами миллат чи қадар дигаргуниҳои куллӣ дар бобати ба эътидол овардани вазъи сиёсию иқтисодии мамлакат, дарёфт намудани роҳи рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии кишвар ва дар ин асос баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ба амал омадааст.

Саҳифаи пурмуҳтавою рангин ва рӯзгори равшани миллати мо дар тули таърих бо талошу муборизаҳои ҷавонмардони шуҷои миллат, сарлашкарон ва садҳо зиёиёну сиёсатмадорони шарафманди дигар буд. Ифтихор аз таърихи куҳанбунёди хеш вақте пайдо мешавад, ки аз он огоҳ бошӣ, онро мояи омӯзиш, ибрат ва шукуҳмандӣ бидонӣ, зеро ки надонистани таърихи фарҳангу тамаддун, забон, адабиёт, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ дар пешгаҳи қавми ноогоҳ ҳукми мурдаро дорад. Бояд ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ барои абадӣ пойдор мондани Сулҳу Ваҳдат дар ҷомеа ва Истиқлолият дар Ватани азизамон саҳмгузор бошад. Бинобар ин, пас аз ба даст овардани соҳибистиқлолии кишвар дар назди давлату миллати тоҷик масоили зиёде ба миён омаданд, ки онҳо ба ташаккули худшиносии миллӣ иртибот дошт ва масъалаи аввалине, ки дар ин маврид ба миён омад баҳсҳо атрофи доираи ҳувияти миллӣ буд. Масъалаи ҳувияти миллӣ то ба имрӯз идома ёфта истодааст.

Дар ҷаҳони имрузаи муҳосир чунин душманон миллати мо кам нестанд, ки мехоҳанд бо ҳар роҳу усул дар ҷомеа нооромиро ба вуқуъ оварда хуни миллати моро дубора ҷорӣ намоянд. Ҳодисаҳои хунини имруза дар Сурия, Ироқ ва Афғонистони ҳамсоя ба вуқуъ омада моро водор месозад, ки ҳамаруза ҳушёр бошем ва ба ягон дасисабозӣ ворид нашавем.

Аз он даврае, ки мо бо душвориҳои зиёд нобасомониҳоро паси сар намуда, тавассути сиёсати хирадмандони Пешвои миллат ва халқи азизамон роҳи созиш, оштии миллӣ ва роҳи ваҳдатро пеш гирифтем. Барои ҳифзи ин неъмати бебаҳо мо бояд зиракии сиёси ваҳдати миллиро аз даст надода дар атрофии роҳбари муаззами худ муттаҳид шуда Тоҷикистонро ободу зебо гардонем.

Зеро дар шароити кунунии рушди давлатдории миллии тоҷикон, тақвият ёфтани ҳувияти миллӣ яке аз омилҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Тақвияти давлатдории миллиро дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ бе мустаҳкам намудани ҳувияти миллӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Дар баробари ин рушди ҳувияти миллӣ метавонад омили наҷотбахши кишвар ва давлатдории миллӣ аз ҳар гуна хатарҳои муосир, аз қабили ифротгароӣ ва терроризм, моҷароҳҳои қавмиву мазҳабӣ ва дигар муаммоҳои зуҳурнамуда дар шароити имрӯза гардад. Инчунин, ташаккули ҳувияти миллӣ ва худшиносии миллӣ омили асосии устуворӣ ва таҳкими пояҳои давлатдорист.

Ҷавононро ҳамчун ояндасозони давлату миллат, қувваи пешбаранда ва неруи ҳаракатдиҳандаи ҷомеа эътироф кардани Сарвари давлат боиси болидаруҳӣ ва ифтихори миллии ин қишри ояндасоз гардида, эътимоди онҳоро ба фардои дурахшон қавӣ ва масъулияташонро баҳри ҳифзи дастовардҳои истиқлоли давлатӣ дучанд менамояд.

Дар умум, худоогоҳиву худшиносии миллӣ ҷавононро водор месозад, ки ба қадри Модар Ватан, муқаддасоти миллӣ, рамзҳои давлатӣ, озодӣ, соҳибистиқлолӣ, инчунин, ба арзишҳои волои фарҳангиву ахлоқӣ, забони модарӣ, адабиёти оламшумул ва таъриху фарҳанги куҳани халқи худ расанд ва барои гузоштани мероси арзанда ба наслҳои оянда кӯшиш намоянд.

Дар ин баробар, барои насли ҷавону ҷомеаи кунунии кишвар рӯйдоди муҳиме, ки дар фаҳми ҳувияти миллӣ ва масъалаи худшиносии миллӣ чун дигар маъхазҳо саҳми назаррас дорад, ин ба нашр расидани китоби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳти унвони «Чеҳраҳои мондагор» мебошад. Мутмаинам, ки омӯзиш ва аз худ намудани муҳтавои ин китоб метавонад ба баҳсҳои ҳувият дар ҷомеаи мо такони ҷиддие бахшад, зеро дар он тамоми ҷабҳаҳои ҳувият ва андешаи миллӣ инъикос гардидаанд.

Дар сиёсати хирадмандона ва таълифоти Сарвари давлат масъалаи меҳварӣ, яъне ҳувият ва худшиносии миллӣ дар ҷои аввал меистад. Пешвои миллат, зимни ҳар суханронӣ гаштаву баргашта хотиррасон мекунанд, ки: "Инсон бояд қувва ва имконоти худро дар вобастагии кулл бо доираи манфиатҳои миллӣ дарёбад, таърихи миллатро донад, худро нисбат ба тақдири Ватан масъул шуморад".

Чунон Президенти кишварамон роҷеъ ба дарки таърихи сабақомӯз ва ҳифзи музафариятҳои миллӣ чунин баён дошта будан: «Ба таърихи миллати худ чун ба оина поку муқаддас назар бояд кард, оинае, ки акси халқро бо шукуҳу ҷамол ё айбу нуқсон нишон медиҳад не. Ин барои худшиносии ҷомеа ва равшан намудани ҳадафҳою роҳи минбаъдаи он, дар ин аёми мураккаб ниҳоят зарур аст.» Яъне таърих дӯсти ҳақиқатгуст ва саҳифаҳои пурифтихору пандомӯзи онро бо сари баланд бояд омухт.

Пас, бо итминони комил иброз медорам, ки дар ҷомеаи кунунии Тоҷикистони азиз барои ҳар як фарди комилу худшинос маншаи илҳом дар роҳи ватанхоҳӣ ва садоқат бар ин марзу бум сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон аст.

**Адабиёт**


1. Паёми президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси олии мамлакат 28.12.2024.
2. Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Ватандӯстӣ арзи садоқат ба Ватан, миллат ва давлат аст» Нашрияи «Садои мардум» соли 2014. с 4-6.
3. И. Шамсов. «Эй қаҳрамони миллат» соли 2017, с. 1-4.
4. Эмомалӣ Раҳмон. Фарҳанг ҳастии миллат аст. -Душанбе; Матбуот- 2001.-37с.
5. Азизов, К.Ҷ. Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ [Матн] / К.Ҷ.Азизов. – Душанбе, 2020. – 153с


## ИНЪКОСИ ВАЗЪИ КИШОВАРЗИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР ОСОРИ МУАРРИХОНИ МАҲАЛЛИИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XVIII-ИБТИДОИ АСРИ XX

**Изатов Юсуфбек Миралиевич-** ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ телефон: (+992)808-66-11-11 э. почта: ysuf.izatov@mail.com.

Дар мақоала вазъи кишоварзии аморати Бухоро дар осори муаррихони маҳаллии нимаи дуюми асри XVIII- ибтидои асри XX инъикос гардидааст. Муаллиф ҷиҳати баррасии вазъи кишоварзӣ дар аморати Бухоро дар осори муррихони маҳаллӣ ба дигар манобе хатти диққат дода, қайд менамояд, ки ҳангоми ҳукмронии амирони Манғит дар аморати Бухоро бисёр вазъи кишоварзи ақибмонда буд. Гарчанде ҳокимони маҳалли ба кишоварзи аҳамият намедоданд, лекин мардуми маҳали бошанд барои рӯзгузарониашон ба мушкилиҳо нигоҳнакарда ба кишти шоли, тамоку, бангдона, гандум, пахта, сорочинӣ ва ҷав аҳамити махсус медоданд. Дар домана кӯҳҳо бештар ба боғу токпарварӣ машғул мешуданд.

Ин чунин муаллиф баъди омӯзиш манобеи таърихи дар хусуси вазъи кишоварзӣ дар нимаи дуюми асри XVIII- ибтидои асри XX ба хулосае омадааст, ки бо вуҷуди мушкилиҳои давр ва зулми ҳокимони маҳллӣ зироаткорӣ дар тамоми аморати Бухоро вуҷуд дошт ва аҳоли барои қутти лоямути худ дар ҳама гушаю канори мамлакат ба зироаткори машғул буданд.

**Калидвожаҳо:** кишоварзӣ, омоч, пулуг, Бухоро, Ҳисор, ғалла, замин, таноб, Амударё, пахта, Зарафшон, Помир, Панҷ, Вахш, Сурхоб, Кофарниҳон.

## ОТРАЖЕНИЕ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ СИТУАЦИИ БУХСКОГО ЭМИРАТА В ТРУДИЯХ КРАЕВЕДОВ ВТОРОЙ ПОЛОВИНЫ XVIII - НАЧАЛА XX ВЕКА

**Изатов Юсуфбек Миралиевич-** ассистент кафедры гуманитарных наук ДДМИТ Телефон: (+992) 808-66-11-11. э. почта: ysuf.izatov@mail.com

В статье сельскохозяйственная ситуация Бухарского эмирата отражена в трудах краеведов второй половины XVIII - начала XX века. Для рассмотрения сельскохозяйственной ситуации в Бухарском эмирате в трудах краеведов автор обращает внимание на другие источники и отмечает, что в период правления мангитских эмиров в Бухарском эмирате сельскохозяйственная ситуация была очень отсталой. Хотя местные губернаторы не обращали внимания на сельское хозяйство, но местные жители уделяли особое внимание выращиванию риса, табака, конопли, пшеницы, хлопка, сорго и ячменя для получения средств к существованию. В предгорьях они в основном занимались садоводством и виноградарством.

Изучив исторические источники о состоянии сельского хозяйства во второй половине XVIII - начале XX века, этот автор пришел к выводу, что, несмотря на проблемы того периода и притеснения местных правителей, земледелие существовало во всем Бухарском эмирате, и население занималось земледелием во всех уголках страны для своего существования.

**Ключевые слова:** земледелие, плуг, плуг, Бухара, Хисар, зерно, земля, Таноб, Амударья, хлопок, Зарафшан, Памир, Пяндж, Вахш, Сурхоб, Кафарнихан.

## REFLECTION OF THE AGRICULTURAL SITUATION OF THE BUKH EMIRATE IN THE WORKS OF REGIONAL HISTORIANS OF THE SECOND HALF OF THE 18TH - BEGINNING OF THE 20TH CENTURY

**Izatov Yusufbek Miralievich** - assistant of the Department of Humanities of the DMIT Phone: (+992) 808-66-11-11. a.mai: ysuf.izatov@mail.com.

In the article, the agricultural situation of the Bukhara Emirate is reflected in the works of local historians of the second half of the 18th - early 20th centuries. To examine the agricultural situation in the Bukhara Emirate in the works of local historians, the author draws attention to

other sources and notes that during the reign of the Mangit emirs in the Bukhara Emirate, the agricultural situation was very backward. Although local governors did not pay attention to agriculture, but local residents paid special attention to growing rice, tobacco, hemp, wheat, cotton, sorghum and barley for their livelihood. In the foothills, they mainly engaged in gardening and viticulture.

Having studied historical sources on the state of agriculture in the second half of the 18th - early 20th century, this author came to the conclusion that, despite the problems of that period and the oppression of local rulers, agriculture existed throughout the Bukhara Emirate, and the population was engaged in agriculture in all corners of the country for their livelihood.

**Key words:** agriculture, plow, plough, Bukhara, Hissar, grain, land, Tanob, Amu Darya, cotton, Zarafshan, Pamir, Panj, Vakhsh, Surkhob, Kafarnikhan.

Кишоварзӣ яке соҳаҳои муҳимми ҳаёти хоҷагии мардуми Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII - ибтидои асри XX буда, омӯзиш ва баррасии он дар манобеи таърихӣ аз масъалаҳои муҳими таърихи халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Аммо вазъи кишоварзии замони ҳукмронии Муҳаммадраҳимбӣ ва Дониёл атолиқ дар сарчашмаҳои таърихии дасти аввали мансуб ба ин давра, ба монанди “Туҳфату-л-хонӣ”-и Муҳаммадвафои Карминагӣ, “Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати манғития”-и Аҳмади Дониш, «Таърихи амирони манғити Бухоро»-и Мушрифи Бухороӣ, “Туҳфаи шоҳӣ”-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ва “Таърихи амирони манғитияи Бухоро”-и Садриддин Айнӣ мушаххас зикр нашудааст. Бо вуҷуди ин, аз ахбори Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухороӣ ва Мирзо Абдулазими Сомӣ дар хусуси андозҳои замони Дониёл, аз ҷумла хироҷ, закот ва дигар навъҳои он, ки дар ин масъала поёнтар ишора мешавад, бармеояд, ки дар ин давра кишоварзӣ вуҷуд дошта, мардум ба ғаллакорӣ ва сабзавоткорӣ машғул мешуданд. Садриддин Айнӣ бо дарназардошти замони салтанати Шоҳмурод мефармояд: “Умаро ва сарони сипоҳ ба унвони амлок ва танхоҳ қитъа-қитъа заминҳои зироатро соҳиб шуда, ба корандагон анвои заҷр ва зулмро раво медиданд. Ба ин сабаб мояи ҳаёти мамлакат, ки иборат аз зироат аст, тамом мухтал шуда, мардумро ҳамеша як қаҳту ғалои умумӣ таҳдид мекард”. Аз ин ахбори муаррихони зикршуда бармеояд, ки дар замони салтанати Дониёл атолиқ ва амир Шоҳмурод мардум ба кишту кори заминҳо машғул шуда, дар онҳо ҷав, гандум ва дигар навъҳои зироату ғаладонагиҳо кишт мекарданд.

Сайёҳ ва корманди низомии рус Логофет Д.И. қайд менамояд, ки пуштакуҳҳои Вахшу Ҳисор барои коридани гандуму ҷав мусоид аст, ки дар кишти он ба обёрии сунъӣ ҳоҷат нест, зеро барои сабзиш ва пухта расидани онҳо оби борон кифоят мекунад . Ҳамзамон, ӯ аз киштукори зағир, пахта, ҷуворимака ва дигар навъҳои зироату ғаладонагиҳо дарак додааст, ки дар моҳи сентябр ҷамъоварӣ мешаванд . Тибқи маълумоти ӯ дар кишти заминҳо аз навъи пулуге (омоч) истифода мебаранд, ки аз давраҳои Ошуру Бобул маъмул аст. Ин ахбори ўро муаллифи дигари рус Т.Н. Бурнашев то дараҷае тасдиқ карда, мефармояд, ки дар водии Ҳисор шолӣ, пахта, тамоку, бангдона кишт карда мешуданд, аммо кишти пахта барои мардуми Бухоро яке аз масъалаҳои муҳими саноатӣ ба ҳисоб мерафт. Шарқшиноси рус Н. В. Хаников, ки соли 1941 ба Бухоро омада буда, дар хусуси омода шудани нон дар Бухоро аз панҷ навъи ғаладонагиҳо ишора менамояд: “Дар Бухоро нонро аз 5 навъи ғаладонагиҳо: гандум, арзани сорочинӣ, ҷав, арзан ва ҷугорӣ омода мекунанд”. Ҳамзамон, С. Айнӣ вобаста ба солҳои ҳукмронии амир Олимхон қайд менамояд, ки “...ҳавлиҳои хуби Бухоро, дуконҳои хушиҷора, боғҳои маъмури атрофи шаҳр ва заминҳои ҳосилхези бисёре ба дасти маъмурин даромад”. Яъне, аз ин мазмун бармеояд, ки дар ибтидои асри XX мансабдорон бо истифода аз мавқеи худ заминҳои ҳосилхезро аз дасти деҳқонон ба ҳар васила кашида мегирифтанд. Ин воқеа метавонист бо иҷозати ҳоким ва ё қозӣ сурат гирад.

Дар манобеи зикршуда нишондиҳандаҳои кишоварзии мардуми аморати Бухоро мушаххас зикр нашудааст. Аммо ахбори пароканда ва кӯтоҳи онҳо ба ҳар ҳол дарак

медиҳанд, ки дар давраи ҳукмронии амирони манғитӣ деҳқонон ба ғаллакорӣ, боғдорӣ ва зироткорӣ машғул буданд.

Заминҳои киштзорҳои лалмӣ, ки одатан дар баландиҳо, нишебиҳо ва доманакӯҳҳо воқеъ мегардиданд, бисёр буданд. Дар ин навъи заминҳо одатан ғаладонагиҳо ва полезиҳое парвариш меёфтанд, ки ба шароити лаламӣ мутобиқ буданд. Дар заминҳои обӣ бошад, ба ғайр аз ғаладонагиҳо парвариши пахта ва шолӣ ниҳоят маъмул буд. Масалан, дар водиҳои Ҳисору Вахш ин навъи зироатҳои техникӣ хеле васеъ ба роҳ монда мешуд. Аммо дар ноҳияҳо ва минтақаҳое, ки ҳарорат хунуктар буд, аз қабили Балҷувон, Ховалинг, Ванҷу Дарвоз ва дигар ноҳияҳои Бадахшон ин навъи зироатҳо корида намешуданд ва дар ин ноҳияҳо маҳсулотҳои ғалладонагӣ мавқеи аввалро мегирифт. Тавре академик Б. Ғафуров дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, пас аз ба Руссия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна дар ноҳияи Хуҷанд 60 фоизи заминро киштзори ғалла ( аз он нисфаш гандум, баъд ҷуворӣ ва шолӣ, камтар ҷав ва арзан ташкил менамуданд: “Тақрибан 14 % майдон аз боғу токзор, иборат буд. Пахтаи ҷойдорӣ 11,5%, ришқа (юнучқа) 6,4%, обчакорӣ 4,6% майдонро ишғол менамуд” .

Дар Бухорои Шарқӣ низ каналҳои обёрӣ вуҷуд дошт, ки то асри XIX сохта шудаанд. Дар наздикии деҳаи Қаратоғ, ки дар худи соҳили дарёи Каратоғ воқеъ аст, 4 ҷӯйбор мавҷуд буд, ки дарозии ҳар кадоми онҳо аз 3 то 3,5 километрро ташкил мекард. Дар Душанбе низ 2 ҷӯйбор – Сариосиё ва Шоҳмансур воқеъ буд, ки аз дарёи Душанбе сарчашма мегирифтанд ва заминҳои деҳаҳои Шохмансур, Сариосиё, Алачабофан ва Заргарро бо об таъмин мекарданд. Заминҳои кишти ноҳияи Янгибозор аз ҳисоби дарёи Кофарниҳон обшор карда мешуд. Ин заминҳо аз дарёи мазкур дар масофаи 10 километр обёрӣ карда шуда буданд. Дар ҳудуди минтақаи Кӯлоб заҳбурҳои Даҳана ва Зиракӣ вуҷуд доштанд, ки аз дарёи Сурхоб сарчашма гирифта, заминҳои даҳҳо деҳаро бо об таъмин мекарданд. Дарозии ин каналҳо 10—15 километрро дар бар мегирифт .

Водии Вахш, хусусан Қурғонтеппа ва Қубодиён нисбат ба дигар минтақаҳо обёрӣ карда шуда буд, зеро шароити иқлими ин ҷойҳо барои зироаткории лалмӣ чандон мувофиқ нест. Аз ин рӯ, бештари заминҳои водии Вахш аз дарёи Вахш обёрӣ карда мешуданд. Масофаи каналлҳо зиёда аз даҳҳо километрро дар бар мегирифт. Дар бекигарии Қубодиён аз дарёи Кофарниҳон 13 адад каналу ҷӯйборҳо сохта шуда буданд, ки ҳар кадоми онҳо бо номи деҳаҳо зикр мешуд. Масалан, Чоркӯҳ, Хокаки Боло, Хокаки Поён, Чоршамбе ва ғайраҳо. Ҳамчунин, заминҳои деҳаи Бешкент аз ҳисоби чашмаи “Чилучорчашма” обёрӣ мегардид. Заминҳои ҳудуди Самарқанд, Бухоро, Катақурғон ва ғайраҳо аз дарёи Зарафшон обёрӣ мешуд.

Ахбори манобеи хаттӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар замони салтанати амирони манғитӣ дар баробари кишти ғаладонагиву зироткорӣ боғдорӣ низ вуҷуд дошт. Қисме аз деҳқонон ба боғдорӣ машғул шуда, ба ин восита зиндагии худро пеш мебурданд. Боғҳои ҳукуматӣ ва амирӣ низ вуҷуд доштанд, ки барои истироҳат ва истифодаи амирон қарор мегирифтанд. Ҳокимон ва ё бекҳо боғҳои хоси зудро доштанд. Ҳамчунин, бисёре аз боғҳои деҳқонон дар охири ҳукмронии сулолаи манғития зӯран харида ва ё мусодира мегаштанд. Ин ҳам дар ҳоле сурат мегирифт, ки агар боғи меҳнаткардаи деҳқон ба амир ва ё амалдорони ӯ писанд меомад.

Боғҳои ин давра ҳам дар заминҳои лалмӣ ва ҳам дар заминҳои обӣ бунёд мегардид. Боғҳои амирӣ ва ё ҳокимон асосан дар заминҳои обӣ ҷой доштанд. Дар боғҳои ин давра навъҳои гуногуни дарахтони себ, нок, зардолу, гелос, анор, анҷир, хурмо, тут, ангур ва ғайраҳо парвариш меёфтанд.

Ҳамин тариқ, дар асарҳои таърихии Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухороӣ, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Садриддин Айнӣ, Содиқхоҷаи Гулшанӣ ба ҳаёти кишоварзии аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII - ибтидои асри XX ба таври умумӣ ба ин масъала ишора кардаанд, ки дар маҷмуъ бо дигар маъхазҳо вазъик ишоварзӣ то андозае инъикоси

худро ёфтааст. Муаллифон бештар ба масоили сиёсӣ рӯ оварда, бо вуҷуди он аз маълумоти онҳо бармеояд, ки вазъи кишоварзии аморати Бухороро хеле хуб дарк мекарданд. Масоили мазкур дар асарҳои Н. Хаников ва Д. Логофет бештар маълумоти А. Дониш, Мушрифи Бухороӣ ва дигаронро тақвият мебахшидаанд.

**Адабиёт**


1. Айнӣ С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро/ С.Айнӣ. Куллиёт.-Ҷ.10.- Душанбе,- 1966.
2. Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасари аз таърихи салтанати хонадони манғития. Душанбе, 2010.
3. Бурнашев Т. Н. Путешествие от сибирской линии до города Бухары в 1749 г.и обратно в 1795 г./ Сибирскй вестник.-СПб, 1818.
4. Ғафуров Б. Тоҷикон. Душанбе. 2020
5. Ғафуров Б. Тоҷикон. Ҷ.2. Душанбе. 1985.
6. Логофет Д.И. Бухарское ханство и его современное состаяние. С.-Петербург, 1909.
7. Маджлисов А. Агарарные отнашения в восточной Бухаре в XIX –начале XX века. Душанбе –Алма-Ата, Ирфон, 1967.
8. Мушрифи Бухороӣ. Таърихи амирони манғити Бухоро. Ҷ. 4. Дастхати Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ, таҳти № 2354/4.-С.
9. Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ. Таърихи ҳумоюн. Душанбе, 2006.
10. Ханыков Н. Описание Бухарскаго ханствие. Санктпетербург, 1843.


## ТАДҚИҚОТҲОИ АРХЕОЛОГИИ ВАШГИРД

**Маҳмудов Абдулхайр Саидович** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони рӯдакӣ, 17. Телефон: 93.106.19.51

Дар мақола ёдгориҳои таърихии Вашгирд, аз он ҷумла димнаи Вашгирд, Қалъаи сангин, Қалъаи Фотимаи Зӯҳро, мақбараи Хоҷа Ҳотами Асам ва ғайраҳо мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Мавриди зикр аст, ки дар ин минтақаи таърихӣ аз соли 1964 то инҷониб 3 маротиба ҳафриётҳои археологӣ гузаронида шудааст, ки аз ҷониби муаллиф мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** Вашгирд, димна, ҳафриёт, бозёфт, қалъа, шаҳристон, работ, қабристон, мақбара.

## АРХЕОЛОГИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ВАШГИРДА

**Махмудов Абдулхайр Саидович** – Таджикский государственный финансого-экономический университет, ассистент кафедры гуманитарных наук. Адрес: 734025, республика Таджикистан, город Душанбе , проспект Рудаки, 17.Телефон: 93.106.19.51

В статье изучаются и анализируются исторические памятники Вашгирда, в том числе Вашгирд Димна, Каменная крепость, крепость Фатима Зухро, мавзолей Ходжи Хотама Асама и другие. Стоит отметить, что с 1964 года на этой исторической территории 3 раза проводились археологические раскопки, которой исследуется объясняеця автором.

**Ключевые слова:** Вашгирд, Димна, раскопки, находка, замок, уезд, раб, кладбище, мавзолей.

# ARCHAEOLOGICAL RESEARCH IN VASHGIRD

**Makhmudov Abdulkhair Saidovich** – Tajik State University of Finance and Economics, Assistant Professor, Department of Humanities. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17Tel: 93.106.19.51

The historical monuments of Vashgird, including the Vashgird Dimna, the Stone Fortress, the Fatima Zuhro Fortress, the mausoleum of Khoja Hotam Asam and act are studied and analyzed in the article. It is worth mentioning that since 1964, archeological excavations have been conducted 3 times in this historical area.

**Keywords:** Vashgird, Dimna, excavation, discovery, castle, county, rab, cemetery, mausoleum

Вашгирд яке аз қуҳантарин ва калонтарин шаҳрҳои Осиёи Марказӣ буда, дар таърихи фарҳанги миллати тоҷик саҳми арзанда дорад. Номи ин минтақа дар сарчашмаҳои хаттии таърихӣ ба монанди Авесто, "Шоҳнома"-и безаволи Фирдавсӣ, "Ҳудуд-ул-олам мина-л-мағриби ила-л-машриқ" ва ғайра бо номҳои Виса, Возҷур, Висагирд, Вашгирд, Вашҷирд, Вишгард зикр гардидааст. Роҷеъ ба маъно ва мафҳуми ном Девонақулов А. дар китобаш "Асрори номҳои кишвар" Вашгирдро ба калимаи Ваш нисбат дода, маънояшро хубу хушӣ ва некӯ медонад. Тавре ки дар "Бурҳони қотеъ" зикр гардидааст: "Ваш омадӣ, яъне хуш омадӣ" [3, с. 61]. Ишора бар ин мутаффакири тоҷик Ҳаким Саноӣ чунин гуфтааст:

Бод агар ваш омаду дилкаш,  
Бар ҳадс бигзарад, набошад ваш.

Академики Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор Юуфшоҳ Яъқубов маънои Вашгирдро "замини васеъ" шарҳ додааст, зеро ки дар замони кадим ҳудуди васеъро дар бар мегирифт. Шоир ва мутафаккири ноҳияи Файзобод Усмон Шарифзода мафҳуми Висгардро бо ду калимаи вис - ошиқ ва гард - шаҳр, яъне шаҳри ошиқ маънидод кардааст.

Вобаста ба шаҳри Вашгирд муаррихони тоҷику эрону араб, ба монанди Ибни Ҳавкал, Ибни Хурдодбеҳ, Абурайҳони Берунӣ, Яъқубӣ ва дигарон ки дар ҳудуди асрҳои 1Х-Х умр ба сар бурдаанд, дар асарҳояшон ёде аз Вашгирд намуданд. Аз он ҷумла Ибни ҳавкал зикр намудааст, ки "Аз Хутал ва Вахш, ки бигзарем навоҳии Вашҷирд, Қубодиён, Тирмиз ва Чағониён қарор дорад. Инҳо вилоятҳои ҷудогона ба аъмоли муҳим ва мардуми бисёр аз ҳавос ва авом аст.

Аз Чағониён ба ҷониби Вашгирд то Шумон ду манзил ва аз он ҷо то Андиён як рӯз ва аз он ҷо то Вашгирд як рӯз ва аз он ҷо то Илок як рӯз ва аз он ҷо то Дарбанд як рӯз ва аз он ҷо то Ховакон як рӯз ва аз он ҷо то қалъа, ки ҷузъи Рашт аст, ду манзил аст" [4, с. 6].

Дар асари ҷуғрофии муалифаш номаълум "Ҳудуд-ул-олам мина-л-мағриби ила-л-машриқ", ки ба асри X тааллуқ дорад, доир ба Вашгирд чунин маълумоти мухтасаре зикр гардидааст:

"Вашгирд шаҳрест устувор, андар миёни кӯҳ ва саҳро ниҳода бар ҳадди миёни Чағониён ва Хатлон. Ва андар вай доим бод ояд ва турбати Шамси Балхӣ инҷост. Ва аз вай заъфарон бисёр хезад" [7, с. 72-73].

Аз Шоҳнома бар меояд, ки Вашгирд яке аз вилоятҳои бонуфузи Турон, алалхусус, Бохтари шимолӣ мебошад. Муаррих - бостоншиноси тоҷик Давлатхоҷа Довудӣ низ баъди ҳафриёти шаҳри кадимаи Вашгирд қайд намудааст, ки дар асрҳои миёна дар Бохтари

Шимолӣ се вилояти бузургу бонуфуз: Хуталон, Чағониён ва Вашгирд вуҷуд дошт, ки дар даврони қадим аз ҳама бонуфузтарашон маҳз Вашгирд будааст.

Дар китоби "Тоҷикон"-и аллома Бобоҷон Ғафуров зикр гардидааст, ки шаҳри Вашгирд, ки миёни дарёҳои Кофарниҳону Вахш ҷой доштааст, баробари Чағониён, Аҳорун, Шумон, Кумод дар он замонҳо як ҳукумати ба сари худ мустақили сиёсиро ташкил мекардаст [2, с. 81].

Бори аввал муаррихи рус В. Ф. Минорский дар асоси маълумоти Истахрӣ дар ҳудуди ноҳияи Файзобод ҷойгир будани шаҳри Вашгирдро муайян кард, ки онро муаррихи дигари машҳури рус В. В. Бартолд ҷонибдорӣ намудааст.

Тибқи ривоятҳои Шоҳнома ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ қайд кардан ба маврид аст, ки Вашгирди қадим на танҳо ноҳияи имрӯзаи Файзобод, балки ноҳияҳои гирду атроф аз Кабудҷар то Душанбеву Ҳисор дохил мешуданд. Назарияе ҳаст, ки шояд вилояти Сурхандарё ва Тирмиз низ ба он дохил бошад, ё аз лиҳози сиёсӣ тобеи шоҳони Вашгирд гардида бошанд.

Ҳафриёти шаҳраки Вашгирд аз соли 1964 оғоз гардида, аввалин маротиба ёдгории кадимтарини ин минтақаро бостоншиноси машҳури рус Беленитский А. М. ошкор намуд, ки он харобаҳои шаҳри кадимаи Вашгирд буд. Ин шаҳр 1,5 км ҷанубтар аз маркази имрӯзаи ноҳияи Файзобод ҷойгир мебошаад. Аз рӯйи ҳафриёти бостоншинос Беленитский муйаян гардид, ки шаҳр аз се қисм: қалъ, шаҳристон ва работ иборат буда, дар маҷмуъ масоҳати он 80 гектаро дар бар мегирад. Дар шаҳр ду қалъа мавҷуд буд, ки мардуми маҳҳалӣ якеро Қалъаи Сангин ва дигареро Қалъаи Фотимаи Зӯҳро ном мебурданд.

Қалъаи Сангин шакли росткунҷаро дошта, ҳаҷми он 88 х 69 м ва баландиаш 12-14 м мебошад. Шаҳристони қалъа дар тарафи шимол ва шарқи он ҷой дошта, тақрибан 13-15 гектар заминро дарбар мегирифт. Шаҳристон аз як дарвозаи калон ва чор дарвозаи хурд иборат буд ва ҳам қалъа ва ҳам шаҳристон девори муҳофизатӣ доштааст.

Қалъаи дуюм 400 м дуртар аз Қалъаи Сангин мебошад, ки мардуми маҳаллӣ онро Қалъаи Фотимаи Зӯҳро медонанд. Беленитский номи қалъаро ба ситораи зӯҳро ва оинҳои ситорапарастӣ алоқаманд медонанд. Дар болои қалъа мақбараи Хоҷа Ҳотами Асам мавҷуд мебошад. Ин ёдгорӣ нахустин маротиба соли 1946 аз ҷониби бостоншинос Беленитский А. М. аз назар гузаронида, дар бораи шахсияти ин суфӣ маълумот додааст.

Сипас, аз ҷониби бостоншиноси тоҷик Яъқубов Ю. соли 1982 ҳафриёт гузаронида, муайян намуд, ки қалъа аз ду ҳуҷра – зиёратхона ва гурхона иборат буда, он дар ҳолати вайрона қарор доштааст ва аз таги мақбара гурҳои зиёд ру ба ру мавҷуданд. Инчунин , якчанд сафолпораҳои дигаро низ дарёфт намуд, ки онҳоро ба замони муғулҳо ва ё баъдтар аз онҳо нисбат додааст. Баъд аз ҳафриёти қалъа бо пешниҳоди Яъқубов Ю. дар давоми солҳои 1986 – 1999 мақбара аз сари нав барқарор гардида, он мавриди зиёрати мардум қарор гирифта буд.

Соли 2004 бо ташаббуси собиқ раиси ноҳияи Файзобод Абдуқодир Давлатов ва бо маблағгузории ҳукумати ноҳия муаррихи тоҷик, корманди Пажуҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатхоҷа Довудӣ аз 16 август то 15 сентябри соли 2004 дар 9 мавзеи димнаи Вашгирд кофтукови бостоншиносӣ гузаронид. Аз он ҷумла 4 ҳафриёт дар Қалъаи сангин (№1,2,4,5), як ҳафриёт (№3) дар шаҳристон, як ҳафриёт (№8) дар Қалъаи Фотимаи Зӯҳро, як ҳафриёт (№8) дар теппае, ки ба қавли сокинони маҳаллӣ қабри Хоҷа Баҳлули Валӣ дар он ҷойгир аст, як

ҳафриёт (№9) дар канори деҳаи Сари Мазор дар ҳавлии Обидов Абдусалом ва як ҳафриёт (№7) дар хумдони хиштпазӣ, ки дар лаби сой тақрибан 1,5-2км дуртар аз Қалъаи Фотимаи Зӯҳро дар самти шарқ ҷойгир аст, гузаронида шуд. ҳаҷми умумии ҳафриёт 36,5м х 25 м мебошад [4, с. 24].

Дар натиҷаи ҳафриёт пораҳои зарфҳои шишагин, нимкосаи гулдор, косаи катибадор, чароғ, кӯза, лаълии сирдор, дегҳои сафолин, асбобҳои фулузиву биринҷӣ, сиккаҳои нуқрагини давраи Юнону Бохтарӣ ва қубурҳои обгузариро пайдо карданд.

Хулоса, ин бозёфтҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки Вашгирд дар ибтидо яке аз шаҳрҳои бузурги Бохтари шимолӣ ба ҳисоб рафта, ҳунармандӣ, кандакорӣ, косибӣ, кишоварзӣ, меъморӣ ва ғайра рушду нумуъ кардааст. Ин ҳафриётҳо бори дигар собит месозад, ки тоҷикон аз қадим соҳиби чунин як фарҳангу тамаддун буда, дар тамоми давру замон онро ташаккул медиҳанд. Ҳамчунин аз таърихи куҳан доштани миллати тоҷик шаҳодат медиҳад.

**Адабиёт**


1. Авесто. - Душанбе, 2001, 617 с.
2. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Китоби 1, 2. - Душанбе, 2020.
3. Девонақулов А. Асрори номҳои кишвар. – Душанбе, “Ирфон”, 1989, 224 с.
4. Довудӣ Д., Қурбонзода Ф. Вашгирд ёдгории бостон. - Душанбе, 2005,
5. Ёров А. Файзобод (дирӯз ва имрӯз). - Орҷонкидзеобод, 1991, 17 с.
6. Улуғзода С. Фирдавсӣ. - Душанбе, “Адиб”, 1988, 272 с.
7. Ҳудуд-ул-олам. Душанбе, “Адиб”, 2008, 212 с.
8. Яъқубов Ю. Тоҷикшинос. - Душанбе, “Ирфон”, 1999, 112 с.


## К ВОПРОСУ О ПРОТИВОДЕЙСТВИИ ФИНАНСИРОВАНИЮ ТЕРРОРИЗМА И УГОЛОВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА НЕГО

**Негматова Нигора Абдуллоевна** – ассистент кафедры гуманитарных дисциплин Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64\14. Тел.:900-94-30-34. E-mail: nigorafayzulloeva@gmail.com

В данной научной статье автор рассматривает вопросы о противодействии финансированию терроризма и уголовной ответственности за него по уголовному законодательству РТ. Автор рассмотрел взаимодействие Республики Таджикистан с международными организациями для борьбы с финансированием терроризма. Также в статье рассматриваются методы повышения эффективности противодействия финансированию терроризма в Таджикистане.

**Ключевые слова:** финансирование терроризма, уголовное законодательство, конвенции, резолюции, закон, кодекс, борьба, угроза.

## TO THE QUESTION OF COUNTERING THE FINANCING OF TERRORISM AND CRIMINAL LIABILITY FOR IT

**Negmatova Nigora Abdulloevna** - Assistant of the Department of Humanities of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64\14. Tel.: 900-94-30-34. E-mail: nigorafayzulloeva@gmail.com

In this scientific article, the author examines the issues of countering the financing of terrorism and criminal liability for it under the criminal legislation of the Republic of Tajikistan. The author examined the interaction of the Republic of Tajikistan with international organizations to combat the financing of terrorism. The article also examines methods for increasing the effectiveness of countering the financing of terrorism in Tajikistan.

**Keywords:** financing of terrorism, criminal legislation, conventions, resolutions, law, code, fight, threat.

## ОИД БА МАСЪАЛАИ МУБОРИЗАИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ТЕРРОРИЗМ ВА ҶАВОБГИРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ОН

**Негматова Нигора Абдуллоевна** — ассистенти кафедраи илмҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Наҳимов, 64\14. Тел.: 900-94-30-34. Почтаи электронӣ: nigorafayzulloeva@gmail.com

Дар ин мақолаи илмӣ муаллиф масъалаҳои муқовимат ба маблағгузории терроризм ва ҷавобгарии ҷиноӣ барои он тибқи қонунгузории ҷиноии Ҷумҳурии Тотористонро баррасӣ мекунад. Муаллиф ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ дар самти мубориза бо маблағгузории терроризмро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар мақола инчунин усулҳои баланд бардоштани самаранокии мубориза бо маблағгузории терроризм дар Тоҷикистон баррасӣ шудааст.

**Калидвожаҳо:** маблағгузории терроризм, қонунгузории ҷиноӣ, конвенсияҳо, қарорҳо, қонун, кодекс, мубориза, таҳдид.

Терроризм стал сегодня опаснейшим глобальным явлением, дестабилизирующим безопасность многих стран и целых регионов, препятствующим нормальному развитию международных отношений. В условиях нарастающей глобализации все более проявляется транснациональный характер деятельности террористов: растет уровень финансовых возможностей и технической оснащенности террористических группировок, стираются границы между государствами для финансовых и информационных потоков и для миграции населения.

Финансирование терроризма представляет серьезную угрозу национальной и международной безопасности. Террористические организации используют финансовые ресурсы для вербовки новых членов, закупки вооружения, проведения атак и распространения своей идеологии. В связи с этим государства стараются предпринимать активные меры по предотвращению финансирования терроризма, включая ужесточение уголовной ответственности.

В Республике Таджикистан борьба с этим преступлением ведется на законодательном уровне, включая нормы Уголовного кодекса (УК РТ) и специальные законы о противодействии финансированию терроризма. Однако, несмотря на существующие меры, в этой сфере сохраняются проблемы, требующие дальнейшего анализа и совершенствования законодательства. Законодательство Республики Таджикистан в области борьбы с финансированием терроризма формировалось под влиянием международных тенденций. В 1998 году был принят Уголовный кодекс РТ,

содержащий статьи, касающиеся терроризма. После терактов 11 сентября 2001 года в США и активизации террористической деятельности в Центральной Азии Таджикистан внес изменения в уголовное законодательство, усилив наказания за финансирование терроризма.

В 2011 году был принят Закон "О противодействии легализации доходов, полученных преступным путем, финансированию терроризма и распространению оружия массового поражения", приведенный в соответствие с международными стандартами FATF.

Уголовная ответственность за финансирование терроризма в Таджикистане предусмотрено в статье 179 УК РТ, финансирование терроризма включает в себя:
- Предоставление финансовых средств, материальных ценностей или других ресурсов для совершения террористических актов.
- Сбор и передача средств лицам или организациям, причастным к терроризму.
- Финансовую поддержку структур, способствующих террористической деятельности.

Наказание за такие преступления варьируется от длительных сроков лишения свободы до пожизненного заключения. В особо тяжких случаях возможно применение исключительной меры наказания – смертной казни.

Несмотря на наличие строгого законодательства, его реализация сталкивается с рядом сложностей:

- Сложность доказывания вины. Определение умысла в случаях финансирования терроризма требует тщательного анализа финансовых потоков.

- Анонимность транзакций. Террористические группы используют крипто валюты и нелегальные схемы денежных переводов.

- Риск злоупотреблений. В отдельных случаях законы о противодействии терроризму могут использоваться для преследования лиц без достаточных доказательств.

Финансирование терроризма эволюционирует, адаптируясь к новым условиям. Среди актуальных проблем можно выделить:

- Использование крипто валют. Транзакции в Bitcoin и других цифровых валютах могут быть труднодоступны для контроля.

- Легализация средств через благотворительные фонды. Террористические организации маскируются под гуманитарные НКО.

- Нелегальные финансовые системы. Например, система "хавала", действующая на доверии и избегая банковских проверок.

Республика Таджикистан активно взаимодействует с международными организациями для борьбы с финансированием терроризма:

- ООН (выполнение резолюций Совбеза о заморозке активов террористов).

- FATF и Евразийская группа по противодействию отмыванию денег (ЕАГ).

- СНГ, ОДКБ, ШОС – региональные инициативы по обмену данными и совместным расследованиям.

В последние годы таджикские суды рассматривают дела, связанные с финансированием терроризма. В качестве примера можно привести:

- Арест лиц, подозреваемых в переводе средств международным террористическим организациям.

- Выявление фиктивных благотворительных организаций, финансировавших радикальные группы.

Для повышения эффективности противодействия финансированию терроризма в Таджикистане необходимо:

1. Усилить контроль за крипто валютными операциями, внедряя механизмы их мониторинга.

2. Разработать механизмы защиты от необоснованных обвинений, предотвращая злоупотребления законом.

3. Расширить международное сотрудничество, включая взаимодействие с банковским сектором для выявления подозрительных транзакций.

4. Повысить квалификацию сотрудников правоохранительных органов, обучая их современным методам расследования финансовых преступлений.

Финансирование терроризма остается одной из ключевых угроз безопасности, требующей комплексного подхода.

В Таджикистане действуют строгие законы, однако их реализация сталкивается с вызовами, связанными с новыми финансовыми технологиями и скрытыми денежными потоками.

Эффективная борьба с этим преступлением возможна только при сочетании законодательных мер, международного сотрудничества и внедрения современных технологий финансового мониторинга.

**Литература**


1. Актуальные проблемы борьбы с преступностью в международном уголовном праве. Коллективная монография / Под. ред. д.ю.н., проф. Раджабова С.А. – Душанбе: Дониш, 2017. Стр. 62.
2. Декларация о мерах по ликвидации международного терроризма. Принята резолюцией 49/60 Генеральной Ассамблеи от 9 декабря 1994 года.https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/terrdec1.shtml (дата обращения 2.3.2025 г.)
3. Дипломатия Таджикистана. УИ МИД. 2006. № 17.
4. Договор о нераспространении ядерного оружия. Одобрен резолюцией 2373 (XXII) Генеральной Ассамблеи от 12 июня 1968 года. https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/npt.shtml
5. Договору о всеобъемлющем запрещений ядерных испытаний. Договор принят 50-й сессией Генеральной Ассамблеи ООН 10 сентября 1996 г. https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=1803
6. Документ ООН. A/44/456. - С. 9.
7. Закон Республики Таджикистан «О противодействии легализации (отмыванию) доходов, полученных преступным путем, финансированию терроризма и финансированию распространения оружия массового поражения» от 15 марта 2023 года №195 https://nbt.tj/ru/financial_monitoring/laws.php (дата обращения 3.03.2025 г.)
8. Кикоть В.Я. Терроризм. Борьба проблемы и противодействия. М.; 2004. -С.7.
9. Конвенция о запрещении разработки, производства и накопления запасов бактериологического (биологического) и токсинного оружия и об их уничтожении. Одобрена резолюцией 2826 (XXVI) Генеральной Ассамблеи от 16 декабря 1971 года. https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/bacweap.shtml

10. Международной конвенции о борьбе с финансированием терроризма Принята резолюцией 54/109 Генеральной Ассамблеи ООН от 9 декабря 1999 года.https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/terfin.shtml (дата обращения 1.3.2025 г.)

11. Проблемные вопросы правоприменительной практики в сфере противодействия легализации преступного дохода: сб. материалов семинара (Москва, 4 октября 2018 г.) / ред. коллегия Р.В. Жубрин, К.А. Комогорцева; Ун-т прокуратуры Рос. Федерации. – М., 2019. – С.17.

12. Резолюция 1373 (2001), принятая Советом Безопасности ООН на его 4385-м заседании 28 сентября 2001 года. https://www.unodc.org/pdf/crime/terrorism/res_1373_russian.pdf (дата обращения 2.3.2025 г.)

13. Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 1998 г. (с дополнениями и изменениями от 20.06.2024 №2050) https://nbt.tj/upload/iblock/5cd/2sdw8dtpcyx6qjr7j5fmysrt0dhestrn/8.%20%D0%A3%D0%93%D0%9E%D0%9B%D0%9E%D0%92%D0%9D%D0%AB%D0%99%20%D0%9A%D0%9E%D0%94%D0%95%D0%9A%D0%A1.pdf (дата обращения 3.03.2025 г.)

14. Устинов В. Конвенция о борьбе с финансированием терроризма // Российская юстиция. 2002. №3.-С.8.

## ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ХАТАРИ ОН БА ҶОМЕАИ МУТАМАДДИН

**Ҷангиев Ҷаъмахон Ёрихонович** - ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: +992-907080812

Терроризми байналмилалӣ яке аз хатарҳои ҷиддии ҷаҳони муосир ба шумор меравад, ки на танҳо амнияти шахсӣ, балки суботи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳоро таҳдид мекунад. Дар ин мақола сабабҳои асосии густариши терроризм, аз ҷумла ифротгароӣ, нобаробарии иқтисодӣ, таъсири интернет ва дахолатҳои сиёсӣ баррасӣ гардидаанд. Ҳамчунин, оқибатҳои он ба амният, иқтисод ва муносибатҳои байниқавмӣ таҳлил шудаанд. Муаллиф роҳҳои мубориза бо терроризмро тавассути ҳамкории байналмилалӣ, назорати сарҳадҳо, баланд бардоштани маърифати идеологӣ ва паст кардани сатҳи бекорӣ пешниҳод мекунад.

**Калидвожаҳо.** Терроризми байналмилалӣ, амнияти ҷаҳонӣ, ифротгароӣ, ҳамлаҳои террористӣ, иқтисодиёт, сиёсати ҷаҳонӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, идеология, ҳамкории байналмилалӣ, пешгирии терроризм.

## МЕЖДУНАРОДНЫХ ТЕРРОРИЗМ И ЕГО УГРОЗА ЦИВИЛИЗОВАННОМУ ОБЩЕСТВУ

**Джангиев Джаамахон Ёрихонович** - ассистент кафедры гуманитарных дисциплин Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14 Тел.: +992-907080812

Международный терроризм является одной из серьезных угроз современного мира, угрожающей не только личной безопасности, но и политической, экономической и социальной стабильности государств. В данной статье рассматриваются основные причины распространения терроризма, включая радикализацию, экономическое неравенство, влияние интернета и политические вмешательства. Также анализируются его последствия

для безопасности, экономики и межэтнических отношений. Автор предлагает пути борьбы с терроризмом через международное сотрудничество, пограничный контроль, повышение идеологической осведомленности и снижение уровня безработицы.

**Ключевые слова.** Международный терроризм, глобальная безопасность, радикализация, теракты, экономика, мировая политика, социальные сети, идеология, международное сотрудничество, предотвращение терроризма.

## INTERNATIONAL TERRORISM AND ITS THREAT TO CIVILIZED SOCIETY

**Dzhangiev Dzhaamakhon Yorikhonovich** - Assistant of the Department of Humanitarian Disciplines at the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14 Phone: +992-907080812

International terrorism is one of the most serious threats in the modern world, endangering not only personal security but also the political, economic, and social stability of states. This article examines the main causes of terrorism expansion, including radicalization, economic inequality, the influence of the internet, and political interventions. It also analyzes its consequences for security, the economy, and interethnic relations. The author suggests ways to combat terrorism through international cooperation, border control, increasing ideological awareness, and reducing unemployment rates.

**Keywords.** International terrorism, global security, radicalization, terrorist attacks, economy, global politics, social networks, ideology, international cooperation, terrorism prevention.

Дар ҷаҳони муосир, терроризми байналмилалӣ яке аз мушкилоти муҳими амниятӣ ба ҳисоб меравад. Ин падида натанҳо ба ҳаёти шаҳрвандони бегуноҳ, балки боиси ноормии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатҳо низ мегардад. Ҳамлаҳои террористӣ, ки дар нуқтаҳои мухталифи ҷаҳон сурат мегиранд, сабаби пайдо шудани тарсу ваҳшат, афзоиши ихтилофоти мазҳабӣ, қавмӣ ва заиф гаштани эътимоди мардум ба ҷомеа ва давлат мегардад.

Бо пешрафти технология ва васеъ шудани шабакаҳои иҷтимоӣ, терроризми байналмилалӣ шаклҳои мураккабтар ва таъсиргузортарро касб намудааст. Имрӯз гурӯҳҳои террористӣ бо истифода аз интернет барои таблиғ, ҷалби аъзо ва ҳамоҳангсозии ҳамлаҳо фаъолият мекунанд. Ин боис мегардад, ки мубориза бо терроризм душвортар ва самти фаъолиятҳои зиддитеррористӣ мураккабтар гардад.

Терроризми байналмилалӣ ҳамчун амале муайян мешавад, ки гурӯҳҳои ифротӣ бо истифода аз зӯроварӣ, таҳдид ва ҳамлаҳои низомӣ манфиатҳои сиёсӣ, идеологӣ ё мазҳабии худро ба ҷомеа таҳмил менамоянд. Онҳо бештар бо тарсонидани аҳолӣ, ҳуҷум ба объектҳои стратегии давлатҳо ва истифодаи роҳҳои ғайриқонунӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ машғуланд.

**Терроризм метавонад дар шаклҳои гуногун зоҳир шавад, аз ҷумла:**

**-Ҳамлаҳои террористии инфиродӣ** – Фарде, ки бо таъсири ақидаҳои ифротӣ ба зӯроварӣ даст мезанад (масалан, ҳамла бо корд ё аслиҳа).

**-Гурӯҳҳои террористии байналмилалӣ** – Созмонҳое, ки дар чандин кишвар фаъолият дошта, бо ҳамлаҳои оммавӣ ва стратегӣ машғуланд (масалан, "Ал-Қоида", "Давлати исломӣ" ва ғайра).

**-Терроризми кибернетикӣ** – Ҳамлаҳо ба сохторҳои электронӣ, компютерӣ ва шабакаҳои давлатии кишварҳо бо мақсади таҳдиди амният ва фалаҷ намудани низомҳои идорӣ.

Терроризми байналмилалӣ бесабаб пайдо намешавад, балки як қатор омилҳо заминаи рушди онро фароҳам месозанд. Аз ҷумла:

**Идеология ва ифротгароӣ.** Бисёре аз гурӯҳҳои террористӣ аз дин, қавмият ё идеологияҳои сиёсии худ барои сафед кардани ҷиноятҳояшон истифода мебаранд. Онҳо ақидаҳои ифротиро тарғиб намуда, ҷонибдорони нав ҷалб мекунанд. Ифротгароӣ асосан аз нофаҳмии арзишҳои диниву фарҳангӣ сарчашма мегирад, ки ҷавонон ва шахсони ноогоҳро ба доми худ мекашад.

**Фақр ва бекорӣ.** Дар бисёре аз кишварҳои рӯ ба рушд, сатҳи баланди бекорӣ ва нобаробарии иқтисодӣ боиси он мегардад, ки ҷавонон ба гурӯҳҳои террористӣ ҳамроҳ шаванд. Ба онҳо ваъда медиҳанд, ки дар иваз ба ҷангидан ва иштирок дар амалиётҳои террористӣ пул ва зиндагии беҳтар хоҳанд гирифт.

**Норозигӣ аз сиёсатҳои ҷаҳонӣ.** Сиёсатҳои нобаробари баъзе давлатҳои абарқудрат метавонад сабаби афзоиши радикализм ва ғазаби мардум гардад. Масалан, дахолати низомии баъзе кишварҳо ба умури дохилии дигар давлатҳо метавонад эҳсоси адоватро бедор намуда, ҷавононро ба роҳи ифротгароӣ барад.

**Пешрафти технология ва интернет.** Имрӯз интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои гурӯҳҳои террористӣ як воситаи муҳими таблиғ ва ҷалби аъзо гардидааст. Онҳо аз платформаҳои интернетӣ барои пахн кардани идеологияи худ, тамрин додани террористони эҳтимолӣ ва ҳатто ба роҳ мондани ҳамлаҳо истифода мебаранд.

Терроризми байналмилалӣ ба ҷомеа ва давлатҳо зарари ҷиддӣ мерасонад. Аз ҷумла:

**Таҳдид ба амнияти инсонҳо.** Ҳамлаҳои террористӣ дар маконҳои ҷамъиятӣ, ба монанди бозорҳо, истгоҳҳо, мактабҳо ва фурудгоҳҳо амният ва оромии мардумро халалдор мекунанд. Ҳазорон нафар ҳамасола дар натиҷаи ин ҳамлаҳо ҷони худро аз даст медиҳанд.

**Афзоиши тарсу ваҳшат ва ноорамӣ.** Яке аз ҳадафҳои асосии террористон паҳн кардани тарс ва бехатарии равонӣ дар ҷомеа мебошад. Ин метавонад ба коҳиши фаъолияти иқтисодӣ, муҳоҷирати оммавӣ ва ноустувории иҷтимоӣ оварда расонад.

**Таназзули иқтисодӣ.** Кишварҳое, ки бо терроризм рӯ ба рӯ мешаванд, аз ҷиҳати иқтисодӣ низ зарар мебинанд. Ҳамлаҳои террористӣ ба соҳаҳои сайёҳӣ, сармоягузорӣ ва савдо таъсири манфӣ мерасонанд, зеро ширкатҳои хориҷӣ барои сармоягузорӣ ва тиҷорат дар минтақаҳои ноором омода нестанд.

**Бадбинии байни миллатҳо ва мазҳабҳо.** Баъзе ҳамлаҳои террористӣ боиси афзоиши ихтилофоти қавмӣ ва мазҳабӣ мешаванд. Масалан, баъд аз ҳамлаҳои террористӣ, дар баъзе кишварҳо нисбати муҳоҷирон ва пайравони динҳои гуногун муносибати манфӣ пайдо мешавад.

Барои коҳиш додани хатари терроризм, давлатҳо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд як қатор чораҳоро андешанд:

**Тақвияти ҳамкории байналмилалӣ.** Давлатҳо бояд барои мубодилаи маълумот, ошкор кардани шабакаҳои террористӣ ва пешгирии ҳамлаҳои эҳтимолӣ дар ҳамбастагӣ фаъолият намоянд.

**Мустаҳкам намудани назорати сарҳадҳо.** Мутобиқсозии низоми муҳоҷират, назорати шадиди гузаргоҳҳои марзӣ ва ошкор кардани қонуншиканиҳои марбут ба қочоқи аслиҳа метавонад хатари терроризмро коҳиш диҳад.

**Баланд бардоштани маърифати идеологӣ ва динӣ.**

Тарғиби фаҳмиши дурусти арзишҳои динӣ ва сиёсӣ метавонад ҷилави ҷалби ҷавононро ба гурӯҳҳои ифротӣ бигирад.

**Паст кардани сатҳи фақр ва бекорӣ.** Таъмини ҷойҳои корӣ ва таҳкими иқтисодиёт сабаби коҳиш ёфтани шумораи онҳое мегардад, ки ба гурӯҳҳои террористӣ ҳамроҳ мешаванд.

Хулоса терроризми байналмилалӣ ҳамчун таҳдиди ҷиддӣ барои амнияти ҷаҳонӣ боқӣ мондааст. Барои мубориза бо он, ҳамкории кишварҳо, мубориза бо ифротгароӣ ва беҳбуди шароити зиндагӣ муҳим мебошад. Танҳо бо роҳи тарғиби сулҳ, таҳкими амният ва дастгирии маърифати ҷомеа метавон ин хатари ҷиддиро бартараф намуд.

**Адабиёт**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» аз 16.11.1999 [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/system/files/Legislation/846_tj.pdf (санаи муроҷиат: 2.04.2025)

2. Международная конвенция о борьбе с захватом заложников [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_ conv/conventions/hostages.shtml (санаи муроҷиат: 03.04.2025)

3. Международная конвенция о борьбе с финансированием терроризма[Манбаи электронӣ]. URL: https://www.un.org/ru/documents/decl _conv/conventions/terfin.shtml (санаи муроҷиат: 03.04.2025)

4. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат бо экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 // Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.11.2016, №776 тасдиқ гардидааст.

5. Дзлиев, М.И. Современный терроризм: социально-политический облик противника [Текст] / М.И. Дзлиев, Э.С. Иззатдуст, М.П. Киреев / Под общ. ред. Гордиенко В.В. – М.: Академия, 2007. – 672 с.

## МАФҲУМИ ОИЛА ВА ХУСУСЯТҲОИ ОН ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

**Фозилзода Орифҷон Махсум** - ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Нахимов 64/14. E-mail: orifjon_98@mail.ru; Тел: +992900767635.

Оила институти иҷтимоиест, ки аъзоёни он дар асоси никоҳ ва муносибатҳои хешутаборӣ ва авлодӣ бо ҳам муттаҳид шудаанд. Дар моддаи якуми Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 13 ноябри соли 1998) дар бораи оила чунин омадааст: қонуни оила ба зарурати таҳкими оила, ба бунёди муносибатҳои оилавӣ дар заминаи муҳаббату эҳтироми якдигар, кӯмаки мутақобила ва масъулияти ҳамаи аъзои оила дар назди оила, раво набудани дахолати беасоси ҳар шахс ба корҳои оила, татбиқи бемонеаи ҳуқуқ ва иҷрои ӯҳдадориҳои худ аз ҷониби аъзои оила ва имконияти ҳимояи судии онҳо асос меёбад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2014) соли 2015 «Соли оила» эълон гардидааст. Оила мактаби аввалинест, ки инсон дар он тарбият мегирад, донишу малакаи рӯзгордориро аз худ мекунад, ҳамзистӣ бо атрофиёнро меомӯзад, ҳамунин фарзандон, ки ҳамарӯза аз ин дабистон, ки омузгоронаш падару модар мебошад таълим мегиранд. Таъсири оила ба инкишофи минбаъдаи шахсият ҳиссагузор мебошад.

**Калидвожа:** ҷомеа, оила, паём, инкишоф, ҳуқуқ, модар, кудак.

## ПОНЯТИЕ СЕМЬИ И ЕЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ

**Фозилзода Орифжан Махсум** - ассистент кафедры гуманитарных наук Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Нахимова 64/14. Электронная почта: orifjon_98@mail.ru; Телефон: +992900767635.

Семья – социальный институт, члены которого объединены на основе брака и отношений родства и происхождения. Первая статья Семейного кодекса Республики Таджикистан (от 13 ноября 1998 года) гласит о семье следующее: Семейное право основано

на необходимости укрепления семьи, построения семейных отношений на основе взаимной любви и уважения, взаимопомощи и ответственности всех членов семьи перед семьей, недопустимости необоснованного вмешательства кого-либо в семейные дела, беспрепятственного осуществления прав и выполнения членами семьи своих обязанностей, возможности их правовой защиты. В Послании Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Верховному Собранию Республики Таджикистан (2014 г.) 2015 год объявлен «Годом семьи». Семья – это первая школа, где человек воспитывается, приобретает знания и навыки жизнедеятельности, учится жить вместе с другими. те же самые дети, которые каждый день учатся в этой начальной школе, учителями которой являются родители. Влияние семьи способствует дальнейшему развитию личности.

**Ключевое слово:** общество, семья, послание, развитие, права, мать, ребенок.

## THE CONCEPT OF FAMILY AND ITS CHARACTERISTICS IN MODERN SOCIETY

**Fozilzoda Orifjan Makhsum** - assistant of the Department of Humanities of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Avenue 64/14. E-mail: orifjon_98@mail.ru; Phone: +992900767635.

Family is a social institution, the members of which are united on the basis of marriage and relations of kinship and origin. The first article of the Family Code of the Republic of Tajikistan (dated November 13, 1998) states the following about the family: Family law is based on the need to strengthen the family, build family relationships based on mutual love and respect, mutual assistance and responsibility of all family members to the family, the inadmissibility of unjustified interference by anyone in family affairs, the unhindered exercise of rights and the fulfillment of family members' duties, and the possibility of their legal protection. In the Address of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan (2014), 2015 was declared the "Year of the Family". The family is the first school where a person is brought up, acquires knowledge and life skills, and learns to live together with others. the same children who study every day in this primary school, where the teachers are their parents. The influence of the family contributes to the further development of the personality.

**Key word:** society, family, message, development, rights, mother, child

Оила институти иҷтимоиест, ки аъзоёни он дар асоси никоҳ ва муносибатҳои хешутаборӣ ва авлодӣ бо ҳам муттаҳид шудаанд. Дар моддаи якуми Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 13 ноябри соли 1998) дар бораи оила чунин омадааст: қонуни оила ба зарурати таҳкими оила, ба бунёди муносибатҳои оилавӣ дар заминаи муҳаббату эҳтироми якдигар, кӯмаки мутақобила ва масъулияти ҳамаи аъзои оила дар назди оила, раво набудани дахолати беасоси ҳар шахс ба корҳои оила, татбиқи бемонеаи ҳуқуқ ва иҷрои ӯҳдадориҳои худ аз ҷониби аъзои оила ва имконияти ҳимояи судии онҳо асос меёбад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2014) соли 2015 «Соли оила» эълон гардидааст. Оила мактаби аввалинест, ки инсон дар он тарбият мегирад, донишу малакаи рӯзгордориро аз худ мекунад, ҳамзистӣ бо атрофиёнро меомӯзад, ҳамунин фарзандон, ки ҳамарӯза аз ин дабистон, ки омузгоронаш падару модар мебошад таълим мегиранд. Таъсири оила ба инкишофи минбаъдаи шахсият ҳиссагузор мебошад.

Дар улуми ҷомеашиносӣ, аз ҷумла сотсиология оила яке аз панҷ институти фундаметалии иҷтимоии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Маҳз оила оромии ҷомеаро таъмин намуда, имконят дорад, ки худистеҳсолкунии инсониятро таъмин ва аз насл ба насл афзоиш диҳад. Оила шакли ҳамзистии одамон дар доираи маҷмӯи меъёрҳои иҷтимоӣ, санксияҳо ва намунаи қоидаи рафтор мебошад, ки муносибатҳои байни ҳамсар, волидайн фарзандон ва дигар хешовандони онҳоро ба танзим медароранд. Аъзоёни оила тавассути никоҳ, муносибатҳои хешутаборӣ ё фарзандон ба ҳам муттаҳид шуда муштаракона зиндагӣ карда, кору фаъолият мекунанд ва ба фарзандон ғамхорӣ менамоянд. Оила чун иттифоқи зану мард дар асоси меҳру муҳаббат, дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмиӣ ташкил ёфтааст. Оила ячейкаи аввалини ҷомеа, хишти нахустини биноӣ ҷомеа аст, ки такрористеҳсолкунии ҳаётро таъмин намуда, ҳамаи аъзоёни он дар бурду бохти он масъуланд. Оиларо ҳамчун институти иҷтимоӣ аз оила ҳамчун гуруҳи аввалиндараҷа бояд фарқ намуд. Гуруҳ аз одамони мушаххасе иборат аст, ки нақши муайянро вобаста ба муносибатҳои шахсӣ иҷро мекунанд. Оиларо намояндагони  ду насл ташкил медиҳанд. Дар оила мавқеи муайяни падару модар, фарзандон ва хешу табор муайян шудааст. Пас, оила ин шакли умумияти одамон аст, ки муносибатҳои зану шавҳарӣ ва хешутабориро дар бар мегирад.

Оила – шакли ҳамзистии одамон дар доираи маҷмӯи меъёҳои иҷтимоӣ, санксияҳо ва намунаи қоидаи рафтор мебошад, ки муносибатҳои байни ҳамсар, волидайн фарзандон ва дигар хешовандони онҳоро ба танзим медарорад. Аъзоёни оила тавассути никоҳ, муносибатҳои хешутаборӣ ё фарзандон ба ҳам муттаҳид шуда муштаракона зиндагӣ карда, кору фаъолият мекунанд ва ба фарзандон ғамхорӣ менамоянд. Оила чун иттифоқи зану мард дар асоси муҳаббат, дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ ташкил ёфтааст. Оила ячейкаи аввалини ҷомеа, хишти нахустини биноӣ ҷомеа аст, ки такрористеҳсолкунии ҳаетро таъмин намуда ҳамаи аъзоени он дар бурду бохти он масъуланд.

Бисёре аз ҷомеашиносон ба ин андешаанд, ки тули 40 соли охир институти оила дар давлатҳои мутараққӣ ба буҳрони шадид гирифтор шудааст. Шумораи ҷавононе, ки дер ба муносибатҳои никоҳӣ ворид мешаванд ё умаман оиладор намегарданд, ботадриҷ зиёд мегарданд. Аммо нисбати солҳои қабли оилаҳое, ки дар асоси меҳру муҳаббат созмон меёбанд (на дар асоси манфиату ғаразҳо) хеле афзуда истодаанд. Баъзе аз сотсиологҳои асри гузашта бонги хатар заданд, ки институти оила ботадриҷ аз байн рафта истодааст ва пурра аз байнравии он имкон дорад. Аммо чи хеле, ки имрӯз мебинем оила то ҳол ҳастии хешро ҳифз менамояд, ҳатто вобаста ба омилҳои навини иҷтимоӣ рӯ ба инкишоф меорад.

Асосгузори илми сотсиология О. Конт оиларо аз нуқтаи назри статикаи иҷтимоӣ ҳамчун зухуроти универсалии умумиинсонӣ дида баромадааст. Дар асари ӯ “Асосҳои фалсафаи позитивӣ” оила ҳамчун унсури асосии сотсиологӣ номида шудааст. Бо андешаи О. Конт ҷомеа аз маҷмӯи оилаҳо таркиб ёфтааст. Инсоният бо мурури замон аз оила, қабила, миллат то ба давлат омада расидааст. Оила иттифоқест, ки дар асоси алокамандии ҳиссиёт пайдо шудааст. ”Оила – ин мактаби ҳастии иҷтимоӣ аст, ки ба фард идоранамоӣ, рафтори ҷоиз, мутобиқшавии ҳаётӣ ва муносибат бо дигар одамонро меомӯзонад” – меандешад О. Конт. Вазифаи муҳими оила–интиқоли урфу одат аст. Тавассути оила гузашти имрӯз ва ояндаи ҷамъият бо ҳам пайваст мегарданд. Оила бояд бо одамон бо насли гузаштаи худ вобаста бошад. Оила дар тақсомоти меҳнат ва ҳамгироию ҳамдигарфаҳмии одамон нақши бузургро соҳиб мебошад. О. Конт ҷонибдори моликияти хусусӣ дар назди ҷомеа барои

тақсим намудани он нақши муҳим дорад. О. Конт оиларо муҳофизатгари моликияти хусусӣ медонад.

Идеяҳои О. Контро минбаъд Э. Дюркгейм инкишоф дода институти оиларо ҳамчун ҷузъи воқеияти иҷтимоӣ ва тартиботи табии универсалӣ дида баромадааст. Ба андешаи ӯ оила шакли ҳаёти коллективист шакли аасотсиатсияи фардҳост. Масалан, ҳамдигарфаҳмии иҷтимоӣ дар сотсиологияи Э. Дюркгейм мавқеи марказиро ишғол менамояд. Бе ҳамдигарфаҳмии ҷамъият ва институтҳои он устувории худро аз даст медиҳанд.

Пас аз гузаштан ба иқтисоди бозоргонӣ, хусусигардонии моликияти давлатӣ ва марҳилаи гузариш аксарияти аҳоли ба тағйиротҳои куллӣ омода набуданд. Дар натиҷа аксарияти оилаҳои тоҷик ба ҳоли қашшоқӣ гирифтор шуданд. Кадом оилае, ки бо шароитҳои тағйирёбандаи сохтори Тоҷикистон мутобиқ шуда тавонист пеш рафт ва боқимонда ба ҳоли ногувор гирифтор гардид.

Оилаҳои муосирро сотсиологҳо чунин тасниф менамоянд:

1. Оилаи некӯаҳвол – масъалаҳо ва мушкилотҳои хешро бо ёрии беруна ҳал карда метавонад, аммо ин оилаҳо қодир нестанд аз хизматҳои пурарзиш ва маҳсулоти қиммат истифода баранд;

2. Оилаи пешрафта-даромади калон дошта имконият дорад аз ҳама гуна хизматрасонии пурарзиш истифода баранд;

3. Оилаи бухронӣ-дар ҳолати қашшоқии мутлақ гирифтор буда, танҳо зиндагии ҷисмонӣ мекунанд;

4. Оилаи маргиналӣ-бо сабабҳои гуногун ниҳоят қашшоқ буда, дар он бемориҳо, оворагарди, бекорхуҷагӣ, майхурагӣ, авҷ гирифтааст. Ин оила функсияи оддитарини худ сотсиализатсияи кӯдаконро ба амал бароварда наметавонад. Ин гуна оила ниҳоят даромади паст дошта, ҳамаи пули ночиз низ барои хариди маводи спирти, нашъа ва ғайра сарф мешавад. Кӯдакони ин гуна оилаҳо ҳатто мактаб нарафта, рӯзи дароз ба оворагӣ, майдадӯздӣ ва рафторҳои ноҷоиз машғуланд.

Дар шароити ҷаҳонишави шумораи оилаҳои нопурра ва модарони танҳо меафзояд, зеро тарзи зиндагии шаҳри зану мардро водор менамояд, ки ба рушди касбӣ диққат дода, ба муносибатҳои анъанавии оилавӣ камтар таваҷҷӯҳ намоянд. Муҳити шаҳрӣ аз зану мард фаъолии касбию иҷтимоиро талаб менамояд. Аз ин сабаб, дар чунин шароит бо назардошти маданияти мавҷуда шумораи ҷудошавии ҳамсарон меафзояд. Баъзе занон аз оила дида, худтадбиқнамоӣ ва пешрафт дар ҷойи корро авлотар медонанд ва дар ҳолати ба ин мақсадҳои онҳо монеа гаштани муносибатҳои оилавӣ, аз бахри охирин мегузаранд ва ҷудо мешаванд. Мутаассифона ин падида торафт дар муҳити шаҳрҳои калони Тоҷикистон, махсусан дар шаҳри Душанбе торафт меафзояд.

Дар деҳот низ кори занон мушкил ва хастакунанда аст, зеро дар баробари кори хона, инчунин ба кори саҳро ва хоҷагиҳои деҳқонӣ машғуланд. Модарони танҳо дар шароити деҳот низ дар тарбияи фарзандон ва таъминоти иқтисодии онҳо мушкилӣ мекашанд. Фарзандони ин гуна оилаҳои нопурра ҳанӯз аз даврони хурдсолӣ ба кори хона ва хоҷагидорӣ ҷалб карда мешаванд, ки ба таҳсилу тарбияи онҳо беасар намемонад. Модарони танҳо дар деҳот бо кӯмаки ночизи дигар аъзоёни хонавода ва хешовандон зиндагии худ ва фарзандонро пеш мебаранд ва эҳтиёманданд. Мутахассиси соҳаи гендер Т. Бозрикова дар ин масъала чунин ибрози назар менамояд: “Занони деҳот нисбати мардон бештар ба меҳнати бемузд машғуланд, ки ин корҳоро на танҳо дар хона, балки дар корхонаҳои оилавӣ, хоҷагиҳои фермерӣ ва ғайраҳо ба анҷом мерасонанд. Бартараф намудани монеаҳои роҳи

таъмини баробарии гендерӣ дар соҳаи шуғлмандӣ ва сафарбарномоии занон ба бозори меҳнат бевосита аз васеъ гардонидани дастрасии занон ба таҳсилот, ба даст овардани малакаҳо ва донишҳои касбӣ, рушди инфрасохтори таҳсилоти томактабӣ ва хизматарасонии маишӣ, коммуникатсияи нақлиётӣ ва ғайраҳо вобастагӣ дорад" .

Масъалаи дигаре, ки дар ин ҷо бояд мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад, ба шаҳрҳо омадани модарони танҳо мебошад. Аксарияти модарони танҳо барои таъмини рӯзгор ба шаҳрҳо омада кор мекунанд. Онҳо асосан дар ошхонаю тарабхонаҳо ба сифати пешхизмат ва фаррош, дар бозор ва дигар шаклҳои хизматрасонӣ машғул мешаванд. Аксарияти ин гуна занон касбу ихтисоси зарурӣ надоранд ва ба корҳои хастакунанда машғуланд. Аксарияти онҳо дар шаҳр иҷоранишинанд ва вазъи мушкили нигаронкунанда доранд.

Барои таъмини модарони танҳо ба ҷойи кори мусоид дар шаҳр ва додани имтиёзҳо дар ин самт яке аз тадбирҳои ҳифзи иҷтимоии онҳо мебошад. Мақомоти дахлдор бояд ба модарони танҳое, ки дар ҳақиқат соҳибкасб шудан мехоҳанд ва хоҳиши кор кардан доранд бояд кумак намояд. Зеро баъзе аз модарони танҳо аз сабаби мушкилии таъминоти иҷтимоии хонавода ва кӯдаконашон даст ба ҳар гуна каҷрафториҳо мезананд. Махсусан, дар шаҳрҳо занони қаллобу фоҳиша ва ҷинояткор аз ҳисоби занони фарзандори аз шавҳарашон ҷудошуда торафт меафзояд.

Масъалаи дигар иҷтимоишавии кӯдакон дар оилаҳои нопурраи шаҳрӣ мебошад, зеро дар муҳити шаҳр таълиму тарбияи фарзандон барои модарони танҳо хеле вазнин аст. Муҳити шаҳрӣ аз модарони танҳо фаъолӣ ва касбиятро талаб менамояд, аммо барои модарони танҳо дар муҳити шаҳрӣ анҷом додани ҳам таълиму тарбия ва ҳам пешрафти касбӣ мушкил мебошад. Ҳарчанд торафт модарии танҳо ба як зуҳуроти муқаррарӣ табдил меёбад, аммо имрӯз ҳам дар ҳамаи маданиятҳо оилаи пурра намунаи оилаи идеалӣ қабул шудааст, ки ҳаёти накӯаҳволонаи оилавиро таъмин мекунад ва мушкилоти кӯдакону наврасон бештар ба норасоии тарбия дар оилаҳои нопурра марбут дониста мешавад. Дар оилаҳои танҳо модар бештар кор мекунад, барои рӯзгорашон пул кор кунанд, барои тарбияи фарзанд вақти кам меёбад, аз ин сабаб аксарияти кӯдакони ин гуна оилаҳо марҳилаи вазнини наврасиро аз сар мегузаронанд. «Аз як тараф, чунин модарон имконияти сохтани тақдири шахсии худро аз даст медиҳанд, аз тарафи дигар, онҳо солҳо дар ҳолати тарсу изтироб зиндагӣ мекунанд. Чунин модарон вақти холӣ ва ҳуқуқи бемор шудан надоранд… Ҳаёти модарони танҳо ҳамеша ҳузнангез аст, ҳарчанд агар онҳо худашон чунин тақдирро интихоб карда бошанд ҳам».

Ҷомеашиноси дигари рус А. Харчев низ махсус дар бораи оилаҳои нопурра, харобшавии нақшҳои оилавии ҳамсарон ва аз тарафи онҳо пурра иҷро нашудани ӯҳдадориҳои оилавӣ тадқиқоти арзишманде гузаронидааст. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ба тавлиди кӯдак дар оилаи нопурра сохтори оилае, ки қаблан зан аз кӯдаки дар он зиндагӣ мекард, таъсири калон мерасонад. Зани дар оилаи нопурра таваллудшуда ва ба воярасида, эҳтимол дорад, ки ин амсилаи рафторро идома диҳад. Зеро духтароне, ки дар ин гуна оилаҳо ба тарбия меёбанд, чунин сотсиализатсия мешаванд ва ва рафтори модарони худро такрор мекунанд. «Кам нестанд ҳолатҳое, ки модарии танҳоро насли нав такрор мекунад... Мувофиқи омори ҷаҳонӣ писарчае, ки дар оилаи нопурра калон шудааст ва ҷойи падар аз аввал холӣ аст, нисбати ҳамсоли аз оилаи накуаҳволаш имконияти бештари ба маҳбас афтиданро дорад. Дар духтарони бепадар ба воярасида имконияти модари танҳо

шудан панҷ маротиба зиёд аст. Дар байни кӯдакони зери назари модари танҳо калоншуда майхораю нашаъамандон хеле зиёданд» .

Яке аз самтҳои ҳифзи иҷтимоии модарони танҳо ин ташкили шароитҳои имтиёзноки меҳнатӣ аст, то онҳо баробари мардон меҳнат накунанд ва барои тарбияи кӯдакон вақт пайдо намоянд. Баробари ин, модарони танҳо бояд аз ҷойи кор кӯмакпулиҳо ва кумакҳои моддӣ дастрас намоянд. Барои модарони танҳо курсҳои омӯзишии ройгон кушода шаванд, то онҳо соҳиби касбу кори муайян гардида, бо нерӯи худ талаботҳои моддии хонавода ва кӯдаконашонро таъмин карда тавонанд. Дар ин самт бояд институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, махсусан, ташкилотҳои ҷамъиятии бо грантҳо фаъолияткунанда саҳми калон дошта бошанд, зеро дар Тоҷикистон шумораи чунин ташкилотҳои ҷамъиятие, ки барои ҳифзи иҷтимоии модарони танҳо ва фарзандони онҳо фаъолият мекунанд, хело кам ҳастанд. Ҳол он ки модарони танҳо дар баробари маъюбон табақаи камбизоат ва эҳтиёҷманди мебошанд ва ниёз ба кӯмаку дастгирии моддӣ ва молиявӣ доранд.

**Адабиёт**


1.Одина Ғуломов – Сотсиология. Душанбе 2002

2.Идиев Х.У Самиев Б. Гиёев К.Х - Сотсиология Душанбе. 2006

3. Гулмаҳмадов Ш. Абдулвоҳидов А.Файзиев Б. Сотсиология Кулоб., 2011

4. Баҳромбеков В. А., Миров Ф.С. Асосҳои сотсиология. – Душанбе: “Матбуот”, 2015.

5. Шоисматуллоев Ш., Идиев., Баҳромбеков., Миров Ф. Сотсиология.- Душанбе: “Донишварон”, 2019.

6. Носиров С.Ш., Миров Ф.С. Сотсиология.- Душанбе: “Ашуриён”, 2021.

7. Аминзода Абдуҷаббор., Бойназаров Ҳ.Э, Фарҳангшиносӣ.- Душанбе, 2016.

Шарипов Ф.И. Социология теория и методы. М-2007

8. Миров Ф., Ҷураев Ҷ., Шоинбеков Ҳ. Шиносоӣ бо методҳои тадқиқоти иҷтимоӣ.- Душанбе: Истеъдод, 2015.


## САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР БУЗУРГДОШТИ ТАМАДДУНИ ОРИЁИ


**Ҳакимов Собир Раҷабалиевич** -“ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ. Суроға: 734067, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов 64/14 Телефон: 918-49-80-91.


Дар таърихи ташаккули ҳар як халку миллат бузургоне ҳастанд, ки номи онҳо дар ҳеч давру замон аз хотираи мардум фаромуш намешавад. Хушбахтона, чунин шахсиятҳо дар таърихи тамаддуни миллати точик низ кам нестанд, ки онҳо ифтихори на танҳо миллати мо, балки боиси сарфарозии мардуми олам гардидаанд. Ин бузургон бо осори гаронбаҳо ва ғояҳои инсонпарварии худ дар инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми сазовор гузоштаанд. Ҳар як марҳилаи таърихи халки тоҷик чунин шахсиятҳои барҷастаро ба арсаи ҷаҳонӣ овардааст. Ҳар кадоми ин бузургон дар соҳаҳои гуногуни илму маърифат, сиёсат ва таърих, адабиёт ва санъат чеҳраи тобноке дошта, бо осори пурқимати худ машҳури чаҳон шудаанд.

Яке аз чунин шахсиятҳои таърихи ин Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шумор мераванд, ки бо осори гаронмояи худ барои омӯзиши таърихи халқи тоҷик накши

боризеро гузоштаистодаанд. Ин мояи ифтихори ҳар як сокини Тоҷикистонист,ки сарвари дустдори таъриху фарҳанги миллати худ бударо доро мебошем.

**Калидвожаҳо:** Таърих, фарҳанг, тамаддун, бузургон, миллат, адабиёт, санъат.

## ВКЛАД ЛИДЕРА НАЦИИ В ПРОСЛАВЛЕНИЕ АРИЙСКОЙ ЦИВИЛИЗАЦИИ

**Хакимов Собир Раджабалиевич** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры гуманитарных дисциплин. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова 64/14. Телефон: 918-49-80-91.

В истории становления каждого народа и нации есть великие деятели, имена которых никогда не забываются в памяти народа. К счастью, в истории цивилизации таджикского народа немало таких личностей, которые стали гордостью не только нашего народа, но и народов мира. Эти великие люди внесли значительный вклад в развитие мировой цивилизации своими ценными трудами и гуманистическими идеями. Каждый этап истории таджикского народа выдвигал на мировую арену таких выдающихся деятелей. Каждый из этих великих деятелей оставил яркий след в различных областях науки и образования, политики и истории, литературы и искусства и стал всемирно известен своими ценными трудами.

Одной из таких исторических личностей является Основатель мира и национального единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Его Превосходительство уважаемый Эмомали Рахмон, который своими ценными трудами вносит весомый вклад в изучение истории таджикского народа. Для каждого жителя Таджикистана является предметом гордости то, что у нас есть лидер, который любит историю и культуру нашего народа.

**Ключевые слова:** История, культура, цивилизация, великие люди, нация, литература, искусство.

## THE CONTRIBUTION OF THE LEADER OF THE NATION TO THE GLORY OF ARYAN CIVILIZATION

**Hakimov Sobir Rajabalievich** - Tajik State University of Finance and Economics, Assistant Professor, Department of Humanities. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov St. 64/14.. Phone: 918-49-80-91.

In the history of the formation of every people and nation, there are great people whose names are never forgotten from the memory of the people. Fortunately, there are many such personalities in the history of the civilization of the Tajik nation, who have become the pride of not only our nation, but also the pride of the people of the world. These great people have made a worthy contribution to the development of world civilization with their valuable works and humanistic ideas. Each stage of the history of the Tajik people has brought such outstanding personalities to the world arena. Each of these great people has a bright face in various fields of science and education, politics and history, literature and art, and has become famous throughout the world with their valuable works.

One of such historical figures is the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, His Excellency, the Honorable Emomali Rahmon, who, with his valuable works, has made a significant contribution to the study of the history of the Tajik people. It is a source of pride for every resident of Tajikistan that we have a leader who is a lover of the history and culture of our nation.

**Keywords:** History, culture, civilization, great people, nation, literature, art.

Мо, тоҷикон, таърихи чандҳазорсола дорем, ки он аз саҳифаҳои дурахшони корномаву сарбаландӣ ва ҷонфишониву қурбониҳои паёпай иборат аст. Шояд камтар халқе дар таърих мавҷуд аст, ки ба андозаи мо, тоҷикон, мавриди таҷовузу ситами ҳокимони бегонаву муздурони худӣ қарор гирифта бошад. Муҳимтарин ҳадафи таърих, бешак, пандомӯзӣ ва ба чашми ибратбин нигаристан ба гузашта ва бар асоси таҷрибаи тӯлонии аз рӯзгорон андӯхтаи ниёгон амал кардану такрор нанамудани хатоҳои қаблист.

Дар таърихи ташаккули ҳар як халку миллат бузургоне ҳастанд, ки номи онҳо дар ҳеч давру замон аз хотираи мардум фаромуш намешавад.

Хушбахтона, чунин шахсиятҳо дар таърихи тамаддуни миллати точик низ кам нестанд, ки онҳо ифтихори на танҳо миллати мо, балки боиси сарфарозии мардуми олам гардидаанд. Ин бузургон бо осори гаронбаҳо ва ғояҳои инсонпарварии худ дар инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми сазовор гузоштаанд. Ҳар як марҳилаи таърихи халки тоҷик чунин шахсиятҳои барҷастаро ба арсаи ҷаҳонӣ овардааст. Ҳар кадоми ин бузургон дар соҳаҳои гуногуни илму маърифат, сиёсат ва таърих, адабиёт ва санъат чеҳраи тобноке дошта, бо осори пурқимати худ машҳури чаҳон шудаанд.

Яке аз чунин шахсиятҳои таърихи ин Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шумор меравнд, ки бо осори гаронмояи худ барои омӯзиши таърихи халқи тоҷик нақши боризеро гузоштаистодаанд. Ин мояи ифтихори ҳар як сокини Тоҷикистонист,ки сарвари дустдори таъриху фарҳанги миллати худ бударо доро мебошем.

Дар воқеъ Пешвои миллати тоҷикон баъд аз соҳибистиқлол гаштани кишвари азизамон барои омухтани таърихи гузаштаи милати тоҷик шароит фароҳам овардаанд, ки ин пеш аз ҳама барқарор намудани ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, ҷашн гирифтани солгарди ёдгорихои таърихию чеҳраҳои шинохтаи таърих, ва таълиф намудани осори гаронбаҳои таърихию фарҳангӣ ба ҳисоб меравад.

Китоби дигари аризишманди Пешвои миллат, ки оид ба таъриху фарҳанги мардуми ориёинажод бахшида шудааст. Ин «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» ба шумор меравад,ки дар перомуни соли бузургдошти тамадуни ориёӣ таълиф шудааст. Дар асари мазкур тамоми паҳлуҳои таъриху фарҳангӣ мардуми ориёӣ таҷасум ёфтааст.

Асари номбурда аз муқаддима ва 5- бобу зербобҳо иборат буда, дар ҳар як боби он масъалаҳои гуногуни таърихию фарҳангӣ аҷдодони гузаштаамон бо далелҳову иқтибосҳои мушахас зикр ёфтааст.

Дар муқаддимаи китоб Пешвои миллат чунин зикр намудаанд: «… Ман ман соли 2006-умро соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ эълон намудам ва хостам, ки дар давраи истиқлолияти давлатӣ ба таърихи пуршӯру овозадори ниёгонамон аз сохти давлатдории аввалин шаҳриёрони пешдодию каёнӣ сар карда ба марҳилаҳои муҳимму мухталифи оини хештандорӣ ва умури ватанпарварии миллатамон мурочиат намоем ва аз ҳама муҳимаш, ба ташаккулу инкишофи маданияти моддию маънавии тамаддуни ориёии худ назар андозем ва бар ҳамин мабно ҳаёти маънавӣ ва фарҳангии худро ба роҳ монем.

Чуноне ки дар урфият мегӯянд, ҳар як шахс бояд аз ҳафт пушти худ огоҳ бошад, то дар ҳамаи соҳаҳои зиндагиву фаъолияти худ огоҳона амал намуда, зиндагии созандаи худро пеш барад. Мо ин андарзи халқи худро ба зиндагиву рӯзгори миллати худ татбиқ намуданӣ бошем, бояд онро каме тағйир дода, бигӯем, ки ҳар як халқу миллат бояд таърихи гузаштаи худ, ҳаёти моддию маънавии худро он тавре ки ҳаст, бидонад ва бо истинод ба ин шиносоӣ ҳаёти иҷтимоии худро пеш барад. Бе маърифати таърихи халқи худ, бе такя ба маънавиёти пурғановати гузашта, бе истифода аз анъанаву суннатҳои дар тӯли ҳазорсолаҳо ташаккулёфта, ки дар паси пардаи онҳо ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавии ҳар халқу миллат ниҳон аст, ба муваффақият ноил шудан амри муҳол аст». [1,10]. Аз ин гуфтаҳо бармеоят,ки Пешвои миллат дар ин асар тамоми ҷузъиёти тамаддуни ориёйро матраҳ намуда ба доираи васеи хонандагону дустдорони фарҳанги волои худ пешниҳод намудаанд.

Дар хотимаи муқаддима муаллиф чунин ибрози андеша намудаанд,ки бассо ибратангез мебошад. «Барои онҳое, ки аз асли масъала дуранд ё ғаразолуд муҳокима меронанд, иқдоми мо шояд қобили дарк набошад. Вале ман асари мазкурро ба хотири аз гузаштаи пурифтихор ва маданияти гаронбаҳои ниёгонамон ҷудо нашудани насли оянда иншо кардам. Дар ин ҷо муқобилгузории миллати мо ба халқҳои дигар нест, ҷои ғуруре ҳам нест, балки ифтихор ҳаст. Ифтихор аз созандагӣ, аз истиқлол. Ин қарзест барои наслҳои оянда ва ҷавонони имрӯзаи мо!». [2,12].

Боби аввали китоб аз «мururе ба сароғози таърих ва фарҳангӣ ориёиҳо» ва зер боби «Ҳиндуаврупоиҳо» сарчашма миегирад,ки хонандаро ба таърихи дури забони ориёиҳо шинос менамояд, муаллиф чунин ибрози андеша намудааст: «Фарҳанги ниҳоят рангин ва нотакрори ҷаҳони муосир маҳсулу офаридаи халқ ё миллати ҷудогона, мамлакат ё кишвари мушаххас набуда, дастранҷи муборизаҳо ва кӯшишҳои хастагинопазири тамоми мардуми ҷаҳон аст. Ғаномандӣ ва зебоии фарҳанги муосир марбути он аст, ки ҳар қавму халқ, миллат дар тӯли таърих роҳи мушаххаси худро паймуда, дар фарозу нишеби зиндагӣ асолату ҳувияти собит ва соҳиби расму анъана ва суннатҳои нотакрори худ мегардад, ба забони хеш такаллум мекунад ва ганҷинаҳои арзишманд эҷод менамояд ва дар ташаккули фарҳанги бузурги инсонӣ саҳми худро мегузорад. [3,15].


**Адабиёт**

1. Раҳмон Э. «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» Душанбе: Ирфон, - с. 372
2. Раҳмон Э. «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориён то сомониён» қ. 1- London. - 240 с.
3. Раҳмон Э. «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориён то сомониён» иборад аз чор китоб. Душанбе: Ирфон, 2009.- 704 с.
4. Раҳмон Э. «Чеҳраҳои мондагор». Душанбе : Эр-граф.-364 с.


## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭҲЁГАР ВА МУАРРИФКУНАНДАИ ФАРҲАНГИ ТОҶИКОН


**Ҳомидова Гулноза Раҷабовна** - ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтиосоди Тоҷикистон Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Нахимов, 64/1. Телефон:93 431 93 93.



Дар мақола саҳми Пешвои миллат дар рушду густариши фарҳанги миллии тоҷикон сухан меравад.

Миллати созанда ва тамаддунофари тоҷик дар тӯли таърих бо созандагиву бунёдкорӣ, эҷоду навоварӣ ва шахсиятҳои бузурги хеш маъруфи гетӣ гашта, дар ақсои олам мавриди эҳтирому эътироф гардидааст. Дар ин қарнҳо қаҳрамонфарзандони миллат дар арсаи илму адаб ва сиёсат тавонистанд ин миллатро муаррифӣ намоянд.

Яке аз чунин шахсиятҳо Пешвои миллат ба шумор меравaнд, ки аз рузи аввали ба сари қудрат омадан, кушиш ба харҷ доданд, ки фарҳангу таммадуни тоҷиконро пос доран, эҳё намоянд ва муаррифӣ намоянд.



**Калидвожаҳо:** Пешвои миллат, фарҳанг, тоҷикон, китоб, ёдгориҳо, таърих.


## ЛИДЕР НАЦИИ ПРЕДСТАВИТЕЛЬ ТАДЖИКСКОЙ КУЛЬТУРЫ


**Хомидова Гулноза Раджабовна -** ассистент кафедры гуманитарных дисциплин, Таджикского государственного финансово-экономического университета, Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/1. Телефон: 93 431 93 93.



В статье рассказывается о вкладе Лидера нации в развитие национальной культуры Таджикистана.

На протяжении всей истории созидательная и цивилизационная таджикская нация была известна своими созидательными, созидательными, новаторскими творениями и великими личностями и пользовалась уважением и признанием во всем мире.

В этих веках героям нации в области науки, литературы и политики удавалось представлять эту нацию. Одним из таких деятелей является лидер нации, который с первого дня прихода к власти приложил усилия, чтобы почтить, оживить и представить культуру и культуру таджиков.

**Ключевые слова:** Лидер нации, культура, таджики, книга, памятники, история.

**THE LEADER OF THE NATION IS A REPRESENTATIVE OF TAJIK CULTURE**

**Khomidova Gulnoza Rajabovna -** Assistant of the Department of Humanities, Tajik State University of Finance and Economics, Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/1. Telephone: 93 431 93 93.

The article describes the contribution of the Leader of the Nation to the development of the national culture of Tajikistan.

Throughout history, the creative and civilizational Tajik nation has been known for its creative, creative, innovative creations and great personalities, and has enjoyed respect and recognition throughout the world.

In these centuries, the heroes of the nation in the fields of science, literature and politics managed to represent this nation. One of these figures is the leader of the nation, who, from the first day he came to power, made efforts to honor, revitalize and present the culture and culture of the Tajiks.

**Keywords:** Leader of the nation, culture, Tajiks, book, monuments, history.

Дигаргунсозиҳои инқилобӣ дар ҳаёти маънавӣ дар баробари дастовардҳои беназир, ки ба худмуайянкунии миллати тоҷик имконият ба вуҷуд овард, нуқсонҳои зиёди ҷанбаҳои зиндагиро ошкор кард Дар чунин шароити душвори ҷомеа, дар айни ҳол ҳодисаи хеле муҳими сиёсӣ дар таърихи халқи тоҷик ба вуқӯъ пайваст, ки он эҳё шудани давлати тоҷикон мебошад. Бояд тазаккур дод, ки эҳёи ҳақиқии давлати миллӣ фақат бо расман эътироф шудани он ба итмом намерасад. Зеро ки ҳастии давлат рушду такомули он, пеш аз ҳама ба худшиносии ҳар як сокини он, ифтихори миллӣ, қобилияти дар истиқлолияти миллӣ зиста тавонистани он халқ марбут аст.

Тоҷикон дар тӯли таърих ба дастовардҳои моддию маънавӣ, фитрати фарҳангофарин ва маърифатбунёди худ дар ҷаҳони мутамаддин ба дарёфти мақоми муаззам ва ифтихорангез ноил гардиданд.

Ифтихор аз гузаштаи таърихи кӯҳанбунёди хеш вақте пайдо мешавад, ки аз он огоҳ бошӣ, онро мояи омӯзиш, ибрат ва шукӯҳмандӣ бидонӣ, зеро таърихи фарҳангу тамаддун, забон, адаб, урфу одат дар пешгаҳи қавми ноогоҳ ҳукми мурдаро дорад.

Миллати созанда ва тамаддунофари тоҷик дар тӯли таърих бо созандагиву бунёдкорӣ, эҷоду навоварӣ ва шахсиятҳои бузурги хеш маъруфи гетӣ гашта, дар ақсои олам мавриди эҳтирому эътироф гардидааст. Дар ин қарнҳо қаҳрамонфарзандони миллат дар арсаи илму адаб ва сиёсат тавонистанд ин миллатро муаррифӣ намоянд.

Яке аз чунин шахсиятҳо Пешвои миллат ба шумор меравачд, ки аз рузи аввали ба сари қудрат омадан, кушиш ба харҷ доданд, ки фарҳангу таммадуни тоҷиконро пос доран, эҳё намоянд ва муаррифӣ намоянд.

Дар ин самт номбурда хизматҳои шойёнеро анҷом додаанд, ки боиси шинохти мардуми тоҷик дар арсаи ҷаҳони ҳамчун миллати тамадунофар гардид.

Дар баробари соҳиб истиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи соҳаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ бо суръати баланд рушд намудаистодаст, ки дар инҷода саҳми Президенти кишвар бе андоза калон мебошад.

Бояд хотирнишон сохт,ки дар баробари рушди маориф ва илм, эҳёи хотираи таърихи миллат, арҷ гузоштан ба таърихи гузашта ва ба ҷаҳониён муаррифи намудани онро Пешвои миллат пайваста таъкид менамоянд.

Дар воқеъ Пешвои миллати тоҷикон баъд аз соҳибистиқлол гаштани кишвари азизамон барои омухтани таърихи гузаштаи милати тоҷик шароит фароҳам овардаанд, ки ин пеш аз ҳама барқарор намудани ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, ҷашн гирифтани солгарди ёдгорихои таърихию чеҳраҳои шинохтаи таърих, ва таълиф намудани осори гаронбаҳои таърихию фарҳангӣ ба ҳисоб меравад.

Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 1999 ҷашн гирифтани 1100- давлати Сомониён, соли 2002 2500- солагии Истаравшани бостоншаҳр, соли 2006 2700- солагии Кӯлоби бостонӣ, соли 2015 ҷашни 3000- солагии ҳисори шодмон ва соли 2020 ҷашни 5500- солагии шаҳри қадимаи Саразм баргузор гашт, гувоҳи он аст,ки тоҷикон воқеан,тоҷдору тоҷтабор ва хирадпешаю соҳибтамаддун ҳастанд. Инчунин Пешвои миллат соли 2006 – ро соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ эълон намуда чунин ироз доштанд: "ман соли 2006-умро соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ эълон намудам ва хостам, ки дар давраи истиқлолияти давлатӣ ба таърихи пуршӯру овозадори ниёгонамон аз сохти давлатдории аввалин шаҳриёрони пешдодию каёнӣ сар карда ба марҳилаҳои муҳимму мухталифи оини хештандорӣ ва умури ватанпарварии миллатамон муроҷиат намоем ва аз ҳама муҳимаш, ба ташаккулу инкишофи маданияти моддию маънавии тамаддуни ориёии худ назар андозем ва бар ҳамин мабно ҳаёти маънавӣ ва фарҳангии худро ба роҳ монем".

Ба хотири огоҳонидани насли наврас оид ба фарҳангу таърихи мардуми ориёӣ Пешвои миллат китобе таҳти унвони «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» таълиф намудан, ки дар асари мазкур тамоми паҳлуҳои таърихy фарҳангӣ мардуми ориёӣ таҷасум ёфтааст.

Асари номбурда аз муқаддима ва 5- бобу зербобҳо иборат буда, дар ҳар як боби он масъалаҳои гуногуни таърихию фарҳангӣ аҷдодони гузаштаамон бо далелҳову иқтибосҳои мушахас зикр ёфтааст.

Дар хотимаи муқаддима муаллиф чунин ибрози андеша намудаанд,ки бассо ибратангез мебошад. «Барои онҳое, ки аз асли масъала дуранд ё ғаразолуд муҳокима меронанд, иқдоми мо шояд қобили дарк набошад. Вале ман асари мазкурро ба хотири аз гузаштаи пурифтихор ва маданияти гаронбаҳои ниёгонамон ҷудо нашудани насли оянда иншо кардам. Дар ин ҷо муқобилгузории миллати мо ба халқҳои дигар нест, ҷои ғуруре ҳам нест, балки ифтихор ҳаст. Ифтихор аз созандагӣ, аз истиқлол. Ин қарзест барои наслҳои оянда ва ҷавонони имрӯзаи мо!». [1,12].

Дар қатори нодиртарин асарҳои омӯзандаи таърихy фарҳанги тоҷикон китоби президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих» безавол ба шумор рафта, дар он тамоми таърихy фарҳанги мардуми асили тоҷик матраҳ шудааст.

Аз пешгуфтори асари нобаршуда маълум мешавад,ки Пешвои миллат ба таърихи гузаштаи милати худ арҷ мегузорад. Зеро, ки ин китоб аз чунин суханҳои саволии Пешвои миллат шурӯъ мешавад: «Мо кистем, аз куҷоем ва дар кадом дудмон сабзидаем? Нахустаҷдодамон киҳо буданд, аз куҷо омаданд ва дар кадом бум ошён доштанд? ... »[2,5] Ба мақсади ба ин монанд саволҳо ҷавобгардондан Пешвои миллат ба омӯзиши таърих машғул шуда, ин асари пурмазмунро таълиф намудаанд,ки барои омӯзиши доираи васеи хонандагон ва муарифии таърихи тоҷикон дар арсаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Инчунин ёд кардан аз корнамоиҳои 30-мардони асили тоҷик дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» яке аз фазилатҳои дустдориву сабақгирии Пешвои муаззами миллат ба шумор меравад.

Дар асари номбурда оид ба рузгору фаъолияти шахсиятҳои даврони гуногуни таърихӣ сухан рафта, боиси сарфарозии ҳар хонанда мегардад. Ин китоб аз чунин сатрҳои пурмазмун шурӯъ мегардад: «…Таърих гувоҳ аст, ки ин сарзамин абармардонеро ба дунё овардааст, ки ҳар кадом дар замени хеш бо хирад, заковат, дониш ва фазилат ба дарачае шухрат пайдо карда буданд, ки самараи умру хидмати беназир, мақому манзалаташон ҳамеша ва дар ҳама давру замоӣ боиси ситоиш ва кадрдонӣ мебошад. Ёд овардан ва муаррифӣ кардани шучоату далерӣ, фазлу дониш ва бузургиву тавонмандии онҳо далели эҳтироми мо ба таърих ва симоҳои таърихию фарҳангии халқи азизамон аст.» [3,3].

Аз гуфтаҳои боло бар меояд,ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эҳёгар ва рушдиҳандаи фарҳангӣ халқи тоҷик ба ҳисоб рафта, таввасути иқдомҳои начибу таълифи осори гаронмоя тамаддуни куҳани тоҷиконро ба чаҳониён муаррифӣ намудаанд.

**Адабиёт**


1. Раҳмон Э. «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» Душанбе: Ирфон, - с. 372
2. Раҳмон Э. «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориён то сомониён» қ. 1- London. -240 с.
3. Раҳмон Э. «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориён то сомониён» иборад аз чор китоб. Душанбе: Ирфон, 2009.- 704 с.
4. Раҳмон Э. «Чеҳраҳои мондагор». Душанбе : Эр-граф.-364 с.


## ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ДАР НИЗОМИ СИЁСИЮ МАЪНАВӢ


**Шокириён Муҳаммадюнус -** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ. ш. Душанбе, куч. Нахимов 64/16 muhammadyunus1@mail.



Дар ин мақола доир ба таърих ва фарҳанги миллӣ, ки дар рушди фарҳанги асримиёнагии халқи тоҷик чи нақш дошт, баррасӣ мегардад. Дар давраҳои ибтидоии ислом қиссаҳо доир ба шоҳ Ҷамшед, Фаридун, Рустам, Сиёвуш, Суҳроб дар ҳавзаҳои фарҳангию ҳунарӣ тавассути тоҷирони араб тарғибу ташвиқ мешуданд. Адабиёт дар меҳвари худ бо фарҳанг, сиёсат ва фалсафа омезиш доштааст. Таърихи илму фарҳанги бостонии мардуми тоҷик реша ба заминаи фикрӣ ва фарҳангию сиёсӣ дошатааст.



**Калидвожа:** адабиёт, фарҳанг, асримиёнагӣ, миллӣ, тоҷикон, бостонӣ, меҳвар...


## НАЦИОНАЛЬНАЯ КУЛЬТУРА В СИСТЕМИ НРАВСТВЕННЫЙ ПОЛИТИКИ


**Шокириён Мухаммадюнус -** Таджикского государственного финансово-экономическом университете, ассистент кафедры гуманитарного дисциплин. г. Душанбе, ул. Нахимова 64/16 muhammadyunus1@mail



В этом статье речь идёт о национальная история и культура который в развитии средневековие культуре таджикское народе играет большую роль. В период начало развитии ислама разговор идёт о шаха Джамшеда, Фаридуна, Рустама, Сиявуша, Сухраба который они к центр таджикского культуры пропагандировали с арабских бизнесмены. В этом период истории наука и культура древнейший таджикского народа глубоко имели идеии и культуры других народ.



**Ключевие слова:** литература, культура, среневековие, национальный, таджики, древнеший...


## NATIONAL HISTORY AND CULTURE IN THE INTERNATIONAL STATE SYSTEM

**Shokiriyon Muhammadyunus** - Tajik State University of Finance and Economics, assistant of the Department of Humanities. Dushanbe, Nakhimov St. 64/16 muhammadyunus1@mail

This article is about national history and culture, which plays an important role in the development of the Middle Ages culture of the Tajik people. During the period of the beginning of the development of Islam, we are talking about Shah Jamshid, Faridun, Rustam, Siyavush, Suhrob, which they promoted to the center of Tajik culture with Arab businessmen. In this period of history, the science and culture of the most ancient Tajik people deeply had the ideas and cultures of other peoples.

**Keywords:** literature, culture, Middle Ages, national, Tajik, ancient...

Аз таърихи фарҳанги миллии халқи тоҷик ба мо маълум аст, ки охири асри нуздаҳ ва ибтидои садаи бист давраи тағйироти фикрӣ, сиёсӣ, идеологӣ ва мадании ҷиддӣ дар манотиқи гуногуни ҷаҳон мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба авзои сиёсӣ, таърихию иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавӣ, дар ин давра таъриху фарҳанг ҳам ба тағйирот дучор мегарданд. Барои аҳли адаби тоҷик давраи нави фаъолияти эҷодӣ ва зиндагӣ фаро мерасад. Ин давра таърихи зиёда аз садсола-ибтидои садаи бист то имрӯзро фаро мегирад

Дар ин давра, ки низоми зиндагии илмию маданӣ, сиёсӣ ва дунявӣ ба фазо ва муҳитҳои иҷтимоию фарҳангии тоҷикӣ ворид гардид, таърих ва фарҳанги миллӣ дар қолаби нисбатан нави мафкуравӣ робита пайдо кард. Дар зимн, насри адабӣ-фалсафӣ дар асрҳои X1X ва XX дар адабиёти ҷаҳонӣ мавқеи устувор касб намуда, диди тозае аз олами таърихи инсонӣ ба вуҷуд овард. Минбаъд масъалаҳои фалсафию иҷтимоӣ дар байни халқҳои гуногуни олами ҷомеаи инсонӣ дар адабиёти рус дар эҷодиёти Достоевский ва Толстой, дар адабиёти Аврупо-дар таълифоти Мигел де Унамуно, Ҷон Пол Сартр, Албер Камю, дар адабиёти Ҳинду Эрон дар навиштаҳои Содиқ Ҳидоят, Ҷалол Оли Аҳмад, Тагору Кришан Чандар, дар адабиёти араб дар асарҳои Тавфиқ ал-Ҳаким, Ҷуброн Халил Ҷуброн, Михаил Нуайма, Тоҳо Ҳусайн, дар адабиёти тоҷик дар навиштаҳои устод Айнӣ ва Сотим Улуғзода, Акбар Турсун ва дигарон бо биниши нави адабӣ ва фарҳангӣ инъикос ёфтаанд.

Бузургтарин адибони файласуфи садаи бистуми Аврупо Сартр ва Камю бар дӯши нависандаи муосир рисолат, вазифа ва масъулияти ҷиддии фалсафию таърихиро гузошта, мафҳуми ҳунари нависандагиро дар бедор сохтани фикри ҷомеаи инсонӣ шарҳу тафсир кардаанд, ки ин муқтазои илм, фалсафа, фарҳанг ва адабиёти муосири ҷаҳонист. Сартр дар асари худ, ки бо номи «*Адабиёт чист*?» маъруф аст, ба ин нуқта таваҷҷуҳ намуда менигорад: «***Нависанда барои хонандаи куллӣ, хонандаи ҷаҳонӣ менависад ва ростӣ, чунон ки дидаем, талошу таваққуи нависанда ин аст, қоидатан ҳамаи афроди башарро мухотаб қарор диҳад. Нависанда медонад, ки барои онҳое менависад, ки озодиашон дар гил рафтаву пинҳон шуда ва дастноёфтанист. Ва аслан, ин менависад, то онро софӣ кунад»*** (8,97) Камю бошад, масъалаи ***«нависанда будан чӣ маъно дорад ва барои кӣ бояд навишт»***-ро ба миён гузошта, рисолати нависандаро дар ошкор сохтан ва ҳалли мушкилоти доғи рӯз мебинад (3, с. 88**).** Дар асоси меъёрҳое, ки Сартр ва Камю роҷеъ ба ҳунари нависандагию муҳаққиқ муайян ва муқаррар кардаанд, равобити адабиёт бо фарҳанги миллӣ устувор мешавад.

Дар таърихи адабиёти муосири тоҷик диди нави бадеӣ-эстетикӣ дар насри устод Айнӣ ва Сотим Улуғзода инкишоф меёбад. Устод Айнӣ масъалаи адабиёт ва мақоми он дар бедорӣ ва тасвири фикрии ҷомеаро ба миён гузошта, ислоҳоту навгониҳои амиқи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаро ба тасвири фикрӣ иртибот медиҳад. Ин масъала дар китоби «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и устод Айнӣ хеле хуб дарҷ гардидааст. Воқеан, ин асари Айниро дар таърих ва илму адаби тоҷики асри XX метавон пурарзиштарин асари илмӣ, сиёсӣ ва фалсафӣ номид, ки бо забони шевои тоҷикӣ нигошта шудааст. Фалсафаи

сиёсӣ, иҷтимоӣ, адабӣ, таърихӣ ва фарҳангии Айнӣ маҳз дар ҳамин китоб ба таври возеҳу равшан инъикос шудааст. Устод Айнӣ дар ин китоб бароиислоҳоти инқилобӣ, сиёсиву иҷтимоӣ ва фикриву фарҳангӣ чунин пешниҳодро раво мебинад: **«Бе ҳузури раият ва бе танвири афкори омма, инқилоби нофеъро мумкин намедонистам** (1, с. 95). Худи устод Айнӣ бар асоси ин таърихи доираи фикрӣ ва фарҳангӣ, рӯшан кардани фикри инсону ҷомеа ва аз ин тариқ ба инқилоботи таърихию фарҳангӣ даст ёфтан зиндагӣ кардааст. Айнӣ, назар ба қавли худаш, аз оғоз тахти таъсири таърихи адабиёт қарор гирифта, иқтидори таърихиву фарҳангии онро дарк кардааст. Ин аст, ки менависад: ***«Аз авоили ҳол дар татабӯи адабиёт ҳарис будам. Бо таъсири адабиёт ба як ҳаёти файласуфона одат карда будам. Дар назари ман, мӯреро озор додан як қабоҳати бузурге менамуд»*** (1, с. 126). Насри адибон-С. Улуғзода махсусан, қиссаи «Ривояти суғдӣ», романҳои «Восеъ» ва «Фирдавсӣ», Муҳаммадзамони Солеҳ-«Девори Бухоро» ва дар марҳилаи нави касби Истиқлолияти давлатӣ насри Сорбон-«Достони писари Худо», Бароти Абдураҳмон-аз ҷумла кинороманҳои таърихии «Искандари Мақдунӣ ва Спитамен», «Рухшона», «Куруш ва Томирис» ва дигарон таҷассумгари воқеяти таърихӣ ва фарҳангии миллианд. Осори мансур дар ин давра рӯҳияи миллиро дар баробари таҳоҷуми бегона, ки ба фарҳанги миллӣ рахна ворид сохта буд, инъикос намудааст.

Агар ба шеъри тоҷик дар асри XX ва ибтидои садаи XX1 таваҷҷуҳ кунем, метавон оҳангҳои амиқи фарҳангӣ ва фалсафиро дар ашъори устод Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор ва дигарон ба хубӣ мушоҳида кард. Устодон Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ ва Гулрухсор дар тарҳи нави мавзӯъҳои ватан, миллат, худшиносӣ, худогоҳии миллӣ ва амсоли инҳо аз пешгомони адабиёти муосири тоҷик маҳсуб мешаванд ва ин раванд дар адабиёти имрӯзии мо, бо вуҷуди кунду заиф ҷараён доштанаш, батадриҷ идома ёфта истодааст.

Дар шароити феълӣ таърихи иртиботи адабиёту фарҳанг дар қаламрави ҷумҳурӣ ба талаботи рӯз ҷавобгӯ нест. Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, агарчи бо Вазорати фарҳанг дар баргузории чорабиниҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҳунарӣ ҳамкорӣ мекунад, робитаю ҳамкориҳо мисли замони пеш шукӯҳманд нестанд. Ба сухани дигар, як навъ гусастро дар муносиботи тарафайни адибону фарҳангиён манзур кормандони соҳаи фарҳангу ҳунар аст дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Ин ҳолат нигарониро ба вуҷуд меоварад ва ҷойи нигаронӣ ҳам ҳаст.

Дар шаҳру навоҳӣ ва умуман, музофоти кишвар соҳаи адабу фарҳанг ба дастгирии ҷиддии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сахт ниёз дорад. Таҳлили авзои адабию фарҳангии баъзе шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ин иддаоро пеш меоварад, ки маҳфилҳои адабӣ дар музофот, аксаран дар назди Идораи редаксияи нашрияҳои ҳукуматӣ ва Бахши ҷавонони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру навоҳӣ қарор доранд ва гоҳ-гоҳе мулоқоти адибон бо аҳли ҳунару фарҳанг доир мегарданд. Аммо корҳои ҷиддие дар ин самт ҳанӯз ба назар намерасанд. Дар доираи маҳофили адабӣ-бадеӣ мавзӯоти обшуста ва сатҳӣ, ки ба рӯҳи замон ва таҳаввулоти фарҳангӣ, ҳунарӣ ва адабии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мувофиқ нестанд, баррасӣ мегарданд.

Шеъри имрӯзӣ кам рӯҳи замонро ба назар мегирад ва шоирони навқалам бештар сари ишқу муҳаббат ва нолишу гилоя тамаркуз мекунанд. Назм ва шеъри иҷтимоӣ (шеъри баланди иҷтимоӣ) хеле кам гуфта мешавад ва нигарониҳои адибони навқалам бештар дар сарҳади ишқу отифат хатм мегарданд, ҳол он ки ин матолиб дар адабиёти классикӣ зиёд ба риштаи тасвир кашида шудаанд ва то ҷое дигар маъною муҳтавои худро гум кардаанд. Тарбияту парвариши шоирону адибони марҳилаи нави таърихӣ, ки дорои биниши миллӣ ва фалсафӣ бошанд, тақозо ва зарурати имрӯзист. Ҷомеаи муосири тоҷикӣ ба шеъри иҷтимоие, ки Лоҳутӣ, Турсунзода ва насли пешин суруда буданд, ниёз дорад ва сари ин масъала ҷиддӣ бояд таваққуф кард, то насли нави адибони миллӣ рӯйи кор биёянд ва бо тавонмандиҳои

зарурии зеҳнию ақлонӣ рӯҳи миллӣ ва фарҳангиро дар шеъри иҷтимоӣ таҷассум карда тавонанд.

Тайи таърихи тӯлонӣ марзи андеша, таърих, фарҳанг ва дар маҷмӯъ, рӯҳи миллӣ дар банди вобастагию маҳрумиятҳои идеологӣ қарор дошт ва ин раванд дар шароити имрӯза, ки фарҳангу тамаддунҳои бегонаи динмеҳвар рӯз ба рӯз бар фазо ва муҳитҳои иҷтимоӣ тасаллут пайдо мекунанд, таҳкиму тақвият ёфта истодааст. Дар ҳоле ки дар **таърихи миллӣ нахустин маротиба Куруши Кабир ба тамаддун, эътиқод, афкор, мазҳаб ва суннати иҷтимоии миллатҳои мағлуб ба дидаи эҳтиром менигарист** (5, 249), аксари наслҳои имрӯзии мо, ки бар асари фишору бориши мағзии ифротӣ ҳувияти бегонаро пазируфтаанд, дар масири бегонагӣ ҳаракат карданро авло медонанд. Ба назари донишмандон, **ҳеҷ қавме илму ҳунар ва фарҳангро дар инҳисори худ надорад. Илму ҳунар молу мулки ҳеҷ қавме нест. Ҳар мардуме ин истеъдод ва имконро доранд, ки соҳиби илму ҳунар ва адабу фарҳанг бошанд** (8, 97). Бар мабнои ин, фарҳанги ҳар ҷомеа маҳсули фаъолиятҳои фикрӣ ва зеҳнии ҷомеа аст. **Миллатҳо, қавмиятҳо ва тоифаҳо бо фарҳангашон аз якдигар мутамоиз мешаванд ва ҳувияташон дар фарҳанг нуҳуфтааст** (7, 145). Аз ин ҷост, ки фарҳанги миллӣ дар ҳувияти тоҷикӣ нуҳуфтааст ва тавассути адабиёти миллӣ эҳё кардан ва густариш додани мушаххасоти ҳувиятӣ, аз ҷумла эҳёи ҷашнҳои миллию фарҳангӣ рисолати виҷдонӣ ва инсонист.

Бояд тазаккур дод, ки дар доираи адабиёт ва фарҳанги бумӣ, бо назардошти махсусиятҳои табиат ва иҷтимоъ дар гузаштаи дури мо ҷашнҳои мардумии Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада барои танзими барномаҳои зиндагии инсонӣ бофта ва пардохта шудаанд (6, 15). Умри ҷашнҳои бостонии миллӣ, ба назари донишманди шаҳири эронӣ Ҳошим Разӣ, ба умри миллату халқ баробар аст (4, 17). Аз ин силсилаҷашнҳо Наврӯз бузургтарин ҷашни фарҳангии ҷаҳонист, ки на танҳо ба як қавм, як миллат, як нажод мунҳасир мешавад (10, 11), балки бо қолабу шеваҳои гуногун дар зиндагии маросимии ақвоми мухталифи башарӣ маҳбубият пайдо намудааст. Наврӯз, беш аз пеш, мунъакискунандаи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ буда, рӯҳи зинда ва суннати зиндаро дар худ таҷасум намудааст (2, 9) ва дар паҳнои таърихи фарҳанги бумӣ ба сифати ҷашни бостонитарин ва инсонсолортарин мавқеъ ва мақоми аввалиндараҷа дорад. Фаротар аз ин, Наврӯз пойдевори фаҳмиши илмии замонӣ ва тақвимӣ дар густураи фарҳанги миллӣ маҳсуб ёфта (9, 17-18), бузургтарин ҷашни фарҳангии ҷаҳонист, ки ҷуғрофиёи васеъро фаро гирифта, на танҳо ба як қавм, як миллат, як нажод мунҳасир мешавад, балки бо қолабу шеваҳои гуногун дар зиндагии маросимии ақвоми мухталифи башарӣ ва дар маҷмӯъ, инсоният ҷойгоҳи устувор пайдо кардааст. Бо доштани мероси бузурги фарҳангӣ ва маънавӣ, ки дар осори мактуби адабӣ-бадеӣ ғунҷоиш ёфтаанд, наметавон имрӯз ақибнишинӣ кард, балки танҳо ба пеш ҳаракат намуд. Ҳаракат ба пеш - ба сӯйи шинохти арзишҳои башарӣ, муаррифии дурусти мероси фарҳангӣ имкон медиҳад, ки табодул ва тафоҳуми сиёсию фарҳангӣ миёни милату халқиятҳои ҷаҳон барқарор гардад.

Вазъи муосири сиёсию геополитикӣ аз мо тақозо мекунад, ки ҳаракат ба пеш - ба сӯйи шинохти арзишҳои башарӣ, муаррифии дурусти мероси фарҳангӣ, ки табодул ва тафоҳуми сиёсию фарҳангӣ миёни милату халқиятҳои ҷаҳон дар шароити имрӯзӣ заиф набошем, бо иқтидори зеҳнӣ, ақлонӣ, адабӣ, ахлоқӣ ва билохира фарҳангӣ мушкилот ва буҳронҳои гуногунро, ки бар асари ноогоҳӣ, хурофотпарастӣ ва вопасгаройӣ ҷомеаи тоҷикиро таҳдид мекунанд, рафъ созем ва ба шоҳроҳи тамаддуни башарӣ гомҳои устувор бардорем.

Хулоса, адабиёти қудратманд ҷуръат ва ҷасорати иҷтимоӣ ва саранҷом шахсияти томи фарҳангӣ ва миллӣ меофарад. Идея ва ғояҳои созандаи адабиёт, ки дар осори манзуму мансури бадеӣ мунсаҷим мешаванд, ҷомеаро аз дарун дигар мекунанд ва дар сохтмони худогоҳӣ ва худсозӣ нақши калидӣ адо мекунанд. Ғояҳои созанда ва абадзинда дар натиҷаи мутолиоти пайваста, ковишу ҷустуҷӯҳои мудавом, ҷуръату ҷасорати эҷодӣ рӯйи кор меоянд ва барои садсола ва ҳатто ҳазорсолаҳо хидмат мекунанд.

**Адабиёт**

1. Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро.Теҳрон:Суруш,1381.-С. 126.
2. Акбар Турсон. Наврӯз – оинаи тамаддуни Аҷам. //Суханшиносӣ 2012, №2. –С.9.
3. Кушкин Е. П. Албер Камю. Ленинград, 1982. -С. 88.
4. Разӣ Ҳошим. Гоҳшуморӣ ва ҷашнҳои Ирони бостон. Теҳрон: Беҳҷат, 1380 (2002). -С.17.
5. Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Ирон. Ҷилди аввал. Теҳрон, 1368 (1990).–С.249,
6. Рӯҳуламинӣ Маҳмуд. Ойинҳо ва ҷашнҳои куҳан дар Ирони имрӯз. Теҳрон, чопи аввал, 1376 (1998). –С.15.
7. Ҳасан Малик. Фарҳанг ҳастаи муқовимат дар баробари таҳоҷуми бегонагон аст. http: //http. Kavehroom. Com/ –-С.145 .
8. Чолиш бо файласуф. Фалсафа дар рӯзгори фурӯбастагӣ. Ба ривояти доктор Ризо Доварии Ардаконӣ. Гуфтугӯ ва нигориши Алӣ Хурсандии Тоскӯҳ. –Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи мутолеоти фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, 1387 (2009). -С.97.
9. Шаҳобиддинов Н. Нитше ва Зардушти таърихӣ. (Тарҳрезии бунёдҳои фарҳанги навин).-Душанбе: Дониш, 2015. -С.17-18.

## ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ҲАМЧУН АРЗИШИ ШАХСИИ ДОРНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҒАЙРИВАРЗИШӢ

***Сафаров Қурбоналӣ Достиевич*** *- дотсенти кафедраи тарбияи ҷисмонии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*

***Сафаров Музафар Қурбоналиевич*** *- муаллими калони кафедраи варзиш ва мудофиаи граждании Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*

Ҳадафи мақола дарҷ намудани нақши тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар тарбияи арзишҳои шахсии донишҷӯёни факултетҳои ғайриварзишӣ ба таври эътимодбахш исбот шудааст. Таҳлили таҳқиқоти сершумори омӯзгорон ва равоншиносон нишон медиҳад, ки дар вақтҳои охир тамоюлҳои арзишҳои насли наврас ба куллӣ тағйир ёфта, проблемаи тайёр кардани мутахассисонро барои соҳаҳои гуногуни ҳаёт тезу тунд гардондааст. Давраи таҳсил дар донишгоҳ яке аз давраҳои имкониятҳои шоистатарин, шароитҳои оптималии ташаккули хосиятҳои муайяни шахсияти инсонии хатмкунандагон муҳим мебошад. Маҳз дар ҳамин давра салоҳиятҳои муҳимтарини касбии мутахассис, инчунин сифатҳои инфиродии равонӣ, ахлоқӣ, арзишӣ ва ҷисмонии шахс ташаккул меёбанд, диққати ҷиддӣ дода шуда, роҳу усулҳои омода кардани донишҷӯёнро ба меҳнати созанда ташкил кардан зарурати калиди дорад.

**Калидвожаҳо:** тарбияи ҷисмонӣ, варзиш, маданияти ҷисмонӣ, арзишҳои шахсӣ, донишҷӯёни ихтисосҳои ғайри варзишӣ, ташаккули ҳавасмандӣ ба тарбияи ҷисмонӣ, таҳсилоти олӣ, салоҳиятҳои касбӣ.

## ФИЗИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ КАК ЛИЧНАЯ ЦЕННОСТЬ АБИТУРИЕНТОВ ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ

**Сафаров Курбонали Достиевич -** доцент кафедры физической культуры Таджикского государственного университета финансов и экономики

**Сафаров Музафар Курбаналиевич**-старший преподаватель кафедры спорта и гражданской обороны Таджикского международного университета туризма и предпринимательства

Цель статьи - убедительно доказать роль физической культуры и спорта в воспитании личностных ценностей студентов нетрадиционных факультетов. Анализ

многочисленных исследований педагогов и психологов показывает, что в последнее время в корне изменились ценностные тенденции подрастающего поколения, обострилась проблема подготовки специалистов для различных сфер жизни. Период обучения в вузе является одним из периодов наиболее значительных по заслугам возможностей, оптимальных условий для формирования определенных черт человеческой личности выпускников. Именно в этот период формируются важнейшие профессиональные компетенции специалиста, а также индивидуальные психологические, моральные, ценностные и физические качества личности, уделяется серьезное внимание и ключевая необходимость организации путей и методов подготовки студентов к конструктивному труду.

**Ключевые слова:** физическая культура, спорт, физическая культура, личные ценности, студенты неспортивных специальностей, формирование интереса к физической культуре, высшее образование, профессиональные компетенции.

Аҳамияти азнавташкилдиҳӣ ва азнавсозӣ дар соҳаҳои иҷтимоии муосир дар мамлакати мо ба амал омадаанд, ки ба системаи тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои гуногун ва тахасусҳо низ таъсири худро расонидааст. Тағйирёбии шароити иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва фарҳангӣ боиси ваҳми фаъолияти касбии ояндаи аксари хатмкунандагони донишгоҳ гардидааст, ки ҳолати манфии равониро ба вуҷуд меорад ва қобилияти мутобиқшавии онҳоро коҳиш медиҳад.

Аз байн рафтани афзалиятҳои умумибашарии ахлоқӣ ва арзишӣ дар ҷомеа (С.А.Амбалова) [1], мавҷуд набудани системаи аниқи сохтории идеологӣ (М.И.Бекоева) [2] боиси пайдо шудани хатари воқеии беқурбшавии арзишҳои шахсӣ мегардад.

Ҳамаи ин ба симои ахлоқӣ, равонӣ ва ҷисмонии насли наврас таъсир нагузошта наметавонад ва аз ин ру, дар тамоми муассисаҳои таълимӣ масъалаи такмил додани тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун арзиши шахсии донишҷӯён — мутахассисони оянда муҳим гардидааст.

Таҳлили пажӯҳишҳо ва нашрияҳои ахир, ки паҳлӯҳои мушкилоти муайян кардани қисмҳои қаблан ҳалнашудаи умумӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд ва мо далелҳои худро низ асоснок кардем.

Дар рушди таркибии фарҳанги умумии шахс, тарзи ҳаёти солим ва салоҳияти касбии мутахассис системаи муосири тарбияи ҷисмонии донишҷӯёни соҳаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бартарият дорад.

Ин аз он бармеояд, ки тарбияи ҷисмонӣ на танҳо воситаи тайёрии ҷисмонӣ, нигоҳдорӣ ва таҳкими саломатии соматикӣ, балки механизми робитаи муносиби байнишахсӣ – илмҳои педагогӣ шароити ҳамкории бомуваффақияти ичтимоӣ (И.Н. Воробьева) [4]; воситаи такмили худ ва рушди худшиносии қобилиятҳои физиологӣ, ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва равонии шахс (А.С.Голобоков, М.С.Наумова) [5]; ташаккули самтҳои арзишӣ, ки ба болоравии бошууронаи сифатҳои ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва шахсии донишҷӯ мусоидат мекунанд (Н.А.Груздева, М.В. Ковалева) [6; 7].

Дар доираи сиёсати давлатии соҳаи маориф масъалаи омода намудани кадрҳои дорои салоҳияти баланди касбӣ, дар бозори меҳнати муосир рақобатпазир, вале муҳимтар аз ҳама, дорои сифатҳои баланди шахсӣ ва ахлоқӣ дар ҷои аввал меистад.

Дар асоси ин, ғояи мақола ба қисман ҳалли мушкилоти баланд бардоштани сифати таҳсилот ва рақобатпазирӣ, истифодаи технологияҳои нави таълимӣ, муайян намудани шароит барои баланд бардоштани ҳаракати иҷтимоӣ ва касбии хатмкунандагони донишгоҳҳои дорои сатҳи баланди сифатҳои шахсӣ ва афзалиятҳои арзишӣ нигаронида шудааст. Дар баробари ин нақши тарбияи ҷисмонӣ баланд бардошта мешавад.

Шаклҳои анъанавии ташкили дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ, ҳамчун фанни оддии таълимӣ қабул шудани тарбияи ҷисмонӣ ба ташаккули ҳавасмандии тарбияи ҷисмонӣ дар байни донишҷӯёни ихтисосҳои ғайриварзишӣ зарари ҷубронногпазир мерасонад. Зеро раванди таълиму тарбия на ба шахсияти донишҷӯ, балки ба меъёру нишондиҳандаҳои

назорату арзёбӣ нигаронида шудааст. Аксар вақт донишҷӯён ба талаботҳои стандартҳои минималии таълим риоя намекунанд, ки ин боиси сустшавии ташаккули муносибати арзишӣ ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мегардад.

Зарурати ислоҳот дар системаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, чунон ки дар тадқиқотҳои муҳақиқон исбот карда шудааст омилҳои асосии зеринро асоснок мекунанд: аҳолии кишвар, бахусус насли наврас барои дарки якпорчагии миллии худ, ки дар зери таъсири манфии ҷаҳонӣ аз авоили солҳои 90-уми асри гузашта бар меояд, дар кишвар парокандагии миллат ба вуқу омада буд, ки дастурҳои махсусро талаб мекунад.

Дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ дар маҷмӯъ зарурати баланд бардоштани сатҳи солимии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва соматикии аҳолии кишвар ба миён омадааст, ки барои пешгирӣ ва мубориза бар зидди рафтори сабукфикрии ҷавонон, одатҳои гуногуни бад (майзадагӣ, нашъамандӣ, таксикоманӣ ва ғ.) ва афзоиши ҷинояткорӣ дар кишвар зарурат барои ташкили мақсадноки фароғатии насли наврас ба миён омада, ҳамзамон барои рушди варзиши касбӣ зарурати бозомӯзӣ, омода кардан ва навсозии кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи замон ҷиддӣ пеш омадааст.

Ба шарофати ғанӣ гардидани иншоотҳои варзишӣ ва мавҷудияти шароит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баромади варзишгарони умедбахши ватанӣ, ки дастовардҳои намоёни варзиширо дар мусобиқаҳои гуногун ва олимпиадаҳои варзишӣ пайваста ба даст оварда истодаанд, симои мусбати тоҷиконро дар арсаи байналмилалӣ намоиш медиҳанд.

Ҷунон ки баъзе олимон кайд мекунанд, тарбияи чисмонӣ асоси инкишофи иҷтимоию фарҳангии шахсият (С.В.Казначеев, О.В.Лопатина) [9], қисми таркибии ташаккули маданияти умумӣ ва касбии мутахассис (Е.А.Стогова) [10] мебошад. Ҳамчун падидаи мураккаби психофизиологӣ, маданияти ҷисмонии донишҷӯ – мутахассиси оянда дар натиҷаи ба ҳам пайвастани ҳолати ҷисмонӣ ва фаъолияти касбии ӯ, эътироф намудани саломатии худ аз ҷониби донишҷӯ ҳамчун яке аз арзишҳои асосии шахсият зоҳир мегардад. Дар мафкураи донишҷӯён сатҳи баланди рушд ва потенсиали ҷисмонӣ, майл ба тарзи ҳаёти солим ва фаъолияти бомуваффақияти касбӣ, талабот ба дониш, дидгоҳҳо, самтҳои арзишӣ, принсипҳои ахлоқӣ, ҷаҳонбинӣ дар татбиқи амалии онҳо ташаккул меёбад [11].

Тавре, ки таҳлили пажӯҳишҳои хориҷӣ ва ватанӣ нишон медиҳанд, манфиатҳои машғулияти ҷисмонӣ барои солимии ҷисмонӣ ва рӯҳии мутахассисони ҳар гуна касб бебаҳост. Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, менависад Л. Пащенко, ба аҳволи саломатии одам таъсири хеле баланди пешгирӣ аз беморӣ, баланд бардоштани дараҷаи солимии ҷисмонӣ, равонӣ, физиологӣ ва ахлоқии у, мустаҳкам кардани муқовимати бадан ба таъсири зараровари беруна, кӯмак ба раҳоӣ аз одатҳои носолим, такмил додани малакаҳои ҳаракатнокӣ, ки хатари ҷароҳатро ба таври назаррас коҳиш медиҳад [12]. Аз ин рӯ, тарбияи ҷисмониро метавон ҳамчун сифати таркибии мутахассис (Г.В.Карева, С.Н.Сбитный) [13], ҳамчун шарти муҳими ташкили фаъолияти пурсамари таълимӣ ва маърифатӣ (Л.В. Фалеева) [14], ҳамчун ҷузъи таркибии фарҳанги умумии касбии шахс (Е.Ю. Перкова), ҳамчун мақсади худтанзимкунӣ ва худмуайянкунӣ муаррифӣ кард [15]. Он дастурҳои асосиро барои худмуайянкунии озодона ва дидаю дониста шахсе, ки дар давраҳои гуногуни ҳаёт аз тамоми маҷмуи арзишҳое, ки дар айни замон барои у аз ҳама муҳимтаранд, афзалтар мешуморад, муқаррар менамояд.

Тарбияи ҷисмонии шахсро ҳамчун тарбияи комплексии системавӣ эътироф намуда, С.В. Казначеева, О.В. Лопатин ва И.Б. Страхова таъкид мекунанд, ки он ҷавононро бо дарки мураккабии зиндагӣ муаззаф месозад ва ба ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ ва эҳсосии худбаҳодиҳии шахсӣ мусоидат мекунад [9]. Ин, дар навбати худ, ташаккули қобилияти баёни фикрро талаб мекунад, ки дар амал дар мавҷуд будани зарурати дониш ва малакаи фарқ кардани арзишҳои ҳақиқии фарҳангӣ зоҳир мегардад.

«Идоракунии системаи тарбияи ҷисмонии донишҷӯён дар донишгоҳҳои ғайриварзишӣ як раванди мураккабест, ки дарки амиқи тактика ва стратегияи он, инчунин интихоби дақиқи

усулҳои беҳтар намудани нишондиҳандаҳои сифати саломатӣ ва эҷоди ҳавасмандии тарзи ҳаёти солимро дар донишҷӯён талаб мекунад» [16].

Асоси нигаронидашудаи тарбияи ҷисмонӣ барои донишҷӯёни соҳаҳои ғайри варзишӣ мавқеи ибтидоии тарбияи ҷисмонӣ мебошад, ки тамоми ҷузъҳои дигари онро ба як системаи интегралӣ пайваст мекунад. Нишондиҳандаҳои асосие, ки тавассути онҳо сатҳи инкишофи тарбияи ҷисмонии донишҷӯёнро муайян кардан мумкин аст меъёрҳои объективӣ ва субъективӣ мебошанд. Дар асоси онҳо хусусиятҳои муҳмтарин ва дараҷаи зуҳуроти фаъолияти ҷисмониро дар таҳсил муқаррар кардан мумкин аст. Нишондиҳандаҳои объективӣ аз: шиддатнокии иштирок ва баромад кардан дар чорабиниҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, дараҷаи мураккабӣ ва характери эҷодии машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, имконияти дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ намоиш додани мустақилият, худомузӣ, хунарнамоии ҳаваскорона, худтакмилдӣ ва икишоф додан, ташаккули муносибати арзишманд ба тарзи ҳаёти солим дар тамоми чорабиниҳои таълимӣ иборат мебошанд.

Нишондиҳандаҳои субъективӣ дараҷаи инкишофи талаботи донишҷӯён ба фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, роҳҳои қонеъ гардондани ин талабот, дараҷаи зуҳури эҳсосоти ихтиёрӣ, ахлоқӣ ва эмотсионалӣ дар раванди фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ, дараҷаи қаноатмандӣ ва муносибат ба фаъолияти иҷрошударо дар бар мегирад. Чунон ки дар тадқиқотҳои А. Голобоков ва М. Наумова саломатии хуб гуфта шудааст [5, с. 323-325], ба воситаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши махсус ба вуҷуд меояд, ки бешубҳа ба азхудкунии босуръати касбҳои нави истеҳсолӣ ва усулҳои меҳнати фикрӣ ва ҷисмонӣ (Маҷаллаи Humanitarian Baltic Baltic. 2018.т . 7. No 3(24) 177), бидуни зарар ба саломатӣ, ҳатто дар зери таъсири манфии муҳити зист, дар шароити душвори фаъолияти касбӣ кӯмак мекунад. Барои он, ки кор саъю кушиши фавқулодда ба вуҷуд наоварад, на танҳо худи меҳнатро бо технологияхои гуногуни автоматӣ мувофиқ кардан, балки дар коргарон қобилияти тоб овардан ба фишори калони руҳию равонӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқиро инкишоф додан лозим аст. Аз ин ру, дараҷаи баланди ташаккули тарбияи ҷисмонӣ дар байни донишҷӯёни факултетҳои ғайриварзишӣ дар мавриде сухан рондан мумкин аст, ки донишҷӯён дараҷаи баланди ташаккули муносибатҳои арзишнокро нисбат ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш нишон дода, зарурати варзиш ва тарзи ҳаёти солимро ҳис мекунанд.

Донишҷӯёне, ки ба аҳамияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамчун яке аз арзишҳои асосии шахс боварӣ доранд, инчунин ба зарурати фаъолияти ҷисмонӣ барои мустаҳкам намудани неруи шахсият ҳавасмандӣ доранд, бо захираи мукаммали дониш, тавоноӣ ва ба такмили маҳорати ҷисмонӣ хос мебошанд. Ин категорияи донишҷӯён ба мақсаднок будани истифодаи нерӯи психологию педагогии тарбияи ҷисмонӣ барои худтаҳққиккунӣ дар ҳолати фишори зиёди эмотсионалӣ ва рӯҳӣ боварӣ доранд. Пас аз гирифтор шудан ба бемориҳои вазнин, барои бомуваффақият ташкил ва нигоҳ доштани тарзи ҳаёти солим, чорабиниҳои тарбияи ҷисмонии оммавӣ - варзишӣ ва тандурустиро дар оила ва дар ҷои кор бояд пурзур намоянд. Онҳо баъди хатми донишгоҳ дар бисёр соҳаҳои ҳаёт ташаббус нишон медиҳанд.

**Хулоса:**

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун ҷузъи пешбари фарҳанги умумӣ ва касбии мутахассиси ҳама гуна соҳа, ҳамчун хусусияти муҳими инкишофи фардии ӯ, ҳамчун арзиши асосӣ, муайян кардани сифати мавҷудияти иҷтимоию фарҳангии у, усул ва ченаки ба амал баровардани неруи маънавию шахсии у мебошад. Сатҳи баланди ташаккули тамоюли шахсӣ ва ҳавасмандии донишҷӯён ба машғулиятҳои (аз курси 1 то курси 4) мунтазами тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ ба таври назаррас нишондиҳандаҳои ҳам ҷисмонӣ ва сифатҳои муҳими касбии донишҷӯён – мутахассисони оянда, ки дар натиҷаи он муносибати арзишманд ба саломатии худ ва тарзи ҳаёти солим ташаккул меёбад.

**Адабиёт**


1. Амбалова С.А. Особенности механизмов психоэмоционального состояния в юношеском возрасте// Азимут научных исследований: педагогика и психология. 2017. Т. 6. № 4 (21). С. 270-273.

2. Бекоева М.И. Условия оптимизации профессиональной успешности студентов в современных условиях //Азимут научных исследований: педагогика и психология. 2016. Т. 5. № 4 (17). С. 63-65.

3. Бугулов А.Г., Сокаев Х.М. Роль физического воспитания в формировании практической компетенции человека //News of Scienc eand Education. 2018. Т. 3. № 3. С. 033-036.

4. Воробьева И.Н. Основные направления формирования мотивационно-ценностного отношения школьников к здоровому образу жизни //Азимут научных исследований: педагогика и психология. 2015. № 4 (13). С. 25-28.

5. Голобоков А.С., Наумова М.С. Роль физического и спортивного воспитания в социализации личности и общества //Азимут научных исследований: педагогика и психология. 2017. Т. 6. № 2 (19). С. 323-325.

6. Груздева Н.А., Ковалева М.В. Специфика проведения занятий по волейболу для студентов нефизкультурных специальностей //В сборнике: Физическое воспитание и спорт в высших учебных заведения. 2016. С. 94-97.

7. Ковалева М.В., Груздева Н.А. Структура занятий по дисциплине «Физическая культура» для студентов нефизкультурных специальностей //В сборнике: Наукоемкие технологии и инновации: сборник докладов международной научно-практической конференции. БГТУ им. В.Г. Шухова. 2016. С. 141-144.

8. Бобровский Е.А. Развитие спортивной инфраструктуры для активизации массового спорта //Карельский научный журнал. 2018. Т. 7. № 1 (22). С. 101-104.

9. Казначеев С.В., Лопатина О.В. Физическая культура в нефизкультурном вузе - подход к возможному решению ее лучшего позиционирования //Интерэкспо Гео-Сибирь. 2015. Т. 6. № 2. С. 135-139.

10. Стогова Е.А. О проблемах преподавания физической культуры для студентов технических и творческих специальностей //Ученые записки университета им. П.Ф. Лесгафта. 2014. № 2 (108). С. 155-159.

11. Доев В.К., Годжиев Г.Т. Совершенствование организационной структуры управления физической культурой и спортом //Вестник Адыгейского государственного университета. Серия 3: Педагогика и психология. 2017. № 4 (208). С. 158-162.

12. Пащенко Л.Г. Организация образовательно-оздоровительной деятельности взрослого населения в условиях физкультурно-оздоровительного комплекса // Азимут научных исследований: педагогика и психология. 2017. Т. 6. № 3 (20). С. 177-181.

13. Карева Г.В., Сбитный С.Н. Анализ методических приемов, используемых на занятиях адаптивной физической культурой со студентами, имеющими ограниченные возможности здоровья //Азимут научных исследований: педагогика и психология. 2018. Т. 7. № 1 (22). С. 99-101.

14. Фалеева Л.В. Студент и образовательная среда вуза: социально-культурный контекст //Азимут научных исследований: педагогика и психология. 2015. № 2 (11). С. 113-116.

15. Перькова Е.Ю.Оценка развития массового спорта в регионах ЦФО //Азимут научных исследований: педагогика и психология. 2017. Т. 6. № 3 (20). С. 365-368.

16. Казначеев С.В., Страхова И.Б., Лопатина О.В. Физическая культура и ее роль в воспитании студентов нефизкультурного вуза //Образование и наука. 2015. № 3 (122). С. 156-164.

## АСОСҲОИ ИНКИШОФИ МАЛАКАҲОИ ҶИСМОНӢ

***Шокиров Собир Ҷобирович*** *- мудири кафедраи тарбияи ҷисмонии ДДМИТ*
***Сафаров Қурбоналӣ Достиевич*** *- дотсенти кафедраи тарбияи ҷисмонии ДДМИТ*

Ҳадафи мақола дарҷ намудани нақши тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар тарбияи арзишҳои шахсии донишҷӯёни факултетҳои ғайриварзишӣ ба таври эътимодбахш исбот шудааст. Таҳлили таҳқиқоти сершумори омӯзгорон ва равоншиносон нишон медиҳад, ки дар вақтҳои охир тамоюлҳои арзишҳои насли наврас ба куллӣ тағйир ёфта, проблемаи тайёр кардани мутахассисонро барои соҳаҳои гуногуни ҳаёт тезу тунд гардондааст.

**Калидвожаҳо:** тарбияи ҷисмонӣ, варзиш, маданияти ҷисмонӣ, арзишҳои шахсӣ.

## ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ ФИЗИЧЕСКИХ НАВЫКОВ

**Шокиров Собир Джабирович** - заведующий кафедрой физического воспитания ТГФЭУ

**Сафаров Курбонали Достиевич** - доцент кафедры физической культуры ТГФЭУ

Цель статьи-убедительно доказать роль физической культуры и спорта в воспитании личностных ценностей студентов нецензурных факультетов. Анализ многочисленных исследований педагогов и психологов показывает, что в последнее время в корне изменились ценностные тенденции подрастающего поколения, обострилась проблема подготовки специалистов для различных сфер жизни.

**Ключевые слова:** физическая культура, спорт, физическая культура, личные ценности.

Баъд аз пош хӯрдани Итиҳоди Шӯравӣ дар ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо, дар бораи инкишоф ва оммавияти варзиш як қатор чорабиниҳои судманд андешида шудааст. Дар натиҷаи дастгирии пайгирона ва хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дигар сохторҳои давлатӣ, инчунин сохторҳои ғайри давлатӣ соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш рушду нуму ёфта истодааст.

Вобаста ба талаботи биологии организми одам, иҷрои мунтазами машқҳои чисмонӣ ба мушакҳои бадани инсон муҳим буда, чун обу ҳаво лозим аст. Тавассути машқ узвҳои организми одам обутоб ёфта, саломатии инсон мустаҳкам мегардад.

Коршиносон ва олимони соҳа исбот намудаанд, ки ҳангоми иҷрои машқҳои чисмонӣ дар организми инсон якчанд тағйироти ҷиддии анатомию физиологӣ, равонӣ, биохимикӣ ва мубодилаи бошиддати моддаҳо ба вуқӯъ меоянд [3]. Вобаста ба ҳаракатҳои одам инкишофи системаи асаб, системаи такя ва ҳаракат, мавзунии қадду қомат инкишоф меёбад. Дар натиҷаи машғулиятҳои мунтазам, истифода аз услулҳои фаъоли таълими машқварзӣ, одам метавонад худро аз бемориҳо: хусусан бемориҳои шамолхӯрӣ, зуком, беморӣи дил ва рагҳои хунгузар, фаромӯшхотириро пешгирӣ намуда, саломатии инсон мустаҳкам ва бардавом мешавад.

Аз асари бузурги Абӯали ибни Сино «Қонуни тиб» мебинем, ки аз ҷумла гуфта шудааст: «Анвои ҳаракат аз қабили ҳаракат ҳангоми роҳгардӣ, ҳангоми риёзати бадан, ҳангоми ҷимоъ ва ҳаракати нафсонӣ мебошанд… Аммо усули эътидоли ҳаракат аз рӯи ҷамъи ҳаракат, ҳангоми риёзати бадан, на тӯлонии хастакунанда ва тамоман шадиднок бошад, зеро гарчанд кӯтоҳ идома ёбад ҳам, тӯлонӣ менамояд, инчунин набояд суст бошад, чунки гарчанде тӯл кашад ҳам, кӯтоҳ менамояд» [4].

Мо, аз рӯи тавсияҳои Абӯалӣ ибни Сино мебинем, ки табиби бузург таъкид менамояд, то ҳар як машғулияти ҷисмонӣ дар ҳолатҳои риоя накардан ба қонуниятҳои услубӣ ва принсипҳои иҷрои машқҳо одамро метавонад аз фоида дида бештар зарар оварад. Ақидаи ин олими бузургро назария ва методикаи педагогикаи муосир низ то имрӯз инкор накардаанд.

Табибон ва педагогҳои муосири соҳа Ашмарин Б.А., Боген М.М., Матвеев Я.Т., А. Маҳмадов., Бобоҷонов А.К., Сафаров Ш.А. ва дигарон низ тавсияҳои Ибни Синоро дар корҳои илмии худ васеъ дастгирӣ менамоянд.

Сарвари давлатамон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд, ки «Рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, инчунин бо ҳамин роҳ густариш бахшидани тарзи ҳаёти солим ва ҳифзи генофонди миллат аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин мебошад».

Маҳз барои ҳамин ҳам, ба омӯзгорон ва мураббиёни самти варзиш тавсия дода мешавад, ки машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро ба насли наврас бо мақсади солимгардонии миллат, пешгирӣ аз одату машғулиятҳои зиёновар, тарбия намудан дар рӯҳияи ватандӯстию худшиносии миллӣ, пешгирӣ аз гаравишҳои ифротгароии, бо истифода аз усулҳои афзалиятноку судманд баргузор намоянд. Дар ин маврид барои омӯзгори варзиш зарур аст, ки таъсирбахшии машққҳои ҷисмониро ба ҳисоб гирифта, вобаста ба шароити мавҷудбуда, аниқ, дастрас ва вобаста ба имкониятҳои фардии организми машғулияткунанда, ки кулл ва ягона мебошад, бо назардошти имкониятҳои фардӣ, инкишофи сифатҳои ҷисмонӣ, ҳолати рӯҳию равонӣ, ки ба ҷисми инсон таъсири мусбӣ мерасонанд, дарк намуда, пайваста баргузор намоянд.

Таҳлил ва мушоҳидаҳои кори мо нишон дод, ки ба нафарони бо варзиш машғулбуда чунин корҳо осон ва дастрас аст.

Шахсоне, ки ба варзиш машғул нестанд, иҷрои ин амалҳо барои онҳо хеле фарққунанда вазнин ва мушкил эҳсос мешуданд.

Аз ин лиҳоз, фарқи сарбории машқварзии варзишгарон ва шахсони бо варзиш машғул набуда (ғайри варзишгарон) махсусиятҳои хоси худро дошта, аз ҷиҳати таъсирбахшии сарбории ҷисмонӣ хеле фарқунанда мебошанд.

Дар рафти тадқиқот мо натиҷабардорӣ намудем, ки агар машғулияткунанда ба машғулиятҳо эътибори махсус зоҳир накарда, супоришҳои додашударо беҳавсала, ғайри хоҳиш, бо дили нохоҳам иҷро кунад, аз ҷиҳати инкишофи сифатҳои ҷисмонӣ, беҳдошти рӯҳию иродавӣ ба муваффақият ноил намешавад.

Нафароне, ки бо тамоми ҷидду ҷаҳд, аз рӯи барнома ва ба таври мунтазам, вобаста ба тавсияҳои устодон машқварзӣ кардаанд, дар пеши чашми ҳамсабақон куллан тағйир ёфта, аз ҷиҳати ҷисмонӣ тараққӣ кардаанд. Инҳо аз ҷиҳати дарсазхудкунӣ низ муваффақ мебошанд. Ҳамзамон, фаъолнокиашон низ баланд гардида, нафарони болаёқат дар мусобиқаҳои варзишӣ ширкат намуда, бо дастовардҳои ифтихории варзишӣ ноил шудаанд.

Хулоса, дар асоси талаботи илмӣ-методӣ кору фаъолияти тамрини машқварзонро ташкил намуда, дар мавриди интихоби дурусти намуди варзиш ва машқварзӣ, вобаста намудан ба таъсирбахшии шароиту иқлим, инчунин ба таъминоти асбобу анҷомҳои варзишӣ, таъмини ҷой ва шароити муътадил омилҳои муҳимтарини қонуниятҳои таҳкимдиҳандаи қобилияти ҷисмонӣ мебошанд.

**Адабиёт**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш». Аз 16.04.2017.
2. Барномаи маҷмуии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумхурии Тоҷикистон барои солҳои 20017-2022.
3. Абуалии Сино. Ал – қонун. Маводи интернетӣ.
4. Анатомия человека. Учебник для института Физической культуры под ред. В.И. Козлова М.: ФиС, 1978. Сах.72-90.
5. Анишенко В.С. Физическая культура: Методико-практические занятия студентов: Учебное пособие. -М.: Издательство РУДН, 1999. Сах. 284-300.
6. Волков В.Ю. и др. Организаия и контроль в реабилитации здаровья студентов Уч. Пособие СП6ГТУ, СП6, 2006.

## МУНДАРИҶА-СОДЕРЖАНИЕ


| № | Ном, насаб ва номи падар | Номи мавзуъ | Саҳифа |
|---|---|---|---|
| 1. | Насриддинов Х.Н. | Деятельность А. М. Мухтарова по сбору и расшифровке эпиграфических материалов | 3-6 |
| 2. | Муллоҷонзода А.К. | Рушди саноатикунонӣ дар замони истиқлол | 6-9 |
| 3. | Носиров С.Ш. | Роҳу тарзҳои арзёбии маҳорати рефлексивии ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии толибилмон | 9-14 |
| 4. | Абдулвоҳидова Ф.М. | Хотироте аз нахустин хонандаи осори академик Аҳрор Мухторов | 14-16 |
| 5. | Ҳамидова Қ.Ҳ. | Низоми андозу андозситонӣ дар сарзамини сосониён пас аз тасарруфи арабҳо | 17-22 |
| 6. | Манғитов М. | Методи ратсионалӣ-дедуктивии рене декарт | 22-25 |
| 7. | Сабуров У.С. | Тарбияи меҳнатии духтарон ва мушкилоти хонадории онҳо дар оилаи муосири тоҷик | 25-29 |
| 8. | Зарифов М.А. | Хронологическая модель развития согдийской культуры и искусства б.и. маршака по археологическим материалам Пенджикента | 29-32 |
| 9. | Ахмедов Ф.Ҳ. | Аҳмади Дониш ва гузориши масъалаи истифода бурда шудани оби дарёи Ому | 32-35 |
| 10. | Нозимов Х.О. | Интерпретации философии образования как система воспитания и обучения личности | 35-39 |
| 11. | Сангинов Д.Н. | Виды традиционных образовательных учреждений в восточной бухаре на рубеже xix–xx веков | 39-42 |
| 12. | Турсунова А.Э. | Таъсири муассисащои оила дар раванди иҷтимоигардии насли ҷавон | 42-45 |
| 13. | Сангинов Д.Н. | Глобальные инициативы таджикистана в области водной дипломатии | 45-48 |
| 14. | Мирзоев А.Р. | Ҷанбаҳои асосии тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар шароити муосир | 48-52 |
| 15. | Давлатова М.Д. | Нақши зани тоҷик дар танзими анъанаҳои миллӣ: таҷриба, мушкилот ва роҳҳои рушди устувор | 52-56 |
| 16. | Ҳабибов С.И. | Ҳамкории бозрасии давлатии автомобилӣ бо вазорати тандурустӣ дар таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳо | 56-60 |
| 17. | Бойназаров Ҳ. | Нақши оила ва мактаб дар тарбияи аҳаммулпазирии ҷавонон ва наврасон | 61-65 |
| 18. | Ахмедова С.П. | Вклад молодежи Кулябской области Таджикской ССР в социально- | 65-69 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | экономическом развитии республики в 60-е годы xx века | |
| 19. | Мирзоев А.Р. | Ҷавонони ватандӯст ҳамчун нерӯи созандаи Тоҷикистони соҳибистиқлол | 69-75 |
| 20. | Изатов Ю.М. | Инъкоси вазъи кишоварзии аморати бухоро дар осори муаррихони маҳаллии нимаи дуюми асри xviii-ибтидои асри xx | 75-78 |
| 21. | Маҳмудов А.С. | Тадқиқотҳои археологии Вашгирд | 78-81 |
| 22. | Негматова Н.А. | К вопросу о противодействии финансированию терроризма и уголовной ответственности за него | 81-85 |
| 23. | Ҷангиев Ҷ.Ё. | Терроризми байналмилалӣ ва хатари он ба ҷомеаи мутамаддин | 85-88 |
| 24. | Фозилзода О.М. | Мафҳуми оила ва хусусятҳои он дар ҷомеаи муосир | 88-93 |
| 25. | Ҳакимов С.Р. | Саҳми пешвои миллат дар бузургдошти тамаддуни ориёи | 93-96 |
| 26. | Ҳомидова Г.Р. | Пешвои миллат эҳёгар ва муаррифкунандаи фарҳанги тоҷикон | 96-99 |
| 27. | Шокириён М. | Фарҳанги миллӣ дар низоми сиёсию маънавӣ | 99-103 |
| 28. | Сафаров Қ.Д., Сафаров М.Қ | Тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун арзиши шахсии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайриварзишӣ | 103-108 |
| 29. | Шокиров С.Ҷ., Сафаров Қ.Д. | Асосҳои инкишофи малакаҳои ҷисмонӣ | 108-110 |